ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

ВБД:9 (575,3) Бо ҳуқуқи дастнавис

ТИЛЛОЗОДА АНВАРШО АБДУЛҲАҚ

# ҲАЁТИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ ДИГАРГУНСОЗИҲОИ ОХИРИ АСРИ XX ВА АВВАЛИ АСРИ XXI

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих
аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ
(07.00.02 –Таърихи ватанӣ)

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои таърих
Муллоҷонзода А.К.

Данғара – 2025

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРОТ ВА ИШОРАҲОИ ШАРТӢ** .......................... 3

**МУҚАДДИМА** ........................................................................................ 4

**БОБИ I. ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ БОЗСОЗИИ ШУРАВӢ (1985-1991)**

1.1. Вазъи сиёсии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар даврони бозсозии шуравӣ ва омилҳои таъсиргузор дар пастравии иқтисодиёти кишвар.............................................................................21

1.2. Тағйирот дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ ва пастшавии некуаҳволии халқ ............................................................................37

**БОБИ II. ДИГАРГУНИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ПАС АЗ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ (1991-2000)**

2.1. Вазъи иқтисодии Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва пойдор сохтани сулҳ дар солҳои 1991-2000.........................................61

2.2. Ҳаёти иҷтимоии мардум дар шароити буҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ..........................................................................84

**БОБИ III. БЕҲТАР ШУДАНИ ВАЗЪИЯТИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР ВА БОЛОРАВИИ САТҲИ ЗИНДАГӢ ДАР СОЛҲОИ (2000-2016)**

3.1. Татбиқи стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳо дар соҳаи иқтисодӣ......................................................100

3.2. Сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дар таъмини некуаҳволӣ ва бехатарии озуқаворӣ дар кишвар .................................................126

**ХУЛОСА** ..............................................................................................**149**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ....................................**156**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРОТ ВА ИШОРАҲОИ ШАРТӢ

**ҶШС Тоҷикистон** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон
**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ
**КМ ҲКИШ** – Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ
**ҲКИШ** – Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ
**ҶШФСР** – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия
**ИҶШС (СССР)** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ
**ИДМ (СНГ)** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
**ҲКИШ (КПСС)** – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ
**КИМ** – Кумитаи Иҷроияи Марказӣ
**КМ** – Кумитаи Марказӣ
**НБО** – Неругоҳи барқи обӣ
**ПГБ** – Пойгоҳи гармидиҳандаи барқӣ
**ПМТ (МТС)** – Пойгоҳи мошинӣ – тракторӣ
**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид
**ҲК (б)** – Ҳизби Коммунистӣ (болшевикӣ)
**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ШВ ИҶШС** – Шурои Вазирони Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ
**ШО ЧТ** – Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода
**БИР** – Бонки Исломии Рушд
**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ яке аз ҳаводиси таъсиргузори олам буда, ба ҳамон андозае, ки таъсиси он дар соли 1922 тарҳи нав дар ҷаҳон андохта буд, заволу азбайнравиаш дар соли 1991 низ минтақа ва ҷаҳонро мутаҳаввил гардонд. Ин раванд дар сарнавишти мардуми тоҷик ва кишвари Тоҷикистон низ таъсири амиқ гузошт. Дар пайи ин тамоюлҳои ислоҳотпазир мавҷи дигаргунсозиҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодӣ сарозер гардида, дар кӯтоҳтарин фурсат паёмадҳои бузургеро дар ростои тағйирёбии куллии ҷомеа пиёда сохт. Зарурати таҳқиқоти ин мавзуъро бо чанд далел метавон собит кард:

**Якум**, Тоҷикистони Шуравӣ дар нимаи дуюми солҳои 80-уми асри XX ба раванди бозсозӣ ворид шуда, роҳи нави муносибатҳои сиёсӣ ва иқтисодиро пеш гирифт. Бозсозӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ мушкилоти мавҷудаи муносибатҳои миллиро ошкор ва ҳаркатҳои сиёсиро дар бештари ҷумҳуриҳо, хусусан Тоҷикистон ба вуҷуд овард.

**Дуюм**, бо пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ вазъи иҷтимоиву сиёсии Тоҷикистон тағйир ёфта, бухрони амиқи сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба миён омад, ки ин бухрон дар кишвар мушкилоти зиёди фарҳангиву маънавӣ ва сиёсиву амниятиро ба бор овард. Мухолифати байни гурӯҳҳои сиёсӣ сабаби шиддат гирифтани вазъи бухронӣ гардида, ба вазъи иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа таъсири манфӣ расонд.

Сеюм, истиқлолият дар моҳият заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқиро барои эҳё ва таҳкими ҳувияти миллӣ ва ҷомеаи миллӣ фароҳам овард. Аммо ҷанги шаҳрвандӣ ин орзуву умедҳои таърихӣ ва, умуман, рушди ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқро барои даҳсолаҳо ба таъхир андохт. Барои бозгӯйӣ ва таҳлили равандҳои тағйирёбандаи ҷомеаи шуравии тоҷик, асосҳои истиқлоли давлатӣ, ногузирии дигаргуниҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷараёни ташаккули хоҷагии халқ зарур аст, ки таҳқиқоти муфассалу низомманди илмӣ анҷом дода шавад.

**Чорум**, пажуҳиши мавзуи мазкур метавонад бархе аз паҳлуҳои норавшани ҳаводиси иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии

начандон дури таърихи Тоҷикистонро дар охири асри XX ошкор намояд.

**Панҷум**, дастовардҳо дар соҳаҳои мухталифи иҷтимоӣ, дар бахшҳои гуногуни хоҷагии халқ, монеа, камбудӣ ва норасоиҳои мавҷуда, ки аҳаммияти муҳимми назариявию амалӣ ва тарбиявӣ доранд, мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Шашум,** гарчанде ки дар ин самт як қатор асарҳо ва мақолаҳо ба табъ расидаанд, масъала то ҳол дорои ҷанбаҳои таҳқиқталаб ва баҳсбарангез боқӣ мондааст. Бисёре аз паҳлуҳои он ҳанӯз пурра равшан нашуда ва мавзуъ то кунун ба таври ҳамаҷониба ва низомманд мавриди омӯзиши илмӣ қарор нагирифтааст.

Инчунин, мубрамии мавзуи таҳқиқот дар баррасии ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба таври маҷмуӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аҳаммияти мавзуъ ва нақши он дар ташаккули маърифати ҷомеа, худшиносии миллӣ ва аз ҷониби муҳаққиқон ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудани масоили мавриди назарро ба инобат гирифта, мавзуи мазкур ба ҳайси таҳқиқоти илмӣ интихоб карда шуд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**: мавзуи мавриди таҳқиқ то ҳанӯз мавриди омӯзиши пурра ва амиқ қарор нагирифтааст. Аммо паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар солҳои 80-уми асри XX ва замони истиқлол дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, асарҳои бунёдӣ, китобу мақолаҳои зиёди илмӣ, мақолаҳои публитсистӣ, асарҳои ёддоштӣ ва рисолаҳои илмӣ инъикос ёфтаанд, ки нигоҳи ҷуғрофӣ ва хронологии таҳқиқот онро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст.

**Ба гурӯҳи якум** осори илмии муҳаққиқону донишмандони ватанӣ дохил мегарданд, ки мо дар вақти омода намудани диссертатсия аз он самаранок истифода намудем. Олимони тоҷик, ки дастрасии бештар ба сарчашмаҳо дошта, ҳаводиси кишвар дар сарнавишти онҳо асаргузор

аст, нисбат ба олимону муҳаққиқони хориҷӣ пешгом будаанд. Новобаста аз маҳдудиятҳои идеологӣ ва сиёсӣ, саҳми донишмандони тоҷик дар таҳқиқи ин мавзуъ назаррас ва дар ҷойгоҳи муҳим қарор дорад. Хусусияти муҳимми таҳқиқоти донишмандони ватанӣ ба монанди Ф.М. Абдурашитов [78; 79; 80], Р.А. Абулхаев [82], Р.С. Аллен [89], Т.А. Арташкина [90], Р. Алимов [88], И. Афсахов [91], Ш. Акрамов [86], З.И. Акрамов [230], Р.Х. Азимова [83], М. Алиджанов [87], И.С. Ашуров [92], А.Б. Баратов [94], П. Горбачёв [100], С.Я. Дентсик [101], Р. Домладжанов [103], А.К. Зайферт [104], Ф. Зикриёев [106; 107], М. Иномов [108], С. Исломов [109; 110], ки олимони ватанӣ дар баррасиву арзёбиҳои худ мавқеи бетарафона надошта, "ҳамеша ҳодисаҳоро мӯшикофона таҳқиқ карда", мавқеи худро нисбат ба масъала муайян намудаанд. Албатта, саҳми ҳамаи донишмандон яксон набуда, сифати таҳқиқ ва хулосаҳои бадастомада низ гуногунҷанба мебошад. Гоҳҳо мо шоҳиди муҳокимарониҳои олимона гардидем ва баъзе таҳқиқот нисбатан сатҳӣ баромадааст, ки дар дохили диссертатсия ба он ишора мешавад.

Яке аз сарчашмаҳои заминавӣ омӯзиши ҷанбаҳои таърихии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар китоби «Таърихи халқи тоҷик» [112, с.742] ба ҳисоб меравад. Китоби мазкур давраи солҳои 1941-2010-ро дар бар гирифта, дар он барқарорнамоии баъдиҷангии хоҷагии халқ, дастовардҳо дар соҳаи ҷамъиятӣ-сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ, муваффақиятҳои Тоҷикистон дар солҳои бунёди саноат, бадастории истиқлол, давраи ҷанги шаҳрвандӣ, гуфтушунидҳо ва рушди осоиштаи кишвар, таҳлили вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тағйироти фарҳангӣ, илмӣ ва таълимӣ, муносибатҳои Тоҷикистон бо дигар давлатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шудааст.

Г.Х. Ҳайдаров дар асари худ «Таърихи халқи тоҷик: асри XX» [192, с.508], ки дар асоси ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва мулоҳизаҳои муаллиф навишта шудааст, ҳодисаву воқеаҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик дар асри XX баррасӣ карда шудаанд. Муаллиф оид ба рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ сухан ронда, дар ин самт ҷой доштани проблемаҳоро таъкид

намудааст. Дар асари мазкур ҳодисаву воқеаҳои давраи гузариш ва солҳои аввали соҳибистиқлолӣ баррасӣ гардидаанд.

Р.К. Раҳимов дар асари худ «Масъалаҳои минтақавии баланд намудани маҳсулнокии меҳнат» [137, с.176] бунёди неругоҳҳои бузурги минтақаро таҷассум намуда, сохтмони корхонаҳои бузург, аз ҷумла Заводи алюминии тоҷикро, ки заминаи асосии саноати ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки сохтмон ва ба истифода дода шудани миқдори муайяни корхонаҳои саноатӣ дар давраи солҳои 1971-1990 ба маҳсулнокии меҳнат, ба беҳтар гардидани вазъияти иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ мусоидат намудааст.

Ф.М. Абдурашитов дар монографияи худ «Земельно-водная реформа в Таджикистане в конце XX -начале XXI вв. (1991-2016 гг)» [78, с.390] ба масъалаҳои мухталифи ислоҳоти замин рӯй оварда, масъалаҳои ҷойдоштаро дар ин самт мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додааст. Инчунин, чорабиниҳои асосӣ, ки аз тарафи роҳбарияти кишвар баҳри истифодаи самараноки замин қабул гардидааст, ба риштаи таҳлил кашида, дар ин самт камбудиҳои ҷойдошта ва дастовардҳои муайянро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Илова бар ин, ба ин гурӯҳ суханрониҳо, баромадҳо ва асару мақолаҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дохил мешавад. Дар баромад ва муроҷиатҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, рушди корхонаҳои саноатӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ таҷассум гардида, вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар кишвар, самтҳои афзалиятноки рушди давлат ва ҷомеа инъикос ёфтаанд [32, с.702].

Яке аз сарчашмаҳои муҳим китоби Э. Раҳмонов «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат» [15] ба ҳисоб меравад, ки дар 21 ҷилд нашр гардидааст. Китоби мазкур тамоми баромад ва изҳороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад. Дар китоб далелҳо ва

оморҳои мушаххас оварда шудааст, ки дар омӯзиш ва баррасии масъалаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар сарчашмаи муҳим ба ҳисоб меравад.

**Ба гурӯҳи дуюм** муҳаққиқону донишмандони хориҷӣ шомил мегарданд, ки ба ин масъала пардохта, осори мухталифи илмиро рӯйи чоп овардаанд [149, с.164,117, с. 52, 143, 129, с.109, 130, 97, с.212, 134, с.44]. Омӯзишу таҳқиқи олимони хориҷӣ низ дар доираи илмҳои таърих аҳаммияти муҳимро доро мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки на ҳамаи таҳқиқоти олимону донишмандони хориҷӣ объективӣ ва холисона мебошанд. Ошноӣ бо таҳқиқоти олимону муҳаққиқони хориҷӣ имкон медиҳад, ки аз зовияҳои гуногун ба ин мавзуъ руҷуъ карда, як таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳем.

**Гурӯҳи сеюми** таҳқиқот ин навиштаҳои донишмандони соҳаҳои дигар, аз ҷумла, сиёсатшиносон, иқтисоддонҳо ва дигар бахшҳои илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ мебошад [114, 247, с.191, 133, с.152, 133, с. 152, 231, с.153, 267, с.293, 163, с. 134, 162, с.176], ки барои такмили омору хулосаҳои ин ҷониб судманд буданд.

Дар монографияи О.К. Каримов «Вазъияти сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 90-уми асри XX ва оғози асри XX1» [125] масъалаҳои муҳимми давраи гузариш, масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ пас аз оғози давраи бозсозӣ, ки тамоми ҷумҳуриро фаро гирифта буданд, таҷассум гардидаанд. Муаллиф ба таври хронологӣ пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намудааст.

Дар китоби Д. Назриев ва И. Сатторов «Ҷумҳурии Тоҷикистон: таърихи истиқлолият» [114] бо тартиби хронологӣ ҳодисаву воқеаҳои муҳимми ҷамъиятӣ-сиёсии Тоҷикистон дар оғози солҳои 90-ум таҷассум гардидаанд. Дар ин китоб ҳуҷҷатҳое оварда шудаанд, ки қарорҳои муҳимми сиёсиро дар бар гирифтаанд ва муносибати неруҳои мухталифи сиёсиро ба ҳодисаву воқеаҳои гуногун таҷассум менамоянд. Инчунин, дар асари мазкур ҳодисаву падидаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвар

таҷассум гардида, оид ба мансабдорони алоҳидаи сиёсӣ, ки ба раванди таърихӣ таъсири назаррас расонидаанд, маълумот пешниҳод карда шудааст.

**Гурӯҳи чорум** диссертатсияҳо ва авторефератҳо ба ҳисоб меравад [227, с.274]. Чунон ки дар боло ишора намудем, оид ба масоили мухталифи давраи мазкур чанд таҳқиқот дар қолиби диссертатсияҳои номзадӣ таълиф гардидааст, ки дар рафти таҳқиқ аз онҳо низ то андозае истифода намудем. Бояд қайд намуд, ки ҳангоми таҳлил ва хулосабарорӣ аз факту рақамҳо, хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертатсияҳо низ самаранок истифода намудем.

**Гурӯҳи панҷум** мақолаву гузоришҳо аз шабакаи Интернет мебошад [253]. Лозим ба ёдоварист, ки дар баъзе аз саҳифаҳои расмии муассисаю корхонаҳо ҳисоботи солона ва дигар номгӯйи дастовардҳо гузошта шудааст, ки метавон аз он ҳамчун пойгоҳи сарчашмашиносӣ истифода намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара «Масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2017-2021 иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии кори диссертатсионӣ таҳлили вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи бозсозии Шуравӣ ва давраи ташаккули истиқлоли давлатӣ мебошад. Дар доираи ин аҳдоф зарур дониста мешавад, ки тағйироти сиёсиву маъмурӣ, дигаргуншавии низоми хоҷагидорӣ, таъсири ҷанги шаҳрвандӣ ба сохторҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар, инчунин, омилҳои асосии рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ баррасӣ ва арзёбӣ шаванд.

Барои расидан ба ҳадафи таҳқиқот иҷрои **вазифаҳои зерин** зарур мебошад:

- ҳаёти сиёсӣ дар ҶШС Тоҷикистонро дар солҳои бозсозии шуравӣ таҳлил намуда, нақши онро дар бедории худшиносии миллӣ ва паёмадҳои он барои зиндагии иҷтимоиву иқтисодии аҳолии кишвар муайян ва мавриди баррасӣ қарор диҳад;

- таҳқиқ ва муайян сохтани дигаргуниҳое, ки дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ ба амал омадаанд, ҳамчунин, таҳлили омилҳое, ки боиси коҳиши сатҳи некуаҳволии аҳолӣ гардидаанд;

- таҳлили вазъи иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарорсозии низоми сулҳу субот дар солҳои 1991-2000;

- омӯзиши ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ дар шароити буҳрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ, муайян намудани сабабҳои асосии он ва арзёбии паёмадҳои иҷтимоию иқтисодии ба миён омада;

- таҳқиқи ҷараёни татбиқи стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзёбии дастовардҳо дар соҳаи иқтисоди миллӣ;

- баррасии сиёсати иҷтимоии ҳукуматӣ дар самти таъмини некуаҳволии аҳолӣ ва таҳкими амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI (1985-2016) ба ҳисоб меравад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** аз омӯзиш ва баррасии равандҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ дар даврони бозсозӣ ва давраи истиқлолияти Тоҷикистон (1985-2016) иборат аст.

**Марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот** солҳои 1985-2016-ро дар бар мегирад. Ин марҳилаест, ки на танҳо вазъияти иҷтимоиву иқтисодии кишвар дигаргун гардид, балки сохтори давлативу ҷамъиятӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Ба воқеаҳои фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ, талафоти зиёди моддӣ, маънавӣ, инсонӣ ва паст рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ нигоҳ накарда, ин марҳила марҳилаи тақдирсоз барои тамоми кишвар ба ҳисоб

меравад. Дар марҳилаи мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳоро қабул намуд, ки ба барқарор сохтани хоҷагии халқ, таъмини рушди соҳаҳои гуногун мусоидат намудааст. Аз ин хотир, марҳилаи мазкур дорои хусусиятҳои мушаххаси рушд мебошад, ки ба баррасии илмӣ ниёз дорад. Ҳудуди таҳқиқот қаламрави имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва то андозае, вақте сухан дар бораи равандҳои ба ҳамаи кишварҳои пасошуравӣ хос меравад, ҳудуди собиқ ИҶШС-ро дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот** Таҳқиқоти мазкур солҳои 1985-2016-ро дар бар мегирад, ки дар он на танҳо вазъияти иҷтимоиву иқтисодии кишвар дигаргун гардид, балки сохтори давлативу ҷамъиятӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Дар таҳқиқот тамоми қаламравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамун объекти таҳқиқот баромад намуда, бештар рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар дар ин марҳила диққат дода шудааст.

Таҳқиқоти мазкур аз марҳилаҳои зерин иборат аст:

**-марҳилаи якум (2018-2020):** дар ин марҳила мавзуи таҳқиқот интихоб гардида, мувофиқ ба он адабиёт ва сарчашмаҳои зарурӣ ҷамъоварӣ карда шуданд. Сипас дар асоси маводҳои мавҷуда нақшаи таҳқиқот ва методология он муайян карда шудааст;

**-марҳиаи дуюм (2021-2022):** ҷамъоварӣ ва омӯзиши сарчашмаҳо идома ёфта, натиҷаҳои ибтидоии бадастомада дар шакли маърӯза ва мақолаҳои алоҳида нашр карда шуданд. Илова бар ин, бо шахсони алоҳида – шоҳидони ҳодисаву воқаҳои олҳои 90-ум асри ХХ суҳбатҳо гузаронида шуд;

**-марҳилаи сеюм (2023-2024):** таҳқиқот ба пуррагӣ ба расмият дароварда шуда, натиҷаҳои ниҳоии он муайян карда шуданд. Натиҷаҳои ниҳои он дар шаки мақолаҳои илмӣ чоп карда шуданд. Таҳқиқоти анҷомёфта барои баррасӣ ва таҳили минбаъда пешниҳод карда шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои Пешвои миллат, аз қабили «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Чеҳраҳои мондагор», асарҳои муаррихони маъруфи ватанӣ,

асарҳои бунёдии ба таҳқиқи таърихи муосири Тоҷикистон бахшидашуда ташкил медиҳанд. Таваҷҷуҳи зиёд ба дастовардҳои илмии муаллифони даврони Шуравӣ, аз ҷумла дар илми таърихии ин давра бадастомада, имконоти техникӣ ва иқтисодии кишвар бо назардошти воқеиятҳои тағйирёфта таҳлил карда шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Ҳангоми омодасозии диссертатсия усулҳои гуногуни таҳқиқи маводи бойгонӣ, маводи ВАО ва асарҳои таърихӣ, пеш аз ҳама, омӯзиши асосу далелҳо, муқоисакунӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, тавсия, таҳлили системавӣ, хулосабарорӣ, назари интиқодӣ истифода шудаанд. Асосҳои методологии таҳқиқот принсипи материализми диалектикӣ ва объективияти илмӣ ҳамчун шарти асосии таърихи муосир гардидаанд. Методологияи таҳқиқот ба дастовардҳои таърихшиносони муосири ватанӣ ва хориҷӣ ва инчунин, асарҳои махсус оид ба таърихи иқтисодиёт ва саноат асос ёфтааст. Дар таҳлили маводҳо методҳои мухталифи илмӣ, аз ҷумла методҳои таърихӣ, муқоисавӣ, тарҷеӣ, методи мушоҳидаи умумӣ ва интихобӣ, методи оморӣ, ки объективияти таҳқиқоти мазкурро таъмин намудаанд, истифода шуданд. Дар доираи принсипи объективияти таҳқиқот хусусиятҳои таҳлилӣ мушаххас гардида, ҳаводиси таърихӣ воқеъбинона инъикос гардиданд.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Сарчашмаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ маводи бойгонӣ, санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ, асару мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ, ҳисоботи ташкилоту муассисаҳо, мақолаҳои публитсистӣ ва сомонаҳои расмии вазорату кумитаҳои ҷумҳурӣ ба ҳисоб мераванд, ки онҳоро шартан ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

- Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ, баромаду суханрониҳо ва асарҳои Пешвои миллатро метавон шомил намуд [1]. Бояд қайд кард, ки Паёмҳо, суханрониҳо ва осори илмии Пешвои миллат сарчашмаи муҳим дар рафти таҳияи диссертатсияи мазкур ба ҳисоб мерафт, зеро дақиқтарин ва муҳимтарин маълумот оид ба натиҷаҳои ҳарсолаи кишвар маҳз дар

Паёмҳои Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки дар марҳилаи дигаргуншавии низоми сиёсӣ ва иқтисодӣ заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии рушди соҳаҳои мазкурро фароҳам овардаанд, ба ҳайси сарчашмаи муътамад мавриди истифода қарор гирифтаанд [54, с.64, 55, 62, 68, 63, 65, 60, 67, 66, 71, 68, 73].

- маводи бойгониҳои гуногун низ дар ҷараёни таҳқиқот ва таълифи диссертатсия фаровон истифода гардид, ки аҳаммияти фавқулода дар ҳар таҳқиқоти илмӣ дорад [45, 46, 48,49, 50, 53, 52].

- маводи матбуоти даврӣ ва маълумоти шабакаҳои интернетӣ мебошад, ки дар шароити кунунӣ бе истифодаи он таҳқиқоти илмиро низ наметавон ба анҷом расонид, ба шумор меравад [118, 199, 203, 222, 175, 201, 197].

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар шакли маҷмуӣ таҳқиқиқоти диссертатсионӣ оид ба вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳо ва тағйироти куллии охири асри XX ва аввали асри XXI анҷом ёфтааст. Дар доираи таҳқиқоти мазкур тамоми давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дидгоҳи рушду тағйироти иҷтимоиву иқтисодӣ мавриди баррасии муфассал қарор гирифтааст. Талоши асосӣ ба он равона шудааст, ки равандҳо бо риояи меъёри объективият арзёбӣ гарданд. Аз тарафи муаллиф бо назардошти қобили қабул будан хулосаҳои мушаххас барои ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаи иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ пешниҳод гардидааст. Ғайр аз ин, навгонии илмии диссертатсия дар нуқоти зерин баён мегардад:

- вазъияти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон дар солҳои бозсозӣ мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор мегирад. Дар ин замина, таъсири сиёсатҳои ошкорбаёнӣ ва демократия ҳамчун унсурҳои нав ба таври махсус омӯзиш меёбанд. Сиёсати бозсозӣ доираҳои зиёии ҷумҳуриро, ки солҳои зиёд аз ноадолатиҳои сиёсати

тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, беэътиноӣ нисбат ба забони модарӣ ва дигар арзишҳои фарҳангӣ норозӣ буданд, ба майдони муборизаҳои сиёсӣ кашид. Ин раванд ба шиддат гирифтани вазъияти сиёсӣ дар ҷомеа замина гузошт. Ҳамзамон, имконият ва захираҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар таҳлил ва бо далоили илмӣ асоснок карда мешаванд. Дар ҷараёни таҳлил мушкилоти мавҷуда муайян гардида, ба вазъияти воқеии иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ баҳои илмӣ дода мешавад ва хулосаҳои мушаххас бароварда мешаванд. Ислоҳоти иқтисодӣ, дар баробари баъзе дастовардҳо, як қатор камбудиҳоро низ ошкор сохт. Мавҷудияти омилҳои дохилӣ ва беруние, ки характери доминантӣ доштанд, решаҳои аслии буҳрони иқтисодию иҷтимоиро ташкил дода, бо мисолҳои воқеӣ нишон дода мешаванд.

- бо омӯзиш ва баррасии инкишофи корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ ба таври умумӣ ва мушаххас вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон муайян ва баҳогузорӣ карда шудааст. Сабабҳо ва омилҳои асосии буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон ба таври объективӣ ошкор ва мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муайян шудааст, ки раванди бозсозӣ худ сабаби буҳрони амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ набуда, балки он омилҳои зиёду мураккаберо, ки солҳои дароз зери сиёсати авторитарии давлати шуравӣ пинҳон мемонданд, ба сатҳи ошкор овард.

- вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991–2000 ба таври маҷмуӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор гирифтааст. Ҷанги шаҳрвандӣ ба харобшавии сохторҳои иқтисодӣ, коҳиши мизони истеҳсолот, густариши муҳоҷирати аҳолӣ ва фурӯпошии муассисаҳои давлатӣ оварда расонд. Дар ин замина, фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, ҳаҷми сармоягузориҳои давлатӣ, сатҳи бекорӣ, динамикаи муҳоҷирати аҳолӣ, беқурбшавии пул ва болоравии сатҳи камбизоатӣ, дар маҷмуъ, мавриди таҳлил ва арзёбии илмӣ қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, раванди ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ бо риояи меъёри объективият таҳқиқ гардида,

ҳам дастовардҳо ва муваффақиятҳо ва ҳам камбудиву номувозинатиҳо дар бахшҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ мавриди баррасии амиқ ҷой дода шудаанд.

- бо такя ба далелҳои возеҳ сатҳи нокифояи истеҳсолоти дохилӣ, афзоиши вобастагӣ аз воридот, ноустувории тавозуни пардохтӣ, беқурбшавии асъори миллӣ ва болоравии қарзи хориҷӣ мавриди арзёбии илмӣ қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, сатҳи камбизоатӣ, нишондиҳандаҳои даромад ва истеъмолоти аҳолӣ, ноустувории низоми фискалӣ ва мушкилоти марбут ба фирори мағзҳо бо истифода аз маълумоти мушаххас таҳлил ва баҳо дода шудаанд.

- механизми татбиқи барномаҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳалли ҳадафҳои стратегии кишвар мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҷанбаҳои мусбат ва манфии раванди иҷрои онҳо бо риояи меъёри объективият арзёбӣ шудаанд. Дар ҳамин замина, шароити амалӣ гардондани барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, ки ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, таҳкими истиқлолияти энергетикӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ равона шудаанд, ба таври мушаххас мавриди омӯзиш, таҳлил ва баҳогузории илмӣ қарор гирифтаанд.

- таъмини рушди соҳаи кишоварзӣ, дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои нави истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ, кумак ба гурӯҳҳои осебпазир, коҳиши камбизоатӣ, таъмини дастрасӣ ба маводи ғизоии босифат, тавсеаи иқтидорҳои истеҳсолӣ, идоракунии хавфҳои эҳтимолӣ дар бозори озуқаворӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва рушди устувори иқтисоди кишвар ба таври маҷмуавӣ ва мушаххас мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор дода шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дар солҳои бозсозии шуравӣ вазъи сиёсии ҶШС Тоҷикистон таҳаввулоти ҷиддиро таҷриба намуд. Сиёсати бозсозӣ ба ислоҳоти иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷумҳурӣ таъсир расонд. Афзоиши озодии баён ва

фаъолияти сиёсӣ боиси ташаккули ҳаракатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва афзоиши рақобати сиёсӣ гардид. Аммо ин раванд ҳамзамон боиси заифшавии назорати ҳизби коммунистӣ ва ихтилофоти дохилӣ дар ҷомеа гардид. Яке аз омилҳои асосии коҳиши рушди иқтисодӣ афзоиши норозигии иҷтимоӣ ва ноустувории сиёсӣ буд. Илова бар ин, коҳиши маблағгузории давлатии марказӣ ва афзоиши мушкилоти молиявӣ ба таназзули иқтисодӣ сабаб гардид. Саноат ва кишоварзӣ, ки аз таъминоти захираҳои Иттиҳоди Шуравӣ вобаста буданд, бо мушкилоти шадид рӯ ба рӯ шуданд. Ҳамаи ин омилҳо заминаи рукуди иқтисодӣ ва ноороми сиёсии минбаъдаро дар Тоҷикистон фароҳам оварданд.

2. Дар марҳилаи таҳаввулоти сиёсӣ ва иқтисодӣ ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дучори тағйироти амиқ гардид. Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва гузариш ба низоми бозаргонӣ боиси тағйироти сохторӣ дар иқтисоди миллӣ шуд. Камбуди сармоягузорӣ ва норасоии инфрасохтори зарурӣ рушди устувори иқтисодиро маҳдуд сохт. Пастравии сатҳи зиндагии аҳолӣ, пеш аз ҳама, бо болоравии нархи молҳои ниёзи аввал ва коҳиши қобилияти пардохтии музду нафақаҳо вобаста буд. Норасоии технологияҳои муосир ва мизони пасти истеҳсолоти дохилӣ вобастагии иқтисодро аз воридот бештар намуд. Ҳукумати ҷумҳурӣ тавассути қабули барномаҳои ислоҳотӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ кӯшиш ба харҷ дод, ки ин равандҳоро боздорад ва шароити рушди устуворро фароҳам оварад.

3. Дар солҳои 1991-2000 Тоҷикистон бо мушкилоти ҷиддии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ шуд. Ҷанг боиси харобшавии инфрасохтор, коҳиши истеҳсолоти саноативу кишоварзӣ ва афзоиши бекорӣ гардид. Бисёр корхонаҳо аз фаъолият бозмонда, хатҳои таъминоти барқ ва роҳҳо хароб шуданд. Буҳрони иқтисодӣ боиси кам шудани даромади мардум ва афзоиши камбизоатӣ гардид. Бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар соли 1997 шароити мусоид барои барқарорсозии иқтисод ва рушди устувор фароҳам оварда шуд. Давлат ислоҳоти иқтисодиро оғоз намуда, бахши

хусусӣ ва соҳибкориро дастгирӣ намуд. Ҷалби сармояи хориҷӣ ва кумакҳои байналмилалӣ барои эҳёи инфрасохтор ва бозсозии бахшҳои иқтисодӣ аҳаммияти калон доштанд. Дар солҳои баъдӣ рушди соҳаи энергетика ва кишоварзӣ яке аз афзалиятҳои стратегии кишвар гардид. Бо вуҷуди пешрафтҳо, пайомадҳои ҷанг то муддати тулонӣ ба иқтисодиёти кишвар таъсир гузоштанд.

4. Дар шароити буҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ, ҳаёти иҷтимоии мардум дар Тоҷикистон бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) боиси ноамнӣ, муҳоҷирати иҷборӣ ва коҳиши сатҳи зиндагии мардум гардид. Таназзули иқтисодӣ боиси бекорӣ, пастравии маош ва афзоиши камбизоатӣ гардид. Норасоии маводи ғизоӣ, доруворӣ ва хизматрасониҳои тиббӣ вазъи иҷтимоиро боз ҳам шиддатнок намуд. Сабабҳои асосии ин буҳрон ноустувории сиёсӣ, пошхӯрии низоми идоракунии иқтисодӣ ва набуди сармояи кофӣ барои рушди бахшҳои муҳимми истеҳсолот буданд. Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар соли 1997, тадриҷан вазъият беҳтар гардида, ислоҳоти иқтисодӣ оғоз шуд. Ҳукумати Тоҷикистон бо ҷалби кумакҳои байналмилалӣ ва рушди соҳибкории хурду миёна барои барқарорсозии ҳаёти иҷтимоӣ талош кард. Бо вуҷуди пешрафтҳо, таъсири буҳрони сиёсиву иқтисодӣ то муддати тулонӣ дар кишвар боқӣ монд.

5. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди устувори иқтисодӣ стратегияи махсуси ислоҳоти иқтисодиро татбиқ намуд. Стратегияи миллии рушди кишвар ба ҳадафҳои коҳиши камбизоатӣ, ҷалби сармоя ва рушди бахши хусусӣ равона шудааст. Бо татбиқи ислоҳот, бахши энергетика рушд карда, неругоҳҳои нав сохта шуданд. Ҳукумат барои беҳтарсозии фазои сармоягузорӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ ислоҳоти ҳуқуқиву иқтисодиро анҷом дод. Дар соҳаи кишоварзӣ чораҳо барои баланд бардоштани маҳсулнокии заминҳо ва рушди соҳа амалӣ гардиданд. Дар соҳаи инфрасохтор роҳҳо ва пулҳои нав бунёд гардида, шароити ҳамлу нақл беҳтар карда шуд. Бо вуҷуди пешрафтҳо, мушкилоти иқтисодӣ, аз ҷумла вобастагии иқтисод аз маблағгузории

хориҷӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳанӯз боқӣ мондаанд. Ҳамин тариқ, дастовардҳои стратегии кишвар заминаи рушди минбаъдаро фароҳам овардаанд.

6. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини некуаҳволии мардум ва бехатарии озуқаворӣ сиёсати иҷтимоии самарабахшро татбиқ менамояд. Яке аз ҳадафҳои асосии ин сиёсат рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини бозори дохилӣ бо ғизои босифат мебошад. Барномаҳои давлатӣ барои беҳтарсозии заминҳои кишоварзӣ, истифодаи технологияҳои нав ва дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ роҳандозӣ шудаанд. Ҳукумат инчунин барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва кам кардани вобастагӣ аз воридоти озуқаворӣ чораҳои муассир меандешад. Дастгирии соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзӣ ва саноати коркард барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти дохилӣ мусоидат мекунад. Барномаҳои иҷтимоӣ барои кумак ба гурӯҳҳои осебпазир ва коҳиши камбизоатӣ низ амалӣ мешаванд. Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва сармоягузорони хориҷӣ барои таъмини устувории бозори озуқаворӣ аҳаммияти калон дорад. Чорабиниҳои пешгирикунанда барои коҳиши хатари камбуди озуқаворӣ ва идоракунии хавфҳои эҳтимолӣ татбиқ мешаванд. Ҳукумат инчунин сиёсати нархгузорӣ ва назорати бозорро барои пешгирии болоравии нархи маҳсулоти ниёзи аввалия амалӣ менамояд. Ҳадафи умумии ин тадбирҳо таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи онро метавон дар гузаронидани таҳқиқоти махсуси ҷамъбастӣ оид ба таърих ва таърихнигории халқи тоҷик истифода намуд. Инчунин, маводи диссертатсияро метавон дар таълифи китобҳои дарсӣ ва маҷмуаҳои илмӣ барои муассисаҳои таълимии олӣ истифода кард. Мавод ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд дар таҳияи консепсияи рушди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити истиқлол, эҷоди асарҳои маҷмуавӣ оид ба таърихи халқи тоҷик, таърихи

иқтисодиёти миллӣ, инчунин, хондани курсҳои махсус ва таълими таърихи халқи тоҷик ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ, корҳои илмию таҳқиқотии аспирантону докторантҳо истифода шаванд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодгардидаро мақомоти давлатӣ барои тартиб додани барномаҳои ҳукуматӣ оид ба рушди стратегии ҷумҳурӣ истифода намоянд. Илова бар ин, тавсияҳои пешниҳодшударо метавон барои муайян намудани роҳу воситаҳои таъмини рушди саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ, ки пойгоҳи асосии рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ба ҳисоб меравад, истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқотӣ ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин, таҳлили сарчашмашиносӣ ва интиқодӣ-илмӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба бандҳои 1, 2, 6 шиносномаи ихтисосҳои КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳлил ва баррасии масоили сиёсӣ ва коҳиш ёфтани иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар замони бозсозӣ, вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, сабабҳо ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ, инчунин, таҳқиқи ҳаёти иҷтимоӣ, стратегияҳои давлатӣ ва сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба некуаҳволии мардум ифода меёбад. Натиҷаҳои илмӣ, таҳлилу таҳқиқоти муаллиф, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби худи ӯ мустақилона таҳия ва баррасӣ шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраҳои таърихи умумӣ ва кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара (протоколи № 9, аз 29 апрели соли 2024) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии Данғара «Саноати Тоҷикистон дар солҳои 2011-2015 ва нақши Пешвои миллат дар рушди он» // «Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди устувории инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Донишгоҳи давлатии Данғара 11-12 майи соли 2018). – Данғара, 2018. Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бар мабнои сиёсати «дарҳои кушод» // Мақолоти таърихӣ. – Душанбе: Шоҳин-С, 2022. «Нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар рушди саноат дар шароити муосири Тоҷикистон» // 30-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ 16-17 майи соли 2024). - ш. Кӯлоб, 2024 дар шакли маърӯза пешниҳод гардидаанд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла 7 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 180 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 266 номгӯй) таркиб ёфтааст.

# БОБИ I. ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ БОЗСОЗИИ ШУРАВӢ (1985-1991)

## 1.1. Вазъи сиёсии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар даврони бозсозии шуравӣ ва омилҳои таъсиргузор дар пастравии иқтисодиёти кишвар

Аз нимаи дуюми солҳои 70-уми асри XX раванди коҳиши рушди иқтисодӣ дар ИҶШС ба таври равшан эҳсос мешуд. Ислоҳот, ки дар нимаи дуюми солҳои 60-ум роҳандозӣ гардиданд, ба натиҷаҳои назаррас нарасиданд. Дар тамоми ҷумҳуриҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, иҷрои саривақтии лоиҳаҳои сохтмони корхонаҳои саноатӣ ва манзил бо мушкилот рӯбарӯ гардида, бисёре аз онҳо ба сохтмонҳои тулонӣ табдил ёфтанд. Муҳимтар аз ҳама, ақибмонии ҷиддӣ аз кишварҳои пешрафта дар ҳама соҳаҳо, махсусан дар заминаи истифодаи технологияҳои нав, ба мушоҳида мерасид. Ҳосилнокии меҳнат дар сатҳи паст қарор дошт ва система натавонист барои коргарон ва хизматчиён ангезаҳои моддии кофӣ фароҳам оварад, ки ба рушди минбаъдаи иқтисодиёт таъсири манфӣ расонид. Моҳи апрели соли 1985 дар Иттиҳоди Шуравӣ марҳалаи нави сиёсӣ оғоз гардид, ки дар таърих бо номи «бозсозӣ» машҳур гардидааст [158, с.178].

Равандҳои ошкорбаёнӣ ва демократия, ки дар ҳудуди ИҶШС оғоз гардида буданд, наметавонистанд бе таъсир ба Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ монанд. Сиёсати бозсозӣ тамоми қишрҳои ҷомеаро ба ҳаракат овард ва дар миёни онҳо аҳли зиё низ фаъол гардиданд. Ин гурӯҳ бештар аз ҳама аз сиёсати ноодилонаи тақсимоти миллӣ-ҳудудӣ, маҳдуд кардани мақоми забони модарӣ ва нодида гирифтани арзишҳои фарҳангии миллӣ изҳори нигаронӣ мекард.

Дар раванди бозсозӣ, бахусус дар масъалаҳои миллӣ, як қатор хатоҳо мушоҳида мешуданд, ки боиси ба вуҷуд омадани

ҳаракатҳои эътирозӣ дар баъзе ҷумҳуриҳои шуравӣ гардиданд. Яке аз сабабҳои аслии норозигии ақаллиятҳои миллӣ дар ҷумҳуриҳои шуравӣ маҳдуд будани ҳуқуқи онҳо дар истифодаи забони модарӣ буд. Илова бар ин, сиёсати нодурусти кадрӣ аз ҷониби мақомоти марказӣ, ки бо таъйин ва ҷойивазкунии кадрҳо бидуни таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии ҷумҳуриҳо сурат мегирифт, вазъиятро боз ҳам мураккаб намуд. Ин омилҳо дар маҷмуъ ба ташаккули норозигии амиқ ва танишҳои миллии зиёд дар дохили ҷумҳуриҳо сабаб гардиданд.

Дар давраи бозсозӣ муносибатҳои байни миллатҳо хеле мутташанниҷ шуданд. Хусусан, моҳи декабри соли 1986 дар шаҳри Алма-ато тазоҳуроти оммавии зидди сиёсати марказгароии ҳукумати шуравӣ баргузор шуд. Соли 1988 дар ҷумҳуриҳои назди Балтика ба муносибати 49-солагии имзои Созишномаи байни Иттиҳоди Шуравӣ ва Олмон намоишҳои эътирозӣ сурат гирифтанд. Ҳодисаҳои хунини Сумгаит низ як нуктаи муҳим буданд, ки дар натиҷа ихтилофоти ҷиддӣ байни Арманистон ва Озарбойҷон оид ба масоили марбут ба Қаробоғи Кӯҳӣ шиддат гирифтанд. Ҳамзамон, дар Қирғизистон байни узбекҳо ва қирғизҳо задухӯрдҳо ба амал омаданд. Ин воқеаҳо ба вазъияти ҷамъиятию сиёсии ҶШС Тоҷикистон таъсири манфии худро расонид.

Бояд тазаккур дод, ки 26 майи соли 1989 дар Шурои халқии ИҶШС роҳҳои рафъи қафомонии иқтисодиёти кишвар муайян шуданд. Шурои халқӣ ба масъалаҳои муносибатҳои байни миллатҳо диққати калон дод. Аксари муаррихони хориҷӣ ба он ақидаанд, ки қарорҳои қабулшудаи Шурои халқии ИҶШС хеле ноо қилона ва шитобкорона буданд. Дар ҷаласаи Шуро таъкид гардида буд, ки дар кишвар «иқтисодиёт, демография, сохтори низоми сотсиалистӣ ва масъалаҳои миллӣ дигаргун шуданд; худшиносии миллӣ тақвият ёфт ва ниёзҳои навини ҳаёти маънавӣ

ба вуҷуд омаданд» [159, с. 331]. Ҳамаи тағйироти баамаломада такмил мехостанд, аз ҷумла масъалаи муносибатҳои миллӣ вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт.

Дар давраи бозсозӣ ташкилоту созмон ва иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва сиёсӣ ташаккул ёфтанд, ки фаъолияти онҳо ба муҳокимаи камбудиҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ҷумҳурӣ равона гардида буданд. Ин раванд боиси баландшавии иштироки сиёсӣ ва фаъолияти гуногуни сиёсӣ дар сатҳи оммавӣ шуд, ки бозсозиро ҳамчун раванди таъмини иштироки васеи мардум дар ҳаёти сиёсӣ муаррифӣ мекард [215, с.84-85]. Чунки дар ин давра раванди аз ҳад зиёди марказонидани ҳаёти ҳизбӣ ва бюрократизатсияи дастгоҳи ҳизбӣ ҷараён дошт, идораҳои ҳизбӣ ба фаъолияти иттифоқи касаба ва ташкилоти хоҷагидорӣ дахолат мекарданд. Дар ҳаёти ҷамъиятӣ–сиёсӣ на танҳо Тоҷикистон, балки дар собиқ ҷумҳуриҳои Шуравӣ системаи идоракунии давлат ба шакли даставӣ-маъмурӣ ташкил шуда буд. Гуфтан бамаврид аст, ки созмонҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, ки то давраи бозсозӣ фаъолият мекарданд, ба талаботи ҳамонвақта ҷавобгӯ набуданд [112, с.243].

Дигар бухрони ҳаёти ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистони Шуравӣ ин ҳукмрон будани низоми бюрократизм ба ҳисоб мерафт. Дар ҷобаҷогузории мутахассисон қарорҳои ғайридемократӣ қабул мекарданд, ки аксар вақт дар вазифаҳои поёнӣ мутахассисони лаёқатманд ва дар вазифаҳои болоӣ бошад, баръакс кор мекарданд. Ин сиёсати нооқилона ба бухрони сиёсиву иқтисодӣ оварда расонид. Яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқ дар самти рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон, пеш аз оғози сиёсати бозсозӣ, муайян намудани сатҳи ибтидоии рушди иқтисодӣ буд. Дар солҳои 70-80-уми асри XX суръати афзоиши даромади миллӣ, маҳсулнокии меҳнати ҷамъиятӣ, инчунин, ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ ва кишоварзӣ тадриҷан коҳиш

ёфт. Ин падида нишонаҳои равшани сустшавӣ ва заиф гардидани тамоюлҳои рушди иқтисодӣ дар кишварро ифода мекард.

Вазъи душвор ва мураккаби иҷтимоии аҳолӣ, хусусан коргароне, ки бо меҳнати вазнини ҷисмонӣ машғул буданд, мушоҳида карда мешуд. Ин ҳолат ба низоми мувозинатноки пардохти музди меҳнат таъсири манфӣ расонида, кафолати иҷтимоии коргаронро таҳти хатар қарор дода буд. Дар ҳамин замина, давлат дар солҳои 70-ум бештар хусусияти «шаҳрнишин»-ро гирифта, ҳиссаи аҳолии шаҳрӣ афзуд. Масалан, соли 1970 аҳолии шаҳрӣ 56,3%-ро ташкил медод, ки то соли 1979 ба 63,3% расид ва ин нишондиҳанда қариб аз се ду ҳиссаи умумии аҳолиро дар бар мегирифт [161, с.373].

Даромади воқеӣ ба сари ҳар як сокини кишвар дар солҳои 1971-1975 ба 24,0%, дар солҳои 1976-1980 ба 18,0%, дар солҳои 1981-1985 бошад, танҳо ба 11,0% афзудааст. Талабот ба маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ зиёд шуд, лекин норасоии он дар вилояту ноҳияҳои мамлакат зиёдтар ҳис карда мешуд [161, с.441,444].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1970 шумораи одамон, ки бо кор таъмин буданд, 34,7% аз шумораи умумии аҳолии ҷумҳуриро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар соли 1979 ба 39,2% афзуд ва сипас дар соли 1989 то ба 35,8% коҳиш ёфт. Ин тағйирот нишондиҳандаи ноустуворӣ ва бетавозунии вазъи бозори меҳнат ба шумор меравад [152, с.266-267].

Коҳиши бокортаъминкунӣ дар баробари афзоиши шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат, ҳамчунин, суръати пасти рушди хоҷагии халқ нисбат ба афзоиши демографӣ таъсири манфӣ гузошт. Агар дар соли 1965 барои ҳар 1000 нафар аҳолии ҷумҳурӣ 176 нафар коргар ва хизматчӣ ба ҳисоб гирифта шуда бошад, дар соли 1990 ин рақам ба 221 нафар расид, ки ба ҳисоби миёна 1,2 маротиба афзоиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, шумораи умумии аҳолии кишвар дар ҳамин давра 2,1 маротиба афзудааст.

Аз ин рӯ, сатҳи бокортаъминкунӣ дар хоҷагии ҷамъиятӣ ҳеҷ гоҳ аз 63% боло нарафтааст. Ин нишон медиҳад, ки суръати афзоиши коргарон ба дараҷаи афзоиши аҳолӣ ҳамқадам набуд, ки ин ба нокифоягии имкониятҳои бозори меҳнат ва мушкилоти иқтисодӣ ишора мекунад [41].

Аз нимаи дуюми солҳои 80-уми қарни XX сар карда, дар ҶШС Тоҷикистон, чун дар тамоми Иттиҳоди Шуравӣ, фаҳмиши сиёсии аҳолӣ яку якбора афзуда буд. Ислоҳоти иқтисодии дар давраи роҳбарии М.С. Горбачёв, ки ба суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, истифодаи самараноки иқтидори низоми сотсиализм равона гардида буд, натиҷаҳои қаноатбахш надоданд. Ислоҳот хусусияти берабт ва мутазод дошт, ки сабаби аслии коҳиши сатҳи истеҳсолот гардид. Дар натиҷа, рушди иқтисодӣ заиф гардид ва ба устувории низоми иқтисодии кишвар таъсири манфӣ расонид.

Ҷонибдорони ислоҳот дар иқтисоди кишвар ба роҳ мондани бозори озод ва намудҳои гуногуни моликиятро ҳатми дониста, пешниҳод намуданд, ки низоми идоравӣ-маъмурӣ барҳам дода шавад. Аз ҷиҳати сиёсӣ онҳо кӯшиш менамуданд, ки иттиҳоди давлатҳои соҳибистиқлол, ки дорои ҳуқуқи худмуайянкунӣ аст, бунёд кунанд.

Бозсозӣ муқобилони худро низ дошт. Ҳамаи онҳо кӯшиш менамуданд, ки системаи давлатдории пешина ва нақши роҳбарии ҲКИШ-ро дар системаи сиёсии Иттиҳоди Шуравӣ нигоҳ доранд.

Ҳарчанд тарафдорони нигаҳдории системаи давлатдории пешина дар Тоҷикистон зиёд бошад ҳам, ислоҳоти иқтисодӣ бисёр буд. Масалан, Қарори КМ ҲКИШ ва Шурои Вазирони ИҶШС «Дар бораи мубориза бар зидди майзадагӣ» «Дар бораи чораҳои барҳам додани бадмастӣ ва майзадагӣ, барҳам додани майпарастӣ» қабул карда шуданд, ки тамоми ҳизб, органҳои

маъмурӣ ва қонунбарор вазифадор карда шуданд, ки муборизаро ба муқобили бадмастӣ ва майзадагӣ қатъиян ва дар ҳама ҷо пурзӯр намоянд. Дар натиҷа, солҳои 1985-1987 ин масъала беш аз 2,5 маротиба коҳиш ёфт. Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар худи Россия таваллуд ва фавт коҳиш ёфт, давомнокии умри мардон 2,6% афзуд, аммо ин камбудиҳои мазкур дар ҷумҳурии мо дида намешуд. Иҷрои қарори мазкур вазъи иқтисодии бе ин ҳам душвори кишварро вазнин намуд. Ҳазорон гектар боғу ангурзорҳоро несту нобуд карданд, то ки дар назди Марказ бомуваффақият ҳисобот дода шавад.

Саноати сабук, ки барои аҳолии ҷумҳурӣ маҳсулоти лозимаро истеҳсол мекард, оҳиста-оҳиста аз фаъолият мемонд. Соли 1987 аз 155 миқдори объекти нотамоми сохтмон дар муҳлати муайян ҳамагӣ 66-тои он мавриди истифода қарор гирифт [41].

Илова бар ин, дар тули солҳои зиёд дар ҷумҳурӣ ба хотири ба даст овардани ҳосили баланди пахта меъёрҳои илмӣ ва оқилонаи истифодаи замин сарфи назар мешуданд. Ин раванд ба вайроншавии ҳолати экологӣ ва пастравии ҳосилхезии заминҳои обёришаванда оварда расонд. Вайрон шудани ҳолати экологӣ ба мушкилоти ҷиддии соҳаи кишоварзӣ табдил ёфта, ба устувории истеҳсолоти кишоварзӣ таҳдид менамуд. Ин масъала ҳамчун яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳассоси соҳаи кишоварзӣ шинохта мешуд. Бар замми ин майдонҳои кишт барои зироати донагӣ якбора кам карда шуданд. Ҳамаи ин ба вазъи иқтисодию иҷтимоии кишвар таъсири манфии худро расонид. Ҳамин тавр, сиёсати бозсозӣ натавонист, ки соҳаи аграрӣ ва саноатро тараққӣ диҳад [239, с.15].

Дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мақолаи номзади илмҳои фалсафа Мирбобо Миррахимов, ки соли 1988 дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба табъ расида буд,

аҳаммияти назаррас дошт ва дар ташаккули баҳсҳои илмӣ-ҷамъиятӣ нақши муҳиме ифшо намуд [202]. Зеро пас аз нашри ин мақола фазои бастаи иттилоотии ҷумҳурӣ каме боз гардида, замина барои таҳаввулот пайдо гардид. Ин мақола нахустин бор ба таври ошкоро мавзуъҳоеро, ки то ин дам дар ин бора навиштан имконнопазир буд, матраҳ карда, ин мақола оғози таҳаввули азими сиёсӣ ва фикрӣ дар Тоҷикистон дониста шуд [93, с.350].

Дар ҳамин замина, соли 1989 як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, аз ҷумла Қонун «Дар бораи забон» ва Қонун «Дар бораи интихоботи депутатҳои халқи ҷумҳурӣ ва шуроҳои маҳаллӣ». Ҳамзамон, ба Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон ислоҳоту иловаҳо ворид карда шуданд.

Дар ҷараёни ин ислоҳот, нахустин маротиба масъалаи носозгории вазифаҳои намояндагии депутат бо мансабҳои мушаххаси давлатӣ ба миён омад. Яъне, бархе аз депутатҳои интихобшуда вазифаҳои баланди ҳукуматӣ ё ҳизбӣ надоштанд. Бо ҳамин тартиб, дар интихоботи депутатҳои халқи Иттиҳоди Шуравӣ шахсоне ба ҳайати олии қонунбарор роҳ ёфтанд, ки қаблан дар сохторҳои давлатӣ мақомҳои баландро ишғол намекарданд. Ин ҳолат ба ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии тамоми давлати шуравӣ такони ҷиддӣ бахшида, ҳамчун як қадами муҳим дар татбиқи сиёсати бозсозӣ ва таҳкими арзишҳои демократӣ дар ҷомеа арзёбӣ гардид.

Муайян намудани мақоми забони тоҷикӣ дар ҷомеа низ масъалаи муҳимми сиёсӣ ва фарҳангӣ дониста шуд. Аммо то он замон масъалаи забон дар сатҳи давлатӣ ва дар муҳитҳои илмии ҷумҳурӣ мавриди баррасии ҷиддӣ қарор нагирифта буд. Забони тоҷикӣ бештар дар муҳити хонаводагӣ ва деҳот истифода мешуд, ки чунин вазъ боиси норозигии зиёиёни кишвар ва қисмати муҳимми аҳолӣ гардид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ба забони тоҷикӣ додани мақоми забони давлатӣ дар охири солҳои 80-уми асри XX ҳангоми эълон

шудани бозсозӣ мавриди назари муҳаққиқон қарор гирифт. Аз моҳи январи соли 1989 ин раванд шиддат гирифт. Дар матбуоти даврӣ, хусусан рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, мақолаҳои гуногуни тарғибкунандаи гиромидошти анъанаҳои миллӣ ва ҳифзи забони тоҷикидошта бештар рӯйи чоп омадааст. Аз 22 феврали худи ҳамон сол дар шаҳри Душанбе гирдиҳамоӣ барои ҳимояи забони тоҷикӣ ташкил дода шуд. Талаботи гирдиҳамомадагон аз он иборат буд, ки забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ пайдо намояд.

Зиёиёни кишвар тавассути воситаҳои ахбори умум нисбат ба мақоми забони тоҷикӣ ақидаҳои худро иброз намуда, мавқеи худро муайян менамуданд. Дар ҳамин давра андешаи дузабонӣ низ доман паҳн кард. Зеро иддае пешниҳод менамуданд, ки ба забони русӣ низ мақоми давлатӣ дода шавад. Ҳарчанд сиёсати забонӣ дар давраи шуравӣ бар асоси принсипи дузабонӣ ташаккул ёфта буд, бахши назарраси ҷомеа, бахусус намояндагони аҳли зиё, пайваста исрор меварзиданд, ки ба забони тоҷикӣ мақоми забони давлатӣ дода шавад. Ин талошҳо дар 22 июни соли 1989 ба натиҷаи чашмрас расиданд, ки Маҷлиси Олии ҶШС Тоҷикистон Қонуни «Дар бораи забони давлатӣ»-ро қабул намуд, ки мувофиқи он забони тоҷикӣ мақоми расмии забони давлатӣ гирифт [193]. Аз соли 1989 ин сана дар ҷумҳурӣ ҳамчун Рӯзи забон таҷлил мегардид. Баъдан, бо қабули Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» аз 5 октябри соли 2009, рӯзи таҷлили ин ҷашн ба 5 октябр интиқол дода шуд.

Бо вуҷуди ин, бо дарназардошти воқеияти сиёсӣ ва иҷтимоии охири давлати шуравӣ, забони русӣ мақоми худро ҳамчун воситаи муошироти байни миллатҳо ва халқиятҳо нигоҳ дошт. Ин раванд, пеш аз ҳама, ба он вобаста буд, ки эҳтимоли фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар он замон ҳанӯз ошкор набуда, сиёсати ягонагии иттиҳодӣ ҳифз мешуд.

Дар ҳамин замина, 14 октябри соли 1989 Конфронси муассисони Бунёди забони тоҷикӣ баргузор гардид. Дар ҷараёни он Оинномаи Бунёд таҳия ва қабул шуд. Шоири халқии Тоҷикистон Лоиқ Шералӣ ба ҳайси

нахустин раиси Бунёд интихоб гардид. Хусусияти барҷастаи фаъолияти ин созмон дар он ифода меёфт, ки ҳатто дар шароити душвори иқтисодӣ ва сатҳи пасти даромад, аҳолӣ бо ҳисси баланди масъулият маблағҳои муайянро бо ихтиёри худ ҷамъоварӣ мекарданд, то барномаҳои Бунёди забони тоҷикӣ амалӣ гарданд [264].

Соли 1989 як қатор ҷинояткорон ва зиндониёни сиёсӣ, ки аз рӯйи авф ба озодӣ баромаданд, ба гурӯҳҳои ҷиноӣ дохил шуда, ғайриқонунӣ мубориза сиёсиашонро идома доданд. Аз ҷумлаи онҳо Абдуллои Нурӣ, Сангак Сафаров ва дигарон мебошанд, ки дар воқеаҳои сиёсии солҳои минбаъда нақши калидӣ бозиданд.

Ҳамин тавр, бозсозии дар Тоҷикистон оғозёфта вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ ва мухолифати пинҳониро тезутунд намуд.

Ташкилоти зиёди ҷамъиятию сиёсии ғайрирасмӣ бо рафтори бетааммули худ вазъияти ҷумҳуриро боз ҳам муташанниҷ намуданд. Мушоҳида мегардид, ки татбиқи ислоҳот метавонад танҳо дар он сурат натиҷаи воқеӣ ба бор орад, ки камбудиҳои ҷойдошта рафъ шуда, тағйироти амиқ ва муассир дар сохтори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва низоми сиёсиву идории кишвар амалӣ гарданд.

Ошкорбаёнӣ, ки дар ин солҳо рӯ зада буд, равандҳои демократикунонӣ, ҳалли масоили сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии кишвар ва дигар соҳаҳоро бетаъсир намемонд.

Бuҳрони иқтисодӣ ва маҳдудияти соҳаи истеҳсолот боиси афзоиши чандкаратаи сатҳи бекорӣ гардиданд. Аксари аҳолӣ дар шароити норасоии захираҳои моддӣ ва тангдастӣ худро дар ҳолати ноамнӣ эҳсос мекарданд. Қабули Қонуни «Дар бораи корхонаҳо (иттиҳодияҳо)» дар соли 1987 дар ИҶШС вазъиятро боз ҳам мураккабтар намуд, зеро он боиси халалдор гардидани низоми савдо ва мубодилаи байнисоҳавӣ гардид, ки то он замон яке аз пояҳои асосии иқтисодиёти шуравӣ маҳсуб меёфт [199, с.93-98].

Аз январи соли 1988 тамоми корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ ба ҳисоби худмаблағгузорӣ гузаштанд, аммо на ҳамаи онҳо нақшаро иҷро карда тавонистанд. Аз миёни 13 корхонаи тобеи Вазорати саноати сабук танҳо 7-тои онҳо тавонистанд нақшаи муқарраршударо иҷро намоянд. Дар натиҷа, фоидаи умумии соҳа ҳамагӣ 3%-ро ташкил дод. Илова бар ин, ҳаҷми фонди ҳавасмандгардонии моддӣ ба андозаи 539 ҳазор сӯм коҳиш ёфт, ки нишондиҳандаи коҳиши самаранокии истеҳсолот ва фаъолият дар соҳа мебошад. Танҳо корхонаи арматурбарории шаҳри Душанбе тавонист, ки фонди ҳавасмандкунии худро 23,4% зиёд намояд. Вале дигар корхонаҳо натавонистанд, ки нақшаро иҷро намоянд. Умуман, даромади миллии соли 1990 (мувофиқи миқдори маош)-ро бо соли 1985-ум муқоиса кунем, 9% афзуд, вале назар ба соли 1989-ум 1,6% кам шуд [199, с.93-98].

Дар натиҷаи ҳиҷрати аҳолии русзабон дар аввали солҳои 90-уми асри XX бо сабаби ноамнии ҷамъиятӣ-сиёсӣ, аҳолии шаҳри Душанбе аз 650 ҳазор то 540 ҳазор кам гардид. Ин омил боиси паст рафтани тамоми соҳаҳои хоҷагии қишлоқ гашт, чунки аксари мутахассисони варзида аз миллатҳои гуногуни дигар кишварҳо буданд. Аз рӯйи ҳайати миллӣ тоҷикон - 39,8%, русҳо - 32,7%, узбекон - 11,0%, боқимондагон - қирғизҳо, украинҳо, тоторҳо, яҳудиён ва ғайра 17,5%-ро ташкил медоданд. Дар миёнаи солҳои 90-ум миқдори аҳолии русзабони Душанбе 6 маротиба кам гардида, ҳамагӣ 5,2%-ро ташкил дод, вале миқдори умумии сокинони пойтахт кам нагашта, аз ҳисоби якбора боло рафтани ҷараёни ҳиҷрати одамони деҳнишини маҳаллӣ ҳатто зиёд гашт. Барои таъминоти фаъолияти ҳаётии онҳо ҳарчи бештар манзили зист, ҷойи кор, истеҳсоли молҳои истеъмолашон аввалиндараҷа, муассисаҳои томактабӣ ва ташкилоти ҳамагонӣ ва тиббӣ талаб карда мешуд [207].

Дар охири солҳои 80-ум дар ИҶШС, хусусан дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, норасоии буҳрони амиқи иҷтимоиву иқтисодӣ ба мушоҳида мерасид. Аз ҷумла, дар шаҳри Душанбе, ки яке аз марказҳои бузурги саноатии кишвар ба ҳисоб маҳсуб меёфт, суръати тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ якбора паст рафт. Соҳаи истеҳсолоти моддӣ дар вазъи ниҳоят мураккаб қарор дошт, ки он ба паст рафтани ҳаҷми истеҳсолот таъсир расонид. Дар саноат шартномаҳо иҷро нагашта, душвориҳои таъминоти моддию техникӣ тезутунд гаштанд, ки боиси бозмондани истеҳсолот гардиданд. Барномаҳои сохтмони асосӣ иҷро намешуданд. Таҷдидсозии иқтидори истеҳсолӣ қатъ гардид.

Нуқсонҳои саноат ба бозори истеъмолӣ низ таъсир расонид, ки он боиси номутаносибӣ гардид. Савдо вайрон гашта, доираи фаъолияти ҳаннотон васеъ гардид, шиддатнокии вазъи иҷтимоӣ ва ҷинояткорӣ авҷ гирифт. Масъалаҳои таъмин бо озуқа, афзоиши нархи молу хадамот, камчинӣ ва паст рафтани сифати онҳо, боиси норизоии мардум гардиданд. Пул қурби худро аз даст дода, дар мағозаҳо рафҳо холӣ монданд, барои тақсими озуқа ва молҳои саноатӣ низоми карточка ҷорӣ гардид.

Дар чунин вазъият ҳизбҳои ақидаҳояшон гуногун пайдо шудан гирифтанд. Ғояи сотсиалистӣ, ки ҳамчун бузургтарин озмоиши иҷтимоӣ оғоз ва ба бародарию озодии меҳнати тамоми одамон асос ёфта буд, ҷиҳати татбиқи амалии худ ба давлати тоталитарие мубаддал гашт, ки ба ҳама тарзу восита озодандеширо саркӯб менамуд ва принсипҳои худро дар ҳаёт, ҳатто, бо кумаки дағалтарин воситаҳо ба роҳ мемонд.

Донишманд ва директори собиқи Осорхона-мамнуъгоҳи ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара Муродов Бозор чунин қайд мекунад: «Баъди ба даст овардани истиқлол Тоҷикистонро буҳрони бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фаро гирифт, ки заминаи ин буҳронро мо аз сиёсати нодурусти давраи бозсозӣ метавонем ҷустуҷӯ намуд. Гарчанде ки мо ба давлати Шуравӣ шомил будем, аммо на ҳамаи ҷанбаҳои иқтисодии кишварамон хуб буданд. Ногуфта намонад, ки Тоҷикистони мо аз баъзе кишварҳои собиқ Шуравӣ дар баъзе самтҳои иқтисодӣ хеле

пешрафта буд. Албатта, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ тамоми давлатҳои собиқ Шуравиро буҳрони сиёсӣ фаро гирифта буд, аммо кишвари моро низ ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт, ки ҳамаи дастовардҳои иқтисодию иҷтимоии кишварамон, ки тули 70 соли ҳукумати шуравӣ соҳиб гардида буд, ба хок яксон шуда, ҳатто баъзе чизҳои техникии онро фурӯхтанд. Бо эълон гардидани истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири қувваҳои сияҳкори дохиливу хориҷӣ ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда, қурбониҳои азими ҷонӣ, талафот ва ҳисороти бузурги иқтисодиву маънавӣ ба бор оварда, пояҳо, рукнҳо ва асосҳои давлатдориро фалаҷ гардонид. Ин ҷанги бародаркуш барои Тоҷикистон 10 миллиард доллари ИМА, ки дар он вақт бо ин маблағ НБО Роғун сохта ба истифода дода мешуд, 157 ҳазор шаҳрвандони кишвар ҷони худро аз даст додаанд. Хисороти равониву маънавӣ бошад, ба ягон ченак намеғунҷад. Ҷанги шаҳрвандии баамаломада Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз рушду тараққиёт боз мононда, ба коҳиш ёфтани сатҳи зиндагӣ, бекорӣ, фақр ва бенавоӣ оварда расонид. Боиси зикри хос аст, ки бо сарварии роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ин ҳама мушкилот мунтазам бартараф гардида, давра ба давра раванди рушди ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Сарвари вақти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон тавонистанд, дар як муддати кӯтоҳ омилҳои сиёсӣ, аниқтараш, ҷанги шаҳрвандии бародакушро хотима дода, 27 июни соли 1997 Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро ба имзо расонида, ба ҷанги бемаънии бародаркуш хотима бахшанд. Ин ҳама сабаби ба вуҷуд омадани рушди ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар мамлакат гардид» [263].

Яке аз ҷиҳатҳои манфии рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар он давра аз он иборат буд, ки афзоиши ҳаҷми саноат на бар асоси такмили сохтор ва ҷорӣ намудани технологияи муосири истеҳсолӣ, балки пеш аз ҳама, бо таъсиси шумораи зиёди корхонаҳои нав ва ҷалби қувваи калони меҳнатӣ, аз ҷумла аз хориҷ, таъмин мегардид. Ин раванд дар шароите сурат

гирифт, ки аллакай дар дохили ҷумҳурӣ зиёда аз ҳад қувваи коргарӣ мавҷуд буд. Дар охири солҳои 1980 ва ибтидои солҳои 1990 равшан гардид, ки чунин роҳ ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат карда наметавонад ва оқибатҳои манфӣ ба бор меорад.

Бо вуҷуди ин, яке аз ҷиҳатҳои мусбати сиёсати бозсозӣ татбиқи чораҳои барқарор намудани адолати иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафт. Дар ин замина бознигарии парвандаҳои судии шаҳрвандоне оғоз шуд, ки қаблан беасос маҳкум гардида буданд. Танҳо соли 1990 шумораи онҳо ба 7044 нафар расид, ки пурра сафед карда шуданд. Ҳамзамон, шаъну шараф ва номи неки арбобони намоёни давлатӣ, аз қабили Абдураҳим Ҳоҷибоев, Нусратулло Махсум, Шириншоҳ Шоҳтемур ва дигарон барқарор гардид. Қарори Бюрои КМ ҲК Тоҷикистон масъалаи ҷовидона гардонидани номи ин шахсиятҳои бузургро низ тасдиқ намуд [225, с. 78-80].

Таҳлили маҷмуавии даҳсолаҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ имкон медиҳад, ки дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон самтҳои зерин ҷудо карда шаванд:

- дар ҶШС Тоҷикистон аксарияти аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекард, ки ҳиссаи он ба 69% баробар буд. Барои муқоиса метавон таркиби аҳолии деҳотро дар давлати Шуравӣ қайд намуд: 3,4% дар давлати Шуравӣ; 26% - дар Россия; 33% - дар Украина; 35% - дар Белоруссия (Беларус); 43% - дар Қазоқистон; 59% - дар Узбекистон; 62% - дар Қирғизистон; 32% дар Арманистон; 55% - дар Туркманистон [145, с.30-31]. Дар чунин ҳолат, мувофиқи қоидаи умумии Осиёи Марказӣ дар деҳот шумораи аҳолии таҳҷоӣ, дар шаҳр - аҳолии русзабон афзалият дорад. Дар натиҷаи чунин тафовути иҷтимоӣ-иқтисодии байни шаҳр ва деҳот як навъ нобаробарӣ ба миён меояд. Илова бар ин, характери ҷойгиршавӣ дар деҳот имконияти рушди шахсияти аксарияти аҳолии ҷумҳуриро маҳдуд карда, ба ҳифзи дин, шаклҳои гуногуни анъанаҳои куҳнашуда мусоидат менамуд, имконияти интихоби аҳолиро дар навъи машғулият

дар вақти кор ва вақти озод дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ коҳиш медиҳад;

- сиёсати аграрии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба сатҳи пасти зиндагии аҳолӣ оварда расонид. Дар ҷумҳурӣ, ҳатто, дар байни кишварҳои минтақаи Осиёи Миёна кормандон музди меҳнати паст мегирифтанд [206]. Ин нишон медиҳад, ки дарвоқеъ аҳолии ҷумҳурӣ камбизоаттарин дар давраи шуравӣ буд. Дар ҷумҳурӣ дар сатҳи баланд заминаи таркиши иҷтимоӣ вуҷуд дошт, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ беҳтар мушоҳида карда мешуд [206];

- гардиши молу маҳсулоти сарикасӣ дар Тоҷикистон дар сатҳи паст қарор дошт. Мутобиқи маълумоти оморӣ, ҳаҷми миёнаи манзили зист барои ҳар як узви хонавода дар ҷумҳурӣ аз ҳама поён буда, ҳамагӣ 7 метри мураббаъро ташкил медод, дар ҳоле ки нишондиҳандаи миёнаи Иттиҳоди Шуравӣ ба 10 метри мураббаъ баробар буд [208, с.122]. Тоҷикистон дар миёни ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ аз ҷиҳати фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабии доимӣ дар зинаи охир қарор дошт. Танҳо 15% кӯдакон ба чунин муассисаҳо фаро гирифта мешуданд, дар сурате ки нишондиҳандаи миёнаи умумииттифоқӣ 55%-ро ташкил медод [208, с.122];

- қафомонии қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҷумҳурӣ боиси ба миён омадани бекории васеъмиқёс гардид, ки бештар дар минтақаҳои деҳот эҳсос мешуд. Дар даврони шуравӣ омори дақиқи бекорон нашр намешуд, аммо маълум аст, ки дар натиҷаи чунин вазъ, тайи солҳои 1991 то 1993 ҳиссаи аҳолии машғули кор дар хоҷагиҳои шахсӣ аз 18,9% то 23% афзоиш ёфт [126, с.47]. Дар шароити Тоҷикистон ин навъи бекорӣ бештар хусусияти пинҳонӣ дошта, асосан дар минтақаҳои деҳот мушоҳида мегардид.

Агар соли 1991 миқдори бекорони бақайдгирифташуда дар Тоҷикистон 3,5 ҳазор нафарро ташкил намуда бошад, пас соли 1994 ин ҳисоб ба 21,6 ҳазор баробар шуд [126, с.47]. Хусусияти мустамликавии муносибати давлати Шуравӣ дар инкишофи равандҳои минбаъдаи

кишвар таъсири худро гузошт. То давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ бекорӣ тамоюли инкишоф дошт.

Таҳлилҳои оморӣ нишон доданд, ки давраи солҳои 1971-1990 дар самти рушди иқтисодиёти Тоҷикистон корҳои зиёд ба сомон расонида шуданд. Дар муқоиса аз соли 1970 дар соли 1990 ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 251,4%, дар маҷмуи энергетика афзоиш 461,1%, дар саноати мошинсозӣ 366% дар саноати сабук 191%, дар саноати хӯрока 193,2%-ро ташкил менамуд. Дар соҳаи металлургия дар давраи солҳои 80-ум афзоши истеҳсолоти саноатӣ дар сатҳи 270%, дар саноати нафтиву химиявӣ бошад, афзоиш 220% ба қайд гирифта шудааст [146, с. 226-227]. Афзоиши босуръати соҳаҳои нишондодашудаи саноат дар ин давра шаҳодати он аст, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон як қатор дигаргуниҳои сохторӣ амалӣ карда шуданд. Агар дар солҳои 50–уми қарни XX дар иқтисодиёти Тоҷикистон ҳиссаи саноати вазнин 5%-ро ташкил менамуд, пас соли 1970 ин нишондиҳанда ба 7% ва дар соли 1990 он ба 20% баробар шудааст [150, с. 223].

Лекин асоси маҳсулоти минтақавии Тоҷикистонро ҳанӯз тахассусоти соҳавӣ, аз ҷумла соҳаи аграрӣ, саноати сабук ва хӯрока ташкил менамуд [168, с. 167].

Ҳамин тавр, ҳарчанд солҳои 80-ум вазъи иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва маънавӣ босуръат пеш мерафт, аммо дар Иттиҳоди Шуравӣ нишонаҳои буҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ пайдо шуда буданд. Дар пайи ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушкилоти болозикр барномаи «бозсозии Горбачёвӣ» пазируфта гардид, ки мебоист ИҶШС-ро аз буҳрон раҳонад, вале шуруи ислоҳоти мазкур, ки баъзан вақт онро «ислоҳот аз боло» низ меномиданд ва бо мақсади мутобиқ намудани соҳаҳои ҳаёти мамлакат ба стандартҳои умумиҷаҳонӣ равона гардида буд, натиҷаҳои ғайриинтизорро ба бор овард, ки боиси боз ҳам мураккаб гардидани авзои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар миқёси Шуравӣ, пеш аз ҳама Тоҷикистон, мегардад.

Ҳамин тариқ, бо такя ба таҳлилу омӯзиши ҳамаҷонибаи равандҳои бозсозӣ ва коҳиши суръати рушди иқтисодӣ метавон ба чунин хулосаҳои илмӣ расид:

- аз дидгоҳи назариявӣ, сиёсати бозсозӣ ба бартарафнамоии мушкилоти иқтисодиёти шахшуда ва марказонидашудаи давлати шуравӣ, муҳайёсозии шароити гузариш ба тарҳи самараноки рушди иқтисодӣ равона гардида буд. Дар марҳилаи аввали бозсозӣ, дар ҶШС Тоҷикистон, дар асоси барномаҳои пешбинишуда, нишондиҳандаҳои рушди саноат ба таври нисбатан муваффақ амалӣ гардиданд. Дар доираи сиёсати сармоягузорӣ, захираҳои молиявӣ, ки барои бахши энергетика пешбинӣ шуда буданд, мувофиқи ҳадаф ва пурра истифода гардиданд, ки баёнгари назорати мутамарказ ва ҳадафмандии сиёсати рушди инфрасохтор дар ин давра ба ҳисоб меравад;

- ихтисор шудани сармоягузорӣ ба рушди истеҳсолоти саноатӣ таъсири манфӣ расонид. Норасоии кадрҳо ва махсусан коргарони баландихтисос дар корхонаҳои саноатӣ эҳсос мешуд. Бо вуҷуди талошҳо, раванди бозсозӣ натавонист масъалаи таъмини кадрҳоро ҳал намояд ва дар омӯзиши мутахассисон барои корхонаҳои саноатӣ ин мушкилотро бартараф кунад;

- лозим аст қайд шавад, ки нархҳо дар мағозаҳо ва дӯконҳои кишвар дар соли 1990 нисбат ба соли 1985 ду баробар афзоиш ёфтанд;

- нимаи дуюми солҳои 80-ум тамоми давлати иттифоқиро бӯҳрони сиёсӣ ва иқтисодӣ фаро гирифт, хусусан ҷанги дуру дарози Афғонистон, фалокати неругоҳи атомӣ ба сиёсати хориҷии ИҶШС зарбаи ҳалокатвор расонид ва ин омилҳо наметавонистанд ба кишвари мо таъсир нагузоранд;

- дар қиёс бо кишварҳои Назди Балтика ва ҷумҳуриҳои Қафқоз бедории фикрӣ ва ташаббусҳои сиёсӣ дар ҶШС

Тоҷикистон камрангу кунд ба назар мерасиданд, ки дар ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ нақши муайян бозиданд.

## 1.2. Тағйирот дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ ва пастшавии некуаҳволии халқ

Дар охирҳои мавҷудияти ИҶШС дар ҳамаи соҳаҳо, аз ҷумла саноат, хоҷагии қишлоқ, илм ва фарҳанги Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дигаргуниҳои назаррасе мушоҳида мешуд, ки дар натиҷаи он вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишвар рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Ин марҳила дар таърихи халқи тоҷик бо он тасниф карда мешавад, ки дар тамоми соҳаҳои хоҷагидорӣ ва ҳаёти фарҳангӣ болоравии некуаҳволии халқ муваффақиятҳо ба даст оварда шуданд [112, с. 242].

Дар шароити имрӯза масъалаи асосӣ, ки диққати аксарияти таърихнигоронро ба худ ҷалб намудааст, вазъи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон дар охири асри XX ба ҳисоб меравад. Нисбати ин масъала, албатта, мавқеи ягонаи мутахассисон вуҷуд надорад, зеро ақидаҳои гуногун нисбати ин масъала пешниҳод гардида, имрӯз низ баҳсу мунозираҳо нисбати он дар доираҳои илмӣ ва умуман, дар афкори ҷамъиятӣ идома доранд.

Барои муайян намудани вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон дар давраи солҳои 80-90-уми асри XX зарур аст, ки инкишофи корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, маориф, фарҳанг ва тандурустӣ, мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Бо омӯзиши соҳаҳои зикргардида, метавон ба таври умумӣ ва мушаххас вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоии ҶШС Тоҷикистонро муайян ва баҳогузорӣ кард.

Таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ нишон медиҳад, ки солҳои 70-90-уми асри XX нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҶШС Тоҷикистон ниҳоят баланд ва бесобиқа аст. Онҳо бо қувват бахшидани иқтидорҳои энергетикӣ алоқаманд буда, ба рушди соҳаҳои энергетикии

металлургияи ранга таъсир расонидаанд. Дар ҶШС Тоҷикистон неругоҳҳои бузургтарини минтақа – Норак, Бойғозӣ, Хоруғ, инчунин маркази гармидиҳии Ёвон, роҳи оҳани Термиз-Қурғонтеппа-Ёвон ва дигар иншоотҳои бузург бунёд карда шуда, корҳо дар самти обёринамоии водии Ёвон-Обикиик ва даштҳои Дилварзин амалӣ гардиданд. Дар натиҷа, дар асоси рушди инфрасохтори энергетикӣ Заводи алюминии тоҷик бунёд гардид, ки пойгоҳи саноати вазнини ҶШС Тоҷикистони муосир ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, рушди соҳаи мошинсозӣ мушоҳида гардида, заводҳои нави механикии таъмир дар Душанбе ва Хуҷанд ба истифода дода шуданд [137, с.176].

Вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон аз фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, бахши аграрӣ ва сатҳи маблағгузориҳои марказӣ вобаста буд. Тавре ки маълум аст, вазъияти иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ҶШС Тоҷикистон аз фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, хоҷагии қишлоқ, сатҳи маблағгузориҳо аз марказ вобаста буд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки на дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии қишлоқ маблағҳо бисёр ва дуруст ҷудо мешуданд.

Дар солҳои 1980-ум саноати ҶШС Тоҷикистон ба истеҳсоли навъҳои гуногуни маҳсулот машғул буда, на танҳо талаботи дохилии ҷумҳуриро таъмин мекард, балки қисми онҳоро ба ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шуравӣ ва ҳатто ба кишварҳои хориҷӣ содир менамуд. Дар ин давра дар Тоҷикистон истеҳсоли захираҳои маъданӣ ва ашёи хом, аз қабили тилло, нуқра, волфрам, сурма, ангишт ва нафт, инчунин маҳсулоти саноати коркард, аз ҷумла арматур, мошинаҳои бофандагӣ ва кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётии комбайнҳо, трансформаторҳо, маҳсулоти кабелӣ ва қисмҳои эҳтиётии трактору автомобилҳо ба роҳ монда шуда буд. Ҳамзамон, истеҳсоли алюминий ва маҳсулоти алюминию нуриҳои минералӣ-азотӣ, яхдонҳо, махсулоти саноати шароб, нахи пахтагин, матоъҳои шоҳӣ ва пахтагин, пойафзол, консервҳои меваю сабзавот, равғани растанӣ ва дигар навъҳои маҳсулот низ мавқеи назаррас доштанд [137, с. 176].

Солҳои 80-ум суръати баланди рушди тамоми соҳаҳои саноат идома ёфтанд. Масъалаи рушди саноати вазнин яке аз ҷойҳои марказиро дар нақшаи рушди хоҷагии халқ ишғол менамуд, зеро маҳз рушди босуръати соҳаҳои саноат, ки рушди техникиро муайян менамуданд, бояд болоравии нақши ҷумҳуриро дар тақсимоти меҳнат таъмин мекарданд.

Яке аз сабабҳои қафомонии иҷтимоию иқтисодии ҶШС Тоҷикистон дар маҳсулоти хоми аграрӣ ва истеҳсоли танҳо як намуди маҳсулот дар заминҳо танҳо пахта кишт карда шуда, 90% нахи он берун аз ҷумҳурӣ коркард мешуд.

Аз 1000 нафар аҳолӣ дар истеҳсолоти озуқавории Тоҷикистон, ба ҳисоби миёна, нисбат ба кишварҳои Осиёи Миёна 2,3 маротиба камтар ва нисбати ҷумҳуриҳои собиқ Назди Балтика ва Молдова 3-4 маротиба камтар одамон ба кор машғул буданд.

Маврид ба ёдоварист, ки дар муқоиса бо соли 1970 шуғли аҳолӣ дар хоҷагии деҳот ҳамагӣ ба 3,5%, дар соли 1985 бошад, нисбат ба соли 1980 ба 0,6% кам шуда, дар умум 35,5%-и ҳамаи шахсони бо хоҷагии халқ машғулбударо ташкил медод [139].

Ҳамин тавр, афзоиши мутлақи шумораи коргарон дар хоҷагии деҳот дар солҳои 1970-1985 41,9%-ро ташкил дод. Хоҷагии деҳот дар охири солҳои 80-ум зиёда 1/5 ҳамаи маҳсулоти умумии ҷамъиятиро истеҳсол мекард, ки 1/3 даромади миллиро ташкил медод ва 1/3 ҳамаи шахсони дар хоҷагии халқи Тоҷикистон машғулро муттаҳид сохта буд. Дар ҷумҳурӣ маҳсулоти сермасрафи истеъмолии хоҷагии халқ дар панҷсолаи XI-ум 1,3 маротиба афзуд [139].

Дар солҳои 1975–1982 хати роҳи оҳани Тирмиз-Қӯрғонтеппа-Ёвон сохта шуда, ҳамчун як бахши муҳимми инфрасохтори нақлиётии ҷумҳурӣ мавқеи стратегӣ пайдо кард. Ҳамзамон, татбиқи лоиҳаи бузурги комплекси истеҳсолии

минтақавии ҷануби Тоҷикистон оғоз ёфт, ки тамоми иншооти бузурги саноатии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии кишвар, аз ҷумла комплекси чорводории Ховалингро дар бар мегирифт.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти иқтисодӣ ва иҷтимоии вазъияти кишвар дар арафаи бозсозӣ нишон дод, ки бо вуҷуди баъзе камбудиҳо дар Тоҷикистони Шуравӣ ин давра давраи рушд ба ҳисоб меравад.

Дар қатори вазифаҳои муқарраршуда танҳо иҷрои нақшаи ҷамъоварии нахи пахта таъмин гардид, ки дар соли 1990 ба 315,4 ҳазор тонна расида буд. Маълумоти оморӣ ва таҳқиқоти илмӣ собит месозанд, ки дар солҳои панҷсолаи дувоздаҳум (1985-1990) самти асосии сиёсати иқтисодӣ ба рушди пахтакорӣ равона гардида буд, дар ҳоле ки дигар бахшҳои хоҷагии халқ нақши иловагӣ ва дуюмдараҷаро иҷро мекарданд [121, с. 326].

Мутахассисон ва олимони соҳаи кишоварзӣ хуб огоҳ буданд, ки зиёд кардани масоҳати кишти пахта метавонад пайомадҳои манфии ҷиддиро ба бор орад. Аз ҷумла, кишти аз ҳад зиёди пахта боиси коҳиши ҳосилхезии замин мегардид, зеро он зироати сероб буда, ба замин фишори зиёд меорад. Илова бар ин, афзалияти пахта боис мешуд, ки кишти зироатҳои хӯроки чорво маҳдуд гардида, таъминоти соҳаи чорводорӣ ба мушкил мувоҷеҳ гардад. Котиби аввали ҲК ҲҶШС Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов моҳи марти соли 1989 чунин таъкид намудааст: «Аз ҷиҳати илмӣ иқтидори максималии Тоҷикистон 700 ҳазор тонна пахта мебошад. Ва мо ҳанӯз нақшаи 900 ҳазор тонна пахтаро дорем. Аммо пештар моро маҷбур менамуданд, ки кишти пахтаро ба 1 миллион тонна расонем ва онро ба кишварҳои хориҷ содирот намоем. Ягон кас фикр накард, ки мо халқро чӣ тавр таъмин мекунем ва чӣ гуна масъалаҳои экологиро ҳал менамоем» [44].

Зикр кардан бамаврид аст, ки ислоҳот дар соҳаи иқтисодиёт, махсусан дар соҳаи кишоварзӣ, ҳанӯз аз солҳои 80-

уми асри XX шуруъ шуда буд. Бо қабул гардидани Қонун «Дар бораи кооператсия дар ИҶШС» дар соли 1988 замина барои ташкили кооперативҳои истеҳсолӣ дар бахши кишоварзӣ гузошта шуд. Ин ташаббус дар солҳои баъдӣ вусъат пайдо карда, ба яке аз ҳаракатҳои фарогир дар бахши кишоварзӣ мубаддал гардид.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи ин раванд бо мушкилот рӯ ба рӯ гардид, зеро дар аксари ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, механизмҳои идоракунии кооперативҳо то охир таҳия нашуда буданд. Тадқиқоти иқтисодӣ ва таҷрибаи амалии ибтидои солҳои 90-ум собит сохт, ки дар шароити хоҷагии қишлоқ модели кооперативӣ-колхозӣ нисбат ба дигар шаклҳои ташкили истеҳсолот самараноктар буда, мавқеи устувортар пайдо намуд.

Солҳои 90-ум бошитоб як қатор қонунҳо қабул карда шуданд. Дар ин самт метавон қабули Қонун «Дар бораи моликият дар ҶШС Тоҷикистон» (5 декабри соли 1990), Қонун «Дар бораи иҷора дар ҶШС Тоҷикистон» (6 декабри соли 1990)-ро махсусан қайд намуд, ки ба мувофиқ намудани қонунгузории ҷумҳурӣ ба қонунгузории иттифоқӣ равона гардида буданд [73, с. 164].

Таҳлили оморӣ нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон соли 1991 колхозҳо 206, совхозҳо 362 ва 19 хоҷагиҳои якҷоя фаъолият доштанд. Соли 1985 ҳаҷми умумии маҳсулот ба 1850 миллион сӯм баробар буд. Соли 1992 бошад, ҳаҷми умумӣ ба 63,4% нишондиҳандаи соли 1985 баробар буд. Тадқиқоти илмӣ нишон доданд, ки баъди қабули Қонун «Дар бораи Кооператсия» соли 1988 тамоми самтҳои соҳаи кишоварзӣ ба рукуд омада расид. Дар ин давра истеҳсолот дар соҳаҳои мухталиф коҳиш ёфта, аксарияти маҳсулот дар доираи хоҷагиҳои шахсӣ истеҳсол карда мешуданд, масалан, 90% гӯшт дар чунин хоҷагиҳо истеҳсол

мешудаанд. Чунин ҳолат шаҳодати коҳиш ёфтани истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад [165, с. 72].

Дар ин давра дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ тартиботи меҳнат коста гардид, коргарон ба кор ҳозир намешуданд, бекор мондани мутахассисон афзуд, ҷойивазкунии бемақсади мутахассисон мушоҳида карда мешуд. Совхоз ва колхозҳо наметавонистанд мардумро бо кор таъмин намоянд, муфлисшавии онҳо ба таври мунтазам ба миён меомад [165, с. 72].

Масоили соҳаи иҷтимоӣ яке аз самтҳои калидии сиёсати дохилии давлати Шуравӣ маҳсуб меёфт. Дар ҷараёни баргузории пленумҳо ва анҷуманҳои Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ, аҳаммият ва зарурати баланд бардоштани сатҳи таъминоти моддии аҳолӣ, беҳбуд бахшидани некуаҳволии мардум ва расонидани ғамхории мунтазам ба шароити иҷтимоии шаҳрвандон таъкид мегардид. Ин масъалаҳо дар барномаҳои муҳимми давлатӣ ҷойгоҳи худро доштанд. Бисёре аз мушкилоти иҷтимоӣ, аз қабили бекорӣ, бесаводӣ ва бе назорат мондани кӯдакон то андозае ҳалли худро пайдо карданд. Ҳамзамон, масъалаҳои марбут ба сохтмони манзилҳои истиқоматӣ, рушди инфрасохтори хизматрасонӣ ва афзоиши истеҳсоли маҳсулоти истеъмолии оммавӣ пайваста мавриди таваҷҷуҳ қарор доштанд, вале амалисозии онҳо на ҳамеша самаранок сурат мегирифт.

Бояд тазаккур дод, ки эътиқоди халқи шуравӣ ба ғояи асосии коммунистӣ ва устувору мустаҳкамии сохтори давлатӣ алоқаманд буд. Халқи шуравӣ боварӣ дошт, ки давлат камбудиҳои мавҷударо сари вақт ва бомуваффақият бартараф менамояд. Яке аз масъалаҳои муҳимми ин мушкилот таъмини озуқаворӣ ба ҳисоб мерафт. Моҳи майи соли 1982 «Барномаи озуқаворӣ» қабул гардид, ки татбиқи он то соли 1990 пешбинӣ шуда буд. Тибқи ин барнома, дар ҶШС Тоҷикистон дар охири давраи панҷсолаи XII истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ барои

қонеъ гардондани ниёзҳои аҳолӣ дар ҳаҷмҳои муайян ба нақша гирифта шуда буд: гӯшт (дар вазни холис) - то 140–143 ҳазор тонна; шир - то 630–640 ҳазор тонна; тухм – то 710–720 миллион дона. Илова бар ин, васеъ намудани майдони боғу ангурзорҳо ва ташкил намудани минтақаҳои истеҳсоли сабзавоту шир дар атрофи шаҳрҳо, инчунин, ташкили заминаи устувори истеҳсоли картошка дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳӣ ба назар гирифта шуда буд. Дар давоми панҷ сол татбиқи тадбирҳо барои обёрии 65 ҳазор гектар замин, азхудкунии заминҳои дашти Данғара ва водии Бешкент ва боло бурдани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ҳамчун роҳи ҳал барои коҳиш додани норасоии ғизоӣ ба нақша гирифта шуда буданд.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки дар давраи бозсозӣ (1985-1991) самти калидии фаъолияти кишоварзии Тоҷикистон истеҳсоли пахта буд, ки онро ҳамчун стратегияи асосии пешрафти хоҷагии қишлоқ ташаккул дода буданд. Дар ҳамин ҳол, дигар зерсоҳаҳои кишоварзӣ натавонистанд уҳдадориҳои пешбинишудаи нақшаи панҷсоларо амалӣ намоянд. Зарари иқтисодӣ аз фаъолияти чорводорӣ дар ин давра дар сатҳи баланд боқӣ монда, ҳар сол то ба 20-25 миллион сӯм мерасид, ки нишондиҳандаи равшани ғайрисамаранокии идоракунии соҳа ба шумор меравад. Аҳолӣ ба норасоии доимии маводи асосӣ дучор шуда буд [140, с. 82].

Ба хотире, ки маҳсулоти асосии хоҷагии қишлоқ пахта ба ҳисоб мерафт, сол ба сол масоҳати заминҳои кишти пахта васеъ гардонида мешуд. Масалан, агар 23,8% заминҳои корам соли 1960 барои кишти пахта ҷудо гардида бошанд, пас соли 1970 ин нишондиҳанда ба 33,2%, соли 1980 ба 40,4%, соли 1990 ба 36,4% баробар карда шудааст [147].

Дар давраи бозсозӣ кӯшиш карда мешуд, то мушкилоти иҷтимоӣ ба таври муассир ҳал карда шаванд. Чунин шуморида мешуд, ки бо суръат бахшидани рушди иҷтимоию иқтисодии Иттиҳоди Шуравӣ

заминаи воқеӣ барои татбиқи сиёсати иҷтимоӣ гузошта мешавад. Дар ин самт як қатор тадбирҳои фаврии амалӣ, аз ҷумла, бартараф кардани норасоии молҳои саноативу хӯрокворӣ, таъмини аҳолии ниёзманд бо манзили зист ва расидан ба сатҳи қобили қабул ва устувори хизматрасонии иҷтимоӣ дар назар дошта шуда буданд.

Қайд намудан зарур аст, ки дар ин давра вазъи масъалаҳои иҷтимоӣ-маишӣ дар Тоҷикистон номусоид арзёбӣ карда мешуд, ки бо афзоиши босуръати аҳолӣ, афзудани шумораи бекорон, муҳоҷирати одамон алоқаманд буд. «Ин мушкилот ҳангоми интиқоли бисёр хизматрасониҳо, аз он ҷумла дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва маданият пулакӣ шуданд» [200, с. 123-128]. Дар ҷумҳурӣ барои давраи панҷсолаи дувоздаҳум ва то соли 2000 барномаҳои мукаммали «Манзилӣ» ва «Тандурустӣ» таҳия гардида буданд. Аммо таҷрибаи таърихии солҳои бозсозӣ (1985–1991) нишон дод, ки муваффақияти ислоҳоти иқтисодиву сиёсӣ танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки заминаи устувори иқтисодӣ фароҳам бошад, афзалиятҳо бо дақиқӣ муайян гарданд, ваколатҳои марбут ба татбиқ равшан ва ҷудо карда шаванд ва аз ҳама муҳим, назорати мунтазам аз болои иҷрои ин барномаҳо ба роҳ монда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ ва маишӣ бо омилҳои хос рӯз аз рӯз камтар мешуданд. Сабаби асосияш ин афзоиши аҳолӣ, инчунин шумораи одамоне, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ кор намекарданд, муҳоҷирати сокинони деҳот ба шаҳр ва дигар омилҳо ба ҳисоб мерафтанд. Агар дар панҷсолаи даҳум аз ҳисоби маблағҳои колхозҳо 225 ҳазор метри мураббаъ манзил сохта шуда бошад, пас дар панҷсолаи ёздаҳум ин рақам ба 217 ҳазор метри мураббаъ расид [190, с. 64]. Аммо дар панҷсолаи XII ин нишондод камтар ба қайд гирифта шуда буд.

Мувофиқи маълумотҳои оморӣ дар панҷсолаи IX корхонаҳо, ташкилотҳо ва колхозҳои кооперативӣ 5 миллиону 821 ҳазор метри мураббаъ, дар панҷсолаи XI 5 миллиону 365 ҳазор метри мураббаъ ва дар панҷсолаи XII мутаносибан 3

миллиону 600 метри мураббаъ майдони манзилии истифодашаванда барои истифода пешбинӣ шуда буд [116, с. 8]. Охири солҳои 80-ум диққат аз тарафи марказ ба соҳаи иҷтимоӣ суст гардид. Дар Шурои XXVI ҲКИШ қайд карда шуд, ки органҳои марказӣ ва маҳаллӣ ба камбудиҳои соҳаи иҷтимоиёт диққат намедиҳанд. Мавқеи зан ба мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Қисми зиёди онҳо аз сабаби серфарзандӣ имкони ба корҳои ҷамъиятӣ машғул шуданро надоштанд. Дар Тоҷикистон бештар аз 90% тамоми бекоронро занон ташкил медоданд. Инчунин, шумораи занҳо нисбат ба мардҳо зиёдтар буд. Дар Тоҷикистони Шуравӣ таносуби шумораи мардону занон дар соли 1990 мардон - 49,7 фоиз, занон - 50,3 фоизро ташкил медоданд. Шумораи оилаҳо аз рӯйи барӯйхатгирии аҳолӣ соли 1990 798,9 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ин назар ба соли 1979-ум 165,5 ҳазор оила (25,5%) зиёд буд [219, с. 81].

Тайёрнамоии кадрҳо омили дигари рушди вазъи иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҳисобида мешуд. Дар тайёрнамоии кадрҳо дар солҳои 80-ум Тоҷикистон муваффақиятҳои назаррасро касб намуда буд. Масалан, соли 1961 дар ҶШС Тоҷикистон 57,1 ҳазор нафар мутахассисон меҳнат мекарданд, соли 1985 ин рақам ба 297,7 ҳазор баробар шуд, яъне дар ин муддат миқдори мутахассисон дар соҳаҳои мухталифи хоҷагидории миллӣ 5 маротиба афзоиш ёфтааст [192]. Ҳамасола миқдори зиёди ҷавонон аз қатори аҳолии таҳҷоӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳуриҳои дигари Шуравӣ бе озмун қабул карда мешуданд, ки тамоми соҳаҳои хоҷагидории миллӣ бо кадрҳои баландихтисос таъмин карда шавад.

Бо вуҷуди ин, дар ҳалли масъалаҳои амалии тайёр намудани кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ ба хатоҳои ҷиддӣ роҳ дода шуда буд. Суръати баланди сохтмони корхонаҳои саноатӣ, рушди илмӣ-техникӣ, бунёди объектҳои бузург дар соҳаи мошинсозӣ, истеҳсоли неруи барқ, металлургия ва саноати химиявӣ миқдори зиёди коргарони

баландихтисосро талаб менамуд. Аммо дар ин марҳила кадрҳои баландихтисос намерасиданд. Тайёрнамоии коргарони баландихтисос дар низоми таҳсилоти касбии техникӣ дар соли 1980 дар ИҶШС ба ҳар 10 ҳазор нафар 92 нафар рост меомад. Дар ҶШС Тоҷикистон бошад, ин рақам ба 46 нафар баробар буд, ки ду маротиба камтар буд [169, с. 45].

Дар шароити бозсозӣ нақши марказиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ омӯзгорон ишғол мекарданд. Тибқи маълумоти оморӣ, то моҳи октябри соли 1990 шумораи омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи ҷумҳурӣ ба 95,1 ҳазор нафар мерасид [209, с. 5]. Дар баъзе шаҳру ноҳияҳо миқдори муаллимоне, ки маълумоти олӣ доштанд, торафт кам мешуд. Шумораи мутахассисони омӯзгорӣ, ки маълумоти миёнаи махсус доштанд, бетағйир мемонд.

Таҳлилҳои оморӣ нишон доданд, ки ҳарчанд шумораи омӯзгорон дар деҳот дар панҷ соли бозсозӣ ба 22%, дар шаҳрҳо ба 27% зиёд шуда бошад ҳам, ба ҳар ҳол норасоии мутахассисони омӯзгорӣ ба назар мерасид, зеро афзоиши аҳолии кишвар устуворона зиёд мегардид. Хусусиятҳои демографӣ ва сиёсати бозсозӣ на танҳо ба сифат, балки ба ҷойгиршавии муассисаҳои таълимӣ низ таъсири худро расонид. Дар шароити Тоҷикистон 84,3% муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар деҳот ҷойгир шуда буданд, ки 70% хонандагон аз миқдори умумии хонандагон дар ҷумҳурӣ таҳсил менамуданд [40].

Дар солҳои панҷсолаи дувоздаҳум (1986–1990) татбиқи нақшаҳои марбут ба сохтмони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, миёнаи махсус ва олӣ дар ҳудуди ҶШС Тоҷикистон ба анҷом нарасид. Хусусан, баъди қабул гардидани Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» (1989) ва ҳодисаҳои моҳи феврали соли 1990, равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ боиси он шуданд, ки шумораи зиёди мутахассисони соҳоти илмӣ-техникӣ ва таълимӣ, аз ҷумла донишҷӯён ва кадрҳои дорои тахассуси баланд ҷумҳуриро тарк кунанд. Ин ҳолат ба камшавии ҷиддии захираҳои инсонӣ оварда расонда, фаъолияти бархе аз зерсохторҳои муҳимми иқтисодиётро ба таври назаррас суст ва дар баъзе ҳолатҳо мутаваққиф намуд. Дар натиҷа,

рушди соҳаҳои асосии иқтисоди миллӣ халал ёфт ва ҷараёни ислоҳоти марбут ба сиёсати бозсозӣ дар кишвар ба таври мукаммал татбиқ нагардид. Омилҳои мазкур асосан ду ҷиҳат доштанд: вобастагии шадиди дастгоҳи ҳизбии Тоҷикистони Шуравӣ аз марказ ва фаъолияти нопурраи ниҳодҳои сиёсиву мустақили ҷумҳурӣ. Ин масъала, бахусус дар сатҳи ноҳияҳо, бо равшанӣ зоҳир мегардид.

Дар ин давра зиёда аз 25 ҳазор мутахассиси бахшҳои мухталифи хоҷагии халқ Тоҷикистонро тарк карданд. Ин раванд ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ зиёни назаррас расонда, ҳаҷми умумии он тақрибан 300 миллион рублро ташкил дод. Шумораи бекорон ба сатҳи 600 ҳазор нафар расид, ки нисбат ба соли 1987 қариб ду маротиба зиёд буд [40]. Бо вуҷуди аҳаммияти назарраси ин омор, масъалаи мазкур то имрӯз дар таърихнигории миллӣ ба таври мустақил ва муфассал мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Ислоҳоти марбут ба бозсозӣ дар соҳаи илм низ фаро гирифта шуда, таваҷҷуҳ асосан ба масъалаи кадрҳо равона гардид. Дар давраи аз нимаи солҳои 70-ум то миёнаи солҳои 80-ум суръати омода намудани кадрҳои илмӣ нисбат ба давраи пас аз ҷанг коҳиш ёфта, касби олим дар ҷомеа нуфузи пешинаи худро аз даст дода буд. Бо мақсади ҷалби мутахассисон ба фаъолияти илмӣ ва боло бурдани мақому эътибори илм дар ҷомеа, аз моҳи июни соли 1985 музди меҳнати кормандони соҳаи илм зиёд карда шуд. Илова бар ин, бо оғози соли 1986 дар муассисаҳои илмӣ, барои беҳтар кардани системаи ҳавасмандгардонӣ, ба ғайр аз вазифаҳои мавҷудаи ходимони хурд ва калон, вазифаҳои наве ба монанди сарходими илмӣ, ходими асосии илмӣ ва ходими илмӣ ҷорӣ карда шуданд [56]. Тағйироти кадрӣ дар соҳаи илм, ки дар заминаи талошҳои роҳбарияти ҳизб барои демократикунонии ҷомеа ба амал омад, дар руҳияи сиёсати «ошкорбаёнӣ» ҷараён гирифта, ба густариши муҳити озодтари илмӣ ва имкони баррасии кушодаи масоили илмӣ ва иҷтимоӣ мусоидат намуд [99, с. 33]. Аз соли 1987, дар асоси низомномаи нави Академияи илмҳои ИҶШС, тартиби таъйини роҳбарони илмӣ дигаргун

гардид: минбаъд директорон, мудирони шуъбаҳо ва аъзои шуроҳои илмӣ бо роҳи интихобӣ ба вазифаҳо баргузида мешуданд.

ҶШС Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ, аз ҷумла Молдавия, Қирғизистон, Литва ва Қазоқистон аз рӯйи афзоиши шумораи мутахассисони соҳаи илм ҷойи панҷумро ишғол мекард. Аммо аз рӯйи шумораи кормандони унвондори номзадҳои илм ва кормандони илмӣ ҷойи ҳафтум ва докторони илм ҷойи понздаҳумро ишғол мекарданд, ки сабабҳои он то ҳол дар илми таърихнигорӣ ва сиёсатшиносӣ баррасӣ нагардидааст [166, с. 17]. «Баланд бардоштани вазъи иҷтимоии кормандони илмӣ аз ҳисоби сиёсати кадрӣ дар соҳаи илм суръати зиёд шудани шумораи кормандони илмиро баланд бардошт: дар соли 1985 229 докторони илм, 3074 номзадони илм буданд, пас соли 1989 бошад, шумораи ходимони илмӣ 9069 нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора 259 нафар докторони илм ва 3417 нафар номзадони илм буданд» [144, с.11].

Яке аз василаҳои асосии омода намудани кадрҳои илмӣ-педагогӣ бо дараҷа ва унвонҳои илмӣ аспирантура ба шумор мерафт. Он дар назди донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ амал мекард ва нақши калидӣ дар тарбия ва такмили мутахассисон иҷро менамуд. Дар маҷмуъ, дар 24 муассисаи илмии Академияи илмҳо ва 5 муассисаи таҳсилоти олии кишвар аспирантҳо омода карда мешуданд. Аксари онҳо таҷрибаи на камтар аз ду соли корӣ дар самти ихтисоси худ дар соҳаҳои илмӣ ё истеҳсолиро доро буданд.

Соли 1989 шумораи умумии аспирантон дар ҷумҳурӣ 210 нафарро ташкил медод, вале на ҳамаи онҳо тавонистанд корҳои илмии худро дар муҳлати муқарраршуда анҷом диҳанд. Бар асоси маълумоти мавҷуда, ҳар сеюмин аспирант таҳқиқоти илмии худро, ки бояд аз таҳлил, хулоса ва тавсияҳои назариявию амалӣ иборат мебуд, ба анҷом нарасонид [220, с. 48-49]. Бинобар ин, аз соли 1979 то як муддати муайян шумораи умумии хатмкунандагони аспирантураи ҷумҳуриявӣ 285 нафарро ташкил дод. Аз ин шумора 88 фоизашон ба кор дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ

равона карда шуданд, дар ҳоле ки 12 фоизи боқимонда барои фаъолият дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ омода гардиданд [161, с. 141].

Қобили зикр аст, ки дар соли 1990 ҳангоми таҳлили захираи кадрии мактабҳои олии ҷумҳурӣ занон 12,9%-и ҳайати докторони илмро ташкил медоданд, дар сурате ки дар миёни номзадҳои илм ин нишондиҳанда ба 23,6% (343 нафар) мерасид. Бо вуҷуди ин, дар муқоиса бо соли 1986 мушоҳида мегардад, ки суръати афзоиши шумораи занони дорои дараҷаҳои баланди илмӣ дар мактабҳои олии кишвар дар сатҳи паст боқӣ мондааст: дар соли 1986 занон 22,9%-и номзадҳои илм ва 11,8%-и докторони илмро ташкил медоданд. Бо ин ҳол, шумораи умумии занон дар ҳайати кормандони илмӣ ва илмӣ-педагогӣ тағйири ҷиддӣ надошта, дар соли 1990 ба 43,6% расид, ки як нишондиҳандаи нисбатан баланди иштироки занон дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ ба ҳисоб меравад [51, с. 3-6].

Ҳамзамон, омезиши ду раванд – бuҳрони амиқи иқтисодӣ, аз як сӯ, ва татбиқи ислоҳоти марбут ба сиёсати бозсозӣ, аз сӯи дигар, бахусус сиёсати «ошкорбаёнӣ» ва фаъолшавии неруҳои ҳизбӣ ва ҳаракатҳои сиёсӣ – ба сохтори давлатдории сотсиалистии он давра таъсири ҷиддии манфӣ расонд. Ин низом, ки арзишҳо, таҷрибаи таърихӣ ва хусусиятҳои миллӣ-фарҳангии мардумро ба таври кофӣ ба инобат намегирифт, дар шароити нави сиёсиву иҷтимоӣ заъфи худро равшан намуд. Дар муҳити илмии ҷумҳурӣ тадриҷан ақидаҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки зарурати таҳкими асосҳои истиқлол, эҳёи суннатҳои таърихиву фарҳангӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ҳамчун самти асосӣ матраҳ мешуд. Дар ҳамин замина, ҷомеашиносон, ходимони сиёсӣ ва намояндагони давлатӣ, бо такя ба эҳтиёҷоти ҷомеа, масъалаи эҳтиром ба забони тоҷикӣ ва расмӣ гардондани онро ҳамчун забони давлатӣ ба миён гузоштанд.

Бояд қайд намуд, ки тамоми чораҳои таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон аз сатҳи маблағгузорӣ вобаста буд. Аз мавқеи иқтисодӣ Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои дигар қафомондатарин шуморида мешуд. Корхонаҳои мухталифи саноат ва

хоҷагии қишлоқ, махсусан истеҳсоли неруи барқ, комбинатҳои нассоҷӣ, бахши кишоварзӣ, истихроҷи маъдан, химиявӣ, роҳҳои оҳан, мошинсозӣ ва умуман, тамоми инфрасохтори истеҳсолиро муайян менамуданд, ки онҳо аз ҳисоби буҷаи умумииттифоқӣ маблағгузорӣ карда мешуданд. Масалан, ба сохтмони чунин объектҳои бузург, ба монанди маҷмуи ҳудуди истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ, Неругоҳи барқи обии “Норак”, Заводи химиявии Ёвон, Заводи алюминии тоҷик захираҳои бузург хароҷот карда шудаанд [165, с. 8].

Илова бар ин, дар солҳои 80-ум дар асоси сиёсати «баробарнамоӣ» Тоҷикистон нисбат ба истеҳсоли пахта ба буҷа воситаҳои бештари молиявиро ба даст меовард. Дар асоси сиёсати «баробарнамоӣ» давлат уҳдадор гардида буд, ки ҷумҳуриҳои нисбатан қафомондаро ба сатҳи дигар ҷумҳуриҳои рушдкарда расонад. Як қатор муаллифон онро сиёсати популистӣ меноманд, лекин дар асоси далелҳои иқтисодӣ метавон қайд намуд, ки солҳои 80-ум чунин сиёсат пеш гирифта шуда буд ва ба рушди иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳуриҳои алоҳида, аз он ҷумла ҶШС Тоҷикистон таъсири назаррас расонидааст.

Ҷанбаи дигар, ки ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон мусоидат менамуд, ҳамкориҳои ҶШС бо дигар ҷумҳуриҳои шуравӣ ба ҳисоб мерафт. ҶШС Тоҷикистон дар алоҳидагӣ наметавонист рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳуриро бе алоқаҳо ва кумакҳои тарафайн бо дигар ҷумҳуриҳо ва минтақаҳои ИҶШС таъмин намояд. Муваффақиятҳои сохтмони хоҷагидорӣ ва фарҳангӣ дар ҶШС Тоҷикистон бо шарофати алоқаҳои иқтисодӣ, ивазнамоии таҷриба ва дастовардҳо дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ имконпазир гардид.

Аз минтақаҳои гуногуни ИҶШС ба Тоҷикистон даҳҳо номгӯйи молу маҳсулот, техника, таҷҳизоти технологӣ барои тамоми соҳаҳои саноат, автомобилҳо, тракторҳо, металлҳои ранга ва нодир, таҷҳизоти тиббӣ, маводи сохтмон ворид мегардиданд. Дар навбати худ, ҶШС Тоҷикистон ба дигар ҷумҳуриҳо мошинҳои нассоҷӣ ва хоҷагии қишлоқ,

таҷҳизоти тиҷоратӣ, арматур, яхдон, трансформатор, маҳсулоти кабелӣ, пахта, қолин, матоъ, пойафзол ва мева содир менамуд [112, с. 258].

Дастгоҳҳои бофандагӣ аз Тоҷикистон ба корхонаҳои саноати нассоҷии ҶШФСР, ҶШС Узбекистон, қисмҳои эҳтиётии тракторҳо ва автомошинаҳо, қисмҳо барои саноати коркарди нефт ва газ ба тамоми ҷумҳуриҳои шуравӣ, трансформаторҳо ба ҶШС Украина, ҶШС Белоруссия, ҶШС Гурҷистон, ҶШС Озарбойҷон, ҶШС Литва, ҶШС Эстония, ҶШС Молдовия содир карда мешуданд [139, с. 16-17].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки муносибатҳои иқтисодии байни ҷумҳуриҳои ИҶШС нақши муҳиме дар таҳкими робитаҳои дӯстонаи мардумон бозида, ба рушди неруҳои истеҳсолӣ такон бахшиданд. Шакли васеъ паҳнгардидаи ҳамкориҳои иқтисодии халқҳои ИҶШС, омили муҳимми мустаҳкам намудани ягонагии иқтисодӣ, меҳнати якҷояи намояндагони миллату халқиятҳои гуногун дар коллективҳои меҳнатӣ ба ҳисоб мерафт. Меҳнати якҷоя саъю кӯшиш, маҳорату малака ва дониши онҳоро муттаҳид намуда, тамоми захираҳоро барои афзоиши натиҷаҳои меҳнат равона месохт. Чунин ҳамкориҳо ва ҳамбастагиҳо ба рушди тарафайни иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳуриҳои шуравӣ мусоидат менамуд.

Анҷумани XXVII Ҳизби Коммунистӣ самтҳои асосии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ИҶШС-ро барои солҳои 1986 – 1990 ва барои давраи то соли 2000 муайян намуд. Анҷуман вазифаҳои асосии ҳизб ва мардумро дар тули асри XXI муайян кард ва барои суръат бахшидан ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар дар асоси пешрафти илмӣ-техникӣ, навсозии инқилобӣ ва таҷдиди ҷомеаи шуравӣ қарорҳои заруриро қабул намуд. Ҳамин тариқ, роҳҳои мушаххаси ҳалли ин вазифаҳо муайян карда шуданд. Мақсади бозсозӣ некуаҳволӣ, ғамхорӣ, кор ва зиндагии мардум буд.

Дар чунин вазъияти мураккаби дохилии сиёсии кишвар халқи тоҷик ба иҷрои вазифаҳои нақшаи панҷсолаи оғозшуда ва барои давраи то соли 2000, ки аз тарафи Анҷумани Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон пешбинӣ шуда буд, оғоз намуд. Дар нақшаи панҷсолаи нав афзалият ба

соҳаҳои энергетика, саноати ранга ва кимиё, мошинсозӣ ва сохтмон дода мешуд. Аммо тавре раванди ҳодисаҳои минбаъда, ки бар асари фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ нишон дод, ҳизби коммунисти Тоҷикистон ҳеҷ гуна фаъолияти мустақилона ва ба суди халқ ва давлат надошта, тобеи дастгоҳи марказии ҳизби коммунистии ИҶШС буд.

Барои рушди минбаъдаи маҷмуи истеҳсолотии ҳудудии ҷанубӣ, аз ҷумла суръат бахшидани сохтмони неругоҳи Роғун, оғози сохтмони неругоҳҳои барқи обии Сангтӯда ва Помир маблағҳои калон ҷудо карда шуданд, аммо сохтмони онҳо бо сабаби ҷанги шаҳрвандӣ қатъ гардиданд.

Дар соҳаи кишоварзӣ вазифаи муҳимтарин истеҳсоли пахта боқӣ монд, ки тақрибан 910 ҳазор тонна дар як солро ташкил медод ва аҳолии ҷумҳуриро бо маҳсулоти озуқаворii истеҳсоли худӣ таъмин менамояд.

Дар тули панҷ сол лозим буд, ки ҳадди ақал 65 ҳазор гектар заминҳои нави обёришаванда аз худ карда шаванд. Барои рушди соҳаи нақлиёт, пеш аз ҳама автомобилӣ, маблағҳои зиёд ҷудо карда шуданд. Нақша барои идомаи сохтмони роҳҳои Душанбе – Ленинобод тавассути қаторкӯҳҳои Ҳисор, роҳи Душанбе – Қалъаи Хумб, Қӯрғонтеппа – Кӯлоб пешбинӣ гардида буд, ки то охир ба анҷом нарасид. Ин ҳолат дар раванди якпорчагии Тоҷикистон ва миллатшавии тоҷикон низ монеаи ҷиддӣ гардид.

Дар нақша ва минбаъд баланд бардоштани некуаҳволии мардум ва сатҳи фарҳангии он диққати махсус дода шудааст. Дар ҷумҳурӣ ба истифода додани биноҳои истиқоматӣ бо масоҳати беш аз 7 миллион метри мураббаъ ба нақша гирифта шуда буд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди демократикунонӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ ҳанӯз бо сиёсати бозсозӣ оғоз гардида буд. Ба хотири амалӣ намудани ҷанбаҳои ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ пойгоҳи қонунгузорӣ, ки равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиро танзим менамуд, тағйир дода шуд. Масалан, соли 1986 Қонуни Иттиҳоди

Шуравӣ «Дар бораи фаъолияти меҳнати инфиродӣ» қабул карда шуд, ки оғози гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад [59, с. 37]. Дар ин самт меъёри ҳуқуқии калидӣ Қонуни Иттиҳоди Шуравӣ «Дар бораи кооператсия» ба ҳисоб мерафт, ки соли 1988 қабул гардида, ба рушди соҳибкории хусусӣ дар кишвар такони бузург дод [58, с. 68].

Вазъиятро, инчунин, Қонун «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ», ки соли 1987 қабул гардида буд, мушкил гардонид. Маҳз ин қонун ба халалдор гардидани низоми савдо ва тиҷорати байнисоҳавӣ, ки муддати тулонӣ иқтисодиёти шуравиро нигоҳ медошт, оварда расонид. Гарчанде қонун ба корхонаҳои саноатӣ нисбати тақсимоти даромад ва воситаҳои пулӣ ҳуқуқи бештар медод, лекин муқаррароти қонун оид ба он ки корхонаҳои саноатӣ дигар ба иҷрои фармоиши корхонаҳои дигар уҳдадор нестанд, ба оқибатҳои мудҳиш оварда расонид. Акнун корхонаҳои саноатӣ метавонистанд, ки дар асоси интихоби худ бо дигар корхонаҳои саноатӣ шартнома банданд. Як қисми истеҳсолот бояд дар ихтиёри давлат боқӣ мемонд, ки ҳаҷми он ҳамасола бояд маҳдуд карда мешуд [57, с. 48].

Академик Абалкин Леонид Иванович қайд карда буд, ки «Хусусигардонии иқтисодиёти давлати Шуравӣ ин амали шитобкорона буда, оқибати нохуб ва бебор меорад». Масалан, соли 1987-1988 қисми фармоишҳои давлатӣ тақрибан 80%-ро ташкил медод, аз ин хотир, натиҷаи ислоҳот он қадар назаррас набуд. Лекин солҳои 1989-1990 фармоиши давлатӣ то 25% коҳиш ёфт, ки боиси пошхӯрии тамоми низом гардид. Соли 1990 аксарияти уҳдадориҳои шартномавӣ иҷро намегардиданд. Корхонаҳои саноатӣ ё шартнома мебастанд, ё аз ин амал худдорӣ менамуданд, лекин онҳо иҷро намегардиданд [77, с. 116].

Ҳамин тариқ, давраи бозсозӣ дар таърихи Тоҷикистон баробари як қатор дастовардҳо дар самти рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, проблемаҳои муайян низ мавҷуд буданд. Хусусан, дар самти коҳиши миқдори кормандон ва кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ ҳам дар саноат ва ҳам дар

хоҷагии қишлоқ ба миён меояд. Чунин вазъият, асосан, бо ҷанбаҳои зерин алоқаманд аст: вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии халқи меҳнаткаши тоҷик бадтар гардид; ба таври назаррас талабот ва диққати асосӣ ба кормандон коҳиш ёфт. Чӣ тавре ки доктори илми таърих Абулҳаев Рақиб қайд мекунад: «Кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ тадриҷан нуфузи худро аз даст медоданд. Шароити зарурии иҷтимоӣ-маишии ҳаёт ва меҳнатро надошта, як қисми коргарон ба дигар соҳаҳои хоҷагии халқ гузаштанд, қисми дигар ба ҷараёнҳои муҳоҷират пайваст гардиданд, ки дар охири солҳои 80-ум қувват гирифта буд. Қисми зиёди аҳолии қобили меҳнати ҷумҳурӣ, махсусан ҷавонон, сафи бекоронро дар ҷумҳурӣ зиёд менамуданд» [153, с. 167].

Қайд намудан зарур аст, ки дар ИҶШС припсипи асосии рушди қувваҳои истеҳсолкунанда самтгирӣ ба тақсимоти меҳнат байни минтақаҳо, тобеъ намудани талаботҳои маҳаллӣ ба манфиатҳои умумии давлат шуморида мешуд. Мутобиқан, нақши Тоҷикистон дар саноатикунонии кишвар, асосан, ҳамчун сарчашмаи ашёи хом баромад менамуд. Аз ин хотир, тамоми корхонаҳои саноатӣ, ки мувофиқи нақшаи рушди хоҷагии халқ ба назар гирифта шуда буданд, ба тайёр намудани ашёи хом ва маҳсулоти ниҳоӣ равона гардида буд.

Манфиатҳои зоҳирии рушди саноатӣ дар асл бар бунёди корхонаҳои нав ва истифодаи неруи кории воридотӣ асос меёфтанд, ҳол он ки суръати воқеии такомули саноат бамаротиб пасттар буд. Чунин муносибат ба ворид гардидани миқдори зиёди коргарон ва хизматчиён дар ҳолати мавҷудияти захираҳои барзиёди қувваи корӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намудааст. Натиҷаҳо нишон доданд, ки охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум муайян гардид, ки чунин муносибат ба натиҷаҳои манфӣ оварда расонид.

Дар таҳлилҳои умумии даҳсолаҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ имкон фароҳам шудааст, ки дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон самтҳои зерин ҷудо карда шаванд.

Заминаи асосии соҳаҳои тахассусии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иқтисоди нақшавии Шуравӣ ба мерос гирифта шавад. Яъне, аксарияти навъҳои истеҳсолоти саноатӣ дар кишвар дар давраи Шуравӣ ба роҳ монда шуда буд. Мусаллам аст, ки дар давраи Шуравӣ Тоҷикистон дар хоҷагидории давлати Шуравӣ яке аз ҷойҳои охиринро ишғол менамуд [210, с. 145-156]. Лекин, чунин мешуморем, ки ин аҳаммияти давраи таърихии шуравиро дар таърихи Тоҷикистон ба таъхир намеандозад. Нишондиҳандаҳои оморӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки соли 1975 ҳаҷми маҳсулоти саноатии Тоҷикистон нисбат ба соли 1940 чордаҳ маротиба ва нисбат ба соли 1913 121 маротиба бештар гардид [95].

Қобили қайд аст, ки дар давраи солҳои 1971-1990 дар самти рушди иқтисодиёти Тоҷикистон корҳои зиёд ба сомон расонида шуданд. Дар муқоиса аз соли 1970 дар соли 1990 ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 251,4%, дар маҷмуи энергетика афзоиш 461,1%, дар саноати мошинсозӣ 366%, дар саноати сабук 191%, дар саноати хӯрока 193,2%-ро ташкил менамуд. Дар маҷмуи металлургия дар давраи солҳои 80-ум афзоши истеҳсолоти саноатӣ дар сатҳи 270%, дар саноати нафтиву химиявӣ бошад, афзоиш 220% ба қайд гирифта шудааст. Афзоиши босуръати соҳаҳои нишондодашудаи саноат дар ин давра шаҳодати он аст, ки дар иқтисодиёти Тоҷикистон як қатор дигаргуниҳои сохторӣ амалӣ карда шуданд. Агар дар солҳои 50-уми асри XX саҳми саноати вазнин дар иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамагӣ 5%-ро ташкил дода бошад, соли 1970 ин нишондод ба 7% расид, то соли 1990 ба таври назаррас афзуда, ба 20% баробар гардид. Лекин асоси маҳсулоти минтақавии Тоҷикистонро ҳанӯз тахассусоти соҳавӣ – бахши аграрӣ, саноати сабук ва хӯрока ташкил менамуд [168, с. 167].

Аз моҳи феврали соли 1989 дар ҷумҳурӣ иштироки зиёиён дар гирдиҳамоиҳо ва намоишҳо афзоиш ёфт. Маҳз дар ҳамин замина, бо ташаббуси комсомоли ҷумҳурӣ нахустин гурӯҳи сиёсии «Рӯ ба рӯ» таъсис гардид. Пайравон ва аъзои ин гурӯҳи сиёсӣ ба таври ошкоро фаъолияти намояндагони давлатиро таҳлил намуда, танқид карданд.

Зери таъсири гурӯҳи сиёсии «Рӯ ба рӯ» солҳои 1989-1990 дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистон иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ, ба монанди «Ошкоро», «Бохтар», «Эҳёи Хуҷанд», «Ваҳдат», «Дирафши Ковиён», «Куруши Кабир», «Пайванд», «Самарқанд», «Суғдиён» ва ғайраҳо пайдо шуданд [96, с. 286].

Пайдоиш ва рушди ниҳодҳои мазкур талаботи сиёсати нави кишвар ба ҳисоб рафта, пеш аз ҳама, раванди тағйироту дигаргуниҳоро дар ҷомеа таҷассум менамуд. Дар раванди демократикунонӣ ва гуногунақидагӣ дар ҷумҳурӣ нақши воқеаҳои февралии соли 1990 бузург аст.

Ташкилоти зиёди ҷамъиятию сиёсии ғайрирасмӣ бо рафтори бе таҳаммули худ вазъияти ҷумҳуриро боз ҳам муташанниҷ намуданд. Ба назар мерасид, ки татбиқи ислоҳот танҳо дар ҳолате муваффақ шуда метавонад, ки камбудиҳо бартараф гардида, дар сохтори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсати кишвар дигаргуниҳои амиқ роҳандозӣ шаванд. Дар ҳамин замина, дар марҳалаи бозсозӣ ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ ба вуҷуд омаданд, ки онҳо дар муҳокима ва баррасии фаъолонаи масъалаҳои муҳимми ҷумҳурӣ саҳм мегузоштанд. Ҳамин тавр, раванди бозсозӣ боиси боло рафтани сатҳи фаъолнокии сиёсӣ дар ҷомеа гардид.

Моҳи сентябри соли 1989 дар назди Кумитаи Марказии Иттифоқи Ленинии Коммунистии Ҷавонони Тоҷикистон (КМИ ЛКҶТ) клуби мубоҳисавӣ бо номи «Рӯ ба рӯ» таъсис дода шуд [192]. Ин клуб ба баргузории баҳсҳо ва муҳокимаҳои озод оид ба масъалаҳои муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар машғул буд. Ба чорабиниҳои он намояндагони ташкилоти сиёсие чун «Растохез», ки мавқеи мухолифи худро нисбат ба ҳукумат доштанд, даъват мешуданд. Дар натиҷа, теъдоди муайяни ширкаткунандагони клуб ба сафҳои ин ҳаракати мухолиф пайвастанд.

9-уми феврали соли 1990 баъзе аз роҳбарони гурӯҳҳои мухолиф, бо истифода аз овозаҳо дар бораи ба шаҳри Душанбе омадани гурезаҳои

арманӣ, ба мувофиқа расиданд, ки барои маҷбур намудани арманҳо ба тарки Тоҷикистон чораҳо андешанд. Рӯзи 10-уми феврал яке аз иштирокчиёни ин нақша Ю. Расулов гурӯҳе аз ҷавонони маҳаллаҳои Авул, Испечак ва Учқулро ҷамъ овард, ки шумораашон тақрибан ба 200 нафар мерасид. Он шаб дастаҳои ташкилёфта як қатор хонаҳоро ғорат карда, баъзеи онҳоро сӯзонданд ва сокинони арманитабори маҳаллаи «Зарафшон» мавриди озору латукӯб қарор гирифтанд. Пас аз ин, 11-уми феврал, дар назди бинои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон гирдиҳамоӣ баргузор гардид, ки дар он шахсони гунаҳкор, роҳбарони гурӯҳҳои ҷинояткор, иштирокчиёни ҳамоиши 9 феврал, ғоратгарони шаби 10 феврал, инчунин афроде, ки худро «мусалмон» меномиданд ва таҳти роҳбарии фаъолони ғайрирасмии динӣ ба монанди Боев, Ҳакимов ва дигарон буданд, ҷамъ омаданд. Дар ин гирдиҳамоӣ, инчунин, хонандагони мактабҳо, донишҷӯён ва намояндагони гурӯҳҳои дигари ҷавонон ширкат варзиданд [191, с. 133].

Ширкаткунандагони гирдиҳамоии 11-уми феврали соли 1990 аз роҳбарияти ҷумҳурӣ, аз ҷумла аз котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Қаҳҳор Махкамов, талаб намуданд, ки гурезагони армании ба Тоҷикистон омада, гӯё бе навбат аз ҷониби ҳукумат бо манзили истиқоматӣ таъмин шудаанд, аз ҳудуди ҷумҳурӣ хориҷ карда шаванд. Иштирокчиён бо ибрози суханҳои таҳқиромез ва партофтани санг ва дигар ашё ба сӯи бинои КМ ҲКТ нишони эътирози худро баён менамуданд. Ин гирдиҳамоӣ таҳти таъсири афроди ифротгаро ва муҷодалаҷӯ, аз ҷумла фаъолони ғайрирасмии динӣ Боев ва Ҳакимов сурат гирифта, фазои сиёсӣ ва иҷтимоиро боз ҳам муташанниҷтар гардонид [191, с. 133]. Субҳи 12 феврали соли 1990, шахсоне чун Давлатов, Дилоев ва Ҳакимов гурӯҳе аз сокинони деҳаҳои ноҳияи Ленин (ҳозира ноҳияи Рӯдакӣ)-ро ба назди бинои Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон оварданд. Баъдан, тақрибан соати 14:00, дар назди бино издиҳоми бузурге ҷамъ омад, ки он аз донишҷӯён, хонандагон, аъзои созмони «Растохез», шахсони ба ном

«мусулмон» ва дигар афрод, аз ҷумла роҳбарони гурӯҳҳои ҷиноятӣ иборат буд. Иштирокчиёни гирдиҳамоӣ на танҳо шиорҳои зиддиҳукуматӣ ва зиддипарлумонӣ мебардоштанд, балки талаб менамуданд, ки Қ. М. Махкамов фавран истеъфо диҳад ва сохтори ҳукумат аз ашхоси фасодкор, зараровар ва ҷиноятпеша поксозӣ карда шавад. Бо мақсади ором кардани вазъият, Қ. М. Махкамов ду бор ба назди ҷамъомадагон баромад ва кӯшиш намуд бо онҳо гуфтугӯ кунад, вале издиҳом ӯро нодида гирифта, таҳқир карда, сӯи ӯ санг ва дигар ашё партоб намуд. Дар натиҷа, ӯ маҷбур шуд ба дохили бинои Кумитаи Марказӣ баргардад. Баъди чанд сол Қаҳҳор Маҳкамов дар як суханронии худ иллатҳои номаълуми ин воқеаро шарҳу тавзеҳ дод, ки сарчашмаи ин ҳама ноороми аз куҷо маншаъ мегирад.

Зарари ҳодисаҳои моҳи феврал беш аз 100 иншооти савдо, муассисаҳои давлатӣ, зиёда аз 20 адад нақлиёти давлатӣ ва шахсиро аз байн бурданд. Умуман, зарари иқтисодӣ ба 51 миллион сӯм баробар шуд.

Дар давоми шаш моҳи баъди воқеаҳои февралӣ кормандони ҳифзи ҳуқуқ зиёда аз 1300 ариза, муроҷиатномаҳои ахбори оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои содиршударо дида баромаданд. Аз 12 то 15 феврали соли 1990, дар маҷмуъ, 565 нафар шаҳрвандон осеб диданд. Яъне, 136 нафар ярадор, 88 нафар захмдор, 188 нафар дар беморхона бистарӣ шуданд, 22 нафари дигар кушта шуданд ва 180 нафар низомиён ва милисаҳо захм бардоштанд [205]. Мақомоти қудратии ҷумҳурӣ тавонистанд вазъро дар пойтахт зери назорат гиранд, аммо ҳодисаҳои моҳи феврал ба ташаккули заминаҳои ҷанги шаҳрвандӣ мусоидат карданд. Дар рӯзҳои 11-17 феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе гирдиҳамоии бузург баргузор шуд, ки бо ғорат ва дигар шаклҳои муқовимати сиёсӣ анҷом ёфт. Эътирозгарон истеъфои роҳбарони се шохаи асосии ҳокимият – Ҳизби коммунистӣ, Шурои Олӣ ва ҳукумати ҷумҳуриро тақозо доштанд. Ин рӯйдод собит сохт, ки на Ҳизби коммунистӣ ва на ҳукумати Тоҷикистон қодир ба дифои мавқеи худ набуданд. Дар натиҷа, Котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон ва Раиси

Шурои Вазирон маҷбур гардиданд санади истеъфоро имзо намоянд. Муқовимати сиёсие, ки соли 1990 ба миён омад, бо шикасти неруҳои демократӣ хотима ёфт. Бо вуҷуди ин, натиҷаи раъйпурсии соли 1990 нишон дод, ки тақрибан чоряки вакилони халқ дар Шурои Олии кишварро намояндагони блоки динӣ-демократӣ ташкил медоданд [131, с. 9].

Ду таҳқиқот ё хотираҳои иштирокчиёни ин ҳодиса – Сафаралӣ Кенҷаев ва Бурӣ Каримов ҳодисаҳоро ба таври худ шарҳ додаанд [189]. Илми таърихнигории ватанӣ бояд ба чунин ҳодисаҳо ҷавоби саҳеҳ ва илмӣ ироа кунад.

Ҳамин тариқ, дар асоси баррасии масъалаи мазкур метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

- нишондиҳандаҳои баландтарини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҶШС Тоҷикистон аз солҳои 70 то 90-уми қарни XX-ро фарогир аст, ки бо қувват бахшидани иқтидорҳои энергетикӣ алоқаманд аст ва ба рушди соҳаҳои энергетикии металлургияи ранга таъсир расонидааст;

- аз нигоҳи назариявӣ, бозсозӣ бояд ба рафъи рукуд ва эҳёи рушди иқтисодии Иттиҳоди Шуравӣ мусоидат мекард. Агар рушди соҳаи саноатро ба ду марҳила ҷудо намоем, мебинем, ки дар солҳои 1985 то 1988 нишондиҳандаҳои истеҳсолот пурра иҷро мешуданд. Вале дар давраи минбаъда, аз соли 1988 то 1991, аломатҳои амиқи рукуд дар соҳаи саноат ба мушоҳида расиданд, ки далели афзоиши мушкилоти сохторӣ ва камсамарии ислоҳот мебошад;

- коҳиши маблағгузорӣ ба истеҳсолоти саноатӣ таъсири ҷиддии манфӣ расонид. Дар заводу фабрикаҳо мутахассисони баландихтисос намерасиданд. Мутаассифона, сиёсати бозсозӣ масъалаи тайёр кардани мутахассисони лаёқандмандро омода карда натавонист;

- тамоми чораҳои таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҶШС Тоҷикистон аз сатҳи маблағгузорӣ вобаста буд. Аз мавқеи иқтисодӣ, Тоҷикистон дар байни ҷумҳуриҳои дигар қафомондатарин шуморида

мешуд. Рушди саноат ва хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ аз ҳисоби буҷаи умумииттифоқӣ маблағгузорӣ карда мешуданд;

- ҳамкориҳои ҶШС бо дигар ҷумҳуриҳои шуравӣ ба роҳ монда шуда буд. ҶШС Тоҷикистон дар алоҳидагӣ наметавонист рушди иқтисодӣ-иҷтимоии ҷумҳуриро бе алоқаҳо ва кумакҳои тарафайн бо дигар ҷумҳуриҳо ва минтақаҳои ИҶШС таъмин намояд;

- рушди иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон аз тайёр намудани кадрҳо вобаста буд. Дар ҳалли масъалаҳои амалии тайёр намудани кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ ба хатоҳои ҷиддӣ роҳ дода шуда буд. Суръати баланди сохтмони корхонаҳои саноатӣ, рушди илмӣ-техникӣ, бунёди объектҳои бузург дар соҳаи мошинсозӣ, истеҳсоли неруи барқ, металлургия ва саноати химиявӣ миқдори зиёди коргарони баландихтисосро талаб менамуд;

- дар ИҶШС припсипи асосии рушди қувваҳои истеҳсолкунанда самтгирӣ ба тақсимоти меҳнат байни минтақаҳо, тобеъ намудани талаботи маҳаллӣ ба манфиатҳои умумии давлат шуморида мешуд. Мутобиқан, нақши Тоҷикистон дар саноатикунонии кишвар, асосан ҳамчун сарчашмаи ашёи хом баромад менамуд.

Ҳамин тариқ, маҳз тағйироту дигаргуниҳо барои ҷумҳуриҳои шуравӣ имконият дод, ки барои истиқлоли давлатӣ, ки неъмати бебаҳо барои ҳар давлати аъзо буд, кӯшиш намоянд. Аз ҷумла, баъди ҳазор соли беҳокимиятӣ ё надоштани ҳукумати миллӣ барои халқи тоҷик шароити мусоид бахри бунёди давлатдории навин бо тамоми аносири миллӣ замина фароҳам омад, ки ин мояи ифтихори ҳар тоҷику тоҷикистонӣ мебошад.

# БОБИ II. ДИГАРГУНИҲОИ ИҚТИСОДИВУ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ПАС АЗ БА ДАСТ ОВАРДАНИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ (1991-2000)

## 2.1. Вазъи иқтисодии Тоҷикистон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ва пойдор сохтани сулҳ дар солҳои 1991-2000

Дар охирҳои қарни XX барои ҷумҳуриҳои шуравии сотсиалистӣ марҳилаи мураккаб аз лиҳози иқтисодӣ, иҷтимоиву сиёсӣ дорои хусусиятҳо ва дигаргуниҳои амиқ буд. Дар ин давра ҳаракатҳои бозсозӣ, ҷудоихоҳӣ, андешаҳои бунёди ҷомеаҳои миллӣ дар миёни кишварҳои узв ба вуҷуд омад. Дар оғози солҳои 90-ум самти қувват бахшидани рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, талош бахри бунёди ҷомеаи демократии инсонпарварона, озодандешиву таҷдиди сотсиализм, иқтисоди бозоргонӣ ва бунёди давлатдории миллӣ на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми кишварҳои узв ба шумор меравад.

Ғояҳо ва принсипҳои асосии сотсиализм, ки аз тарафи роҳбарияти кишвар ба таври доимӣ хотиррасон карда мешуд, дар амал аз тарафи роҳбарияти вақти ҳукумати шуравӣ рад карда мешуд.

Афкори ҷамъиятӣ самти худро тағйир дода, дар шуури одамон танҳо ҷанбаҳои манфӣ ва фоҷиавӣ аз саҳифаҳои таърихи гузаштаи кишвар ворид гардид. Тамоми ҷанбаҳои мусбат, ки давлати Шуравӣ дар давоми зиёда аз ҳафтод сол ба даст оварда буд, нодида гирифта мешуд. Тадриҷан дастовардҳо ва рушду инкишофи кишварҳои капиталистӣ дар шуури одамон мавқеъ пайдо менамуд [176, с. 51-56].

Плюрализми афкор пас аз оғози сиёсати бозсозӣ дар нимаи дуюми солҳои 80–ум пайдо гардид. Бозсозӣ шароити бунёди созмонҳо ва иттиҳодияҳои мухталифро таъмин намуд, ки дорои самтгириҳои гуногуни идеологӣ буданд. Дар оғози солҳои 90-ум, дар ҳолати ба даст овардани истиқлол дар ҷумҳурӣ вазъияти мураккаби ғоявӣ-сиёсӣ ташаккул ёфт. Элитаи ҳукмрон ҳанӯз пурқувват боқӣ монда буд, зеро ба

марказ ва қувваҳои мусаллаҳи он такя менамуд, лекин рӯз то рӯз мавқеи худро дар ҷомеа аз даст медод.

Қабули як қатор меъёрҳои ҳуқуқӣ боиси эҳёи худшиносии миллӣ гардида, пойгоҳи ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти ҳаракат ва ҳизбҳои сиёсиро бунёд намуд, ки дар шароити мавҷуда ба таври ногузир бояд мухолифати байни ҷомеа исломӣ гардида ва давлатдории дунявиро таҷассум менамуд. Дар Тоҷикистон аъзои як қатор созмонҳои касбӣ, ба монанди кормандони илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, иттифоқи нависандагон, муассисаҳои илмӣ, рӯзноманигорон ва дигарон бо гурӯҳҳои начандон калон масоили фарҳангӣ, демографӣ, забони тоҷикӣ ва ғайраро баррасӣ менамуданд, ки боиси баҳсу мунозираҳои доманадор гардида буд [115, с. 17].

Ислоҳоти низоми иқтисодӣ, ки соли 1985 дар давлати Шуравӣ оғоз гардид, ба иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири ҷиддии манфӣ расонид. Ҳукумати марказии Шуравӣ аз вазифа ва масъулиятҳои худ даст кашида, ба худмаблағгузории ҷумҳуриҳо такя менамуд. Дар натиҷа, корхонаҳои маҳаллӣ ва хоҷагиҳои кооперативӣ дар амал ҳуқуқ пайдо намуданд, ки мустақилона ашёи хом харид ва маҳсулоти тайёркардашудаͅро ба хориҷи кишвар содир ва дар баробари фоидаи бадастоварда ба буҷаи ҷумҳурӣ андоз пардохт кунанд. Корфармоён, ки дар доираи ислоҳот имтиёзҳои зиёдро ба даст оварда буданд, метавонистанд кормандонро аз кор озод ва тарзи идоракуниро дигаргун намоянд. Бекорӣ дар Тоҷикистон ба 30% расида, то солҳои 1991-1992 болоравии он идома ёфт [126, с. 208].

Номзади илҳои таърих Ғафуров Абдулло қайд мекунад: «Соли 1991 ҳамчун давраи авҷи воқеаҳои сиёсӣ, оғози гирдиҳамоии сиёсӣ дар майдонҳо, гуруснанишинии сиёсӣ, иҷозат барои фаъолияти ҳизбҳои гуногун ба ҳисоб рафта, сабаби таъсиси Ҳизби демократии Тоҷикистон (21 июни соли 1991) ва Ҳизби наҳзати Исломии Тоҷикистонро (октябри соли 1991) ҳамчун оғози ҷанги шаҳрвандӣ» [236, с.9] номидааст.

Ба мушкилоти зиёд нигоҳ накарда, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузариш аз низоми нақшавии идоракунии иқтисодиёт ба низоми

иқтисоди бозорӣ қадамҳои устувор гузошта, ҷиҳати амалии он дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт чораандешӣ намуд. Дар ин самт стратегияи рушди минбаъда, афзалиятҳо ва мақсадҳои асосии ислоҳот муайян карда шуданд.

Зиддиятҳои сиёсӣ миёни неруҳо, ҳизбҳо ва ҳаракатҳои дохилӣ дар солҳои 90-ум дар муддати ду сол кишварро ба буҳрони шадиди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гирифтор намуданд. Манфиатҷӯйии гурӯҳӣ бошад, ба оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон замина гузошт. Муҳаққиқ М. Холмуродова дар таҳқиқоти худ менигорад: «Дар соли 1992 ба таври ғайриқонунӣ ба сари қудрат омадани мухолифин ва аз ҷониби онҳо ба таври дурушт ва дағал ба роҳ мондани ҳимояи манфиатҳои минтақаҳои алоҳидаи мамлакат боиси он гардид, ки дар муқобили онҳо неруҳои нави сиёсӣ пайдо шаванд. Дар охири соли 1992 аллакай неруҳои сиёсии нав мухолифинро аз пойтахт берун намуда, барои барқарор сохтани ҳукумати конститутсионӣ кӯшиш менамуданд. Яъне, ҳукумате, ки манфиатҳои ҳамаи минтақаҳои мамлакатро ба таври баробар ҳимоя карда тавонад ва аз ҷониби ҳамагон эътироф гардад. Мухолифини тоҷик берун аз мамлакат ва махсусан дар ҳудуди Афғонистони ҷангзада ҷойгир шуда, зуд-зуд сарҳадро ғайриқонунӣ убур намуда, амалиёти ҳарбӣ анҷом медоданд» [224, с. 91-95]. Яъне, кишвари тозаистиқлоли мо ислоҳоти иқтисодии худро дар оғӯши ҷанги шаҳрвандӣ истиқбол гирифт, ки онро мо дар охир исбот хоҳем кард.

Санҷишҳо нишон медиҳанд, ки вазъи иқтисодии Тоҷикистон дар марҳалаи оғози истиқлол як чанд буҳрони дохилиро паси сар менамуд, аз ҷумла демографӣ, таъсиси ҳизбу ҳаракатҳо, муноқишаҳои дохилӣ (воқеаи февралӣ) ва ғайра барои Тоҷикистон Шуравӣ нисбат ба дигар давлатҳои собиқ Шуравӣ хеле гарон афтод, ки инро мо дар ҷанги шаҳрвандӣ баръало дида метавонем.

Кишваре, ки ҳиссаи ҷавононаш хеле бузург буд, соли 1990 ҷавонони то 19-сола 53,2% ва дар байни аҳолии бекор 58%-ро ташкил

менамуданд [126, с. 47]. Сатҳи баланди бекорӣ дар байни ҷавонон натиҷаи набудани ҷойҳои кори холӣ ба ҳисоб мерафт.

Бояд қайд намуд, ки мушкилоти таъмини аҳолӣ, махсусан ҷавонон, яке аз проблемаҳои асосӣ буд ва имрӯз низ боқӣ мондааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суръати афзоиши истеҳсолот дар солҳои 80-90-ум нисбат ба тамоми давлати Шуравӣ пасттар буд. Лекин сатҳи афзоиши захираҳои меҳнатӣ дар ҷумҳурӣ қариб чор маротиба нисбат ба кишвар баландтар қарор дошт. Маврид ба ёдоварист, ки дар ҷумҳурӣ нисбати миқдори бекорон рақамҳои мухолиф мушоҳида карда мешаванд, ки аз 230 то ба 600 ҳазор нафарро дар бар мегиранд.

Мусоҳибаи мо бо собиқ раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Низорамоҳ Зарифова оид ба вазъияти сиёсӣ солҳои (1992-1994) андешаронӣ карда, қайд намуданд: «Соли 1992 барои халқи тоҷик соли даҳшатангез ба ҳисоб мерафт, чунки гурӯҳҳое буданд, ки муносибати байни аҳолии тоҷикон ва узбеконро бад карда, ҳатто миёни ҳамдигар кушторҳо ба амал оварданд. Мутаассифона, 18 ҳазор аҳолии узбектабор ба ноҳияи Фархор ва беш аз 4 ҳазор ба ноҳияи Вахш гуреза шуданд. Ҳазорҳо ҳамватанонамон рӯ ба ғурбат оварданд. Соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, ки дар Қасри Арбоб баргузор гардида буд, тамоми намояндагони соҳаҳои гуногуни кишвар ҷамъ омада буданд». Бояд қайд намуд, ки яке аз аввалин бонуе, ки дар он ҷо суханронӣ намуда, барои пойдор сохтани сулҳи кишвар саҳми худро гузошт, ин Низорамоҳ Зарифова буд, ки ин аз ҷасорат ва мардонагии ӯ шаҳодат медиҳад. Дар он замони ҷанг иштирок дар чунин ҷамъомад хатари ҷиддиро ба миён меовард. Н. Зарифова муддати 32 сол ба ҳайси котиби идеологӣ фаъолият намуда, ӯро дар синни 70-солагиаш раиси Кумитаи занон таъйин карданд. Ӯ зикр менамояд: «Маро ба зӯрӣ ба ин вазифа оварданд. Дар соли 1994, ки давраи ҷанги дохилӣ буд, занони фаъоли ҷумҳурӣ ин масъаларо бардоштанд, ки Низорамоҳ Зарифова раиси Кумита шавад» [265].

Ин худ нишон медиҳад, ки интихоби роҳбарон дар шароити бухрони иҷтимоиву сиёсӣ бештар бар асоси заруратҳои таърихӣ ва талаботи вазъияти фаврӣ сурат мегирифт, на аз рӯйи хоҳиши шахсӣ. Ин ҳолат гувоҳ бар он аст, ки ҷомеа, бахусус занон, нақши фаъолона дар ташаккули сохторҳои давлатӣ ва гузоштани масъулиятҳои калидӣ ба дӯши шахсиятҳои соҳибтаҷриба доштанд.

«Ман медонистам, ки таҷрибаам барои миллатам зарур аст ва ин масъулияти вазнинро ба дӯш гирифтам. Фаҳмидам, ки таҷриба ва донишу малакави ман ҳамон рӯз барои ҳукумати нав зарур шудааст, бояд барои тинҷии кишварам хидмат кунам» [265].

Муаллиф дар ин маврид таъкид менамояд, ки худшиносии иҷтимоиву касбӣ ва дарки зарурати ҳамроҳ шудан ба раванди барқарорсозии сулҳу субот ба унвони омили ташаккул ва таҳкими элитаи сиёсиву иҷтимоии нав баромад намуд. Таҳлили таҷрибаи таърихии солҳои ҷанги шаҳрвандӣ собит месозад, ки шахсиятҳои дорои таҷрибаи сиёсӣ ва ташкилотчигии мустаҳкам барои субот бахшидан ба ҷомеа нақши калидӣ иҷро кардаанд.

«Аҳволи занон ниҳоят вазнин буд, Тоҷикистонро ба харобазор табдил дода буданд. Ба шаҳру навоҳии кишвар сафар мекардам, аҳволу рӯзгори мардум, бахусус занону тифлонро аз наздик медидаму дилам реш мешуд» [265].

Ин ҷумларо метавон бозгӯкунандаи воқеияти иҷтимоиву иқтисодии занон дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ донист. Таҳқиқоти иҷтимоӣ нишон медиҳанд, ки маҳз занон бештар аз дигар қишрҳои ҷомеа осебпазир буданд, зеро масъулияти нигоҳубини оила, таъмини зиндагии рӯзмарра ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ бар дӯши онҳо вазнинтар қарор дошт.

«Ба худ мегуфтам, ки агар ҷавон мебудам, бо неруи дучанд заҳмат мекашидам, то зиндагӣ зудтар ранги тоза бигирад» [265].

Ин суханон дар худ на танҳо таҷассумгари эҳсоси шахсӣ, балки ҳамзамон рамзи масъулияти иҷтимоӣ ва ормонҳои миллӣ мебошанд.

Онҳо нишон медиҳанд, ки дар шароити мушкили сиёсиву иқтисодӣ шахсиятҳои дорои ирода ва масъулият, бо вуҷуди маҳдудияти имкониятҳо, омода буданд барои барқарорсозии зиндагии иҷтимоӣ саҳмгузор бошанд.

Дар маҷмуъ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пасоҷангӣ нақши муассир иҷро намуд. Аз нигоҳи илмӣ, таъсиси чунин ниҳодҳо на танҳо ҳамчун сохтори маъмурӣ, балки ҳамчун воситаи барқарорсозии ҳамбастагии миллӣ, таъмини дастгирии равонӣ ва маънавӣ ва таҳкими мавқеи занон дар ҷомеа арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯ, фаъолияти Кумита дар солҳои аввали истиқлол аҳаммияти калидӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоии давлатӣ ва барқарорсозии суботи ҷомеа касб намуд.

Охири соли 1994 ба таври расмӣ 141400 нафар ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда буд. Афзоиши босуръати бекорӣ дар натиҷаи коҳиши истеҳсолот дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва қатъ гардидани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба миён омадааст.

Ба андешаи академик Талбак Назаров: «Иқтисоди бозорӣ бояд ба рушди босуръати иқтисодиёт ва амалинамоии таҷдиди техникии истеҳсолот мусоидат менамуд, вале дар ин замина сатҳи зиндагии мардум баланд мегардад. Дар амал чунин суръат нагирифт, зеро заминаи ҷорӣ намудани методҳои нави хоҷагидорӣ омода набуданд, заминаҳои куҳна бошанд, ба пуррагӣ рад шуданд» [124, с. 91].

Дар ислоҳоти иқтисодӣ ба ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии молумулки давлатӣ диққати махсус равона карда мешуд. Дар ин самт ғайридавлатикунонии корхонаҳо ҳалли вазифаҳои зиёди қафомонии саноатро дар тамоми ҷумҳурӣ ҳал менамуд. Лекин объектҳое, ки барои фурӯш гузошта шуда буданд, бо нархи арзонтар назар ба арзиши онҳо фурӯхта шуданд. Чунин методи хусусигардонӣ ба мустаҳкам гардидан ва рушди иқтисоди бозорӣ оварда нарасонид, балки ба бадтар шудани вазъияти иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат намуд.

Хусусигардонии объектҳои хурди молумулки давлатӣ ҳанӯз дар оғози солҳои 90-ум ба роҳ монда шуда буд: соли 1991 - 39 объект; соли 1992 – 657 объект; соли 1993 -124 объект хусусӣ гардонида шуданд ва солҳои минбаъда низ ғайридавлатикунии молумулки давлатӣ идома дода шуд [112, с. 497]. Дар назар буд, ки то соли 2000 аз се ду ҳиссаи объектҳо, махсусан объектҳои хурд ва миёна, хусусӣ гардонида шаванд.

Яке аз хусусиятҳои ислоҳоти иқтисодӣ дар ин давра дар он зоҳир мегардид, ки дар он ғояи ташаккули моликияти хусусӣ на танҳо аз ҳисоби хусусигардонии молумулки давлатӣ, балки аз ҳисоби сармояи хусусӣ пешбинӣ шуда буд, ки заминаи асосии ташаккул ва инкишофи соҳибкорӣ дар кишвар ба ҳисоб мерафт. Илова бар ин, дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ соҳибкории хурду миёна аз тарафи давлат дастгирӣ карда мешуд. Ба хотири бунёд намудани шароити инкишофи соҳибкорӣ чораҳои зарурӣ дар самти такмили пойгоҳи ҳуқуқӣ ва меъёрҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, ташаккули асосҳои муттаҳидгардии лоиҳаҳои соҳибкорӣ ва иштироки онҳо дар амалӣ намудани барнома ва лоиҳаҳо дар асоси рақобати озод ва шаффоф андешида мешуданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусигардонӣ асосан соли 1992 оғоз гардидааст. Миқдори корхонаҳо ва хоҷагиҳои хусусигардонидашуда барои давраи солҳои 1992-2000 зиёда аз 8 маротиба афзоиш ёфтааст [124, с. 21].

Боиси зикри хос аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди хусусигардонии амволи давлатӣ бо суръати гуногун сурат гирифт. Тибқи маълумот: «Агар соли 1992 ба миқдори умумӣ 657 адад амволи давлатӣ ғайридавлатӣ (339 адад ба моликияти шахсӣ ва 318 адад ба моликияти коллективӣ) гардонида шуда бошад, пас соли 1993 ҳамагӣ 124 адад ва соли 1994 331 адад амволи давлатӣ хусусӣ гардонида шуд, ки сабабаш ҷанги шаҳрвандӣ ва ноустувории вазъи ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ аст. Аз соли 1997 ин суръат боз боло гирифт. Чунончи, соли 1997 – 696 адад, соли 1998 – 1264 адад ва соли 1999 – 1537 адад амволи давлатӣ хусусӣ гардонида шуданд. Аз ҷумла, аз амволи хусусигардонидашуда: соли 1992 – 1215 ададаш ба моликияти хусусӣ ва

49 ададаш ба ҷамъияти саҳомӣ; соли 1999 – 1512 ададаш ба моликияти хусусӣ ва 25 ададаш ба ҷамъияти саҳомӣ табдил дода шуданд» [42].

Таҳлили рақамҳои мазкур нишон медиҳад, ки ҷараёни хусусигардонӣ дар Тоҷикистон аз омилҳои сиёсию иҷтимоӣ таъсири мустақим мегирифт. Яъне, солҳои аввали ҷанги шаҳрвандӣ боиси коҳиши шадиди суръати хусусигардонӣ гардид, зеро фазои сиёсии ноустувор ва вазъи иқтисодии фалаҷшуда имкон намедоданд, ки корхонаҳо ва муассисаҳои давлатӣ ба таври муассир ба бахши хусусӣ интиқол дода шаванд. Бозгашти динамикаи баландтар танҳо пас аз соли 1997, яъне давраи оғоз гардидани барқарорсозии сиёсӣ ва иҷтимоӣ мушоҳида мешавад.

Раванди хусусигардонӣ дар чунин шароити душвор таҳти роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии Кумитаи давлатии идоракунии моликияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуд ва он дар доираи қонунгузории амалкунанда сурат мегирифт. Бо вуҷуди ин, таҷриба нишон дод, ки ҳадафи асосии хусусигардонӣ, яъне афзоиши рақобатпазирии соҳаи саноат ва беҳсозии фаъолияти иқтисодӣ ба таври пурра амалӣ нагардид. Сабаби асосӣ дар он буд, ки то қабули Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии молумулки давлатӣ» (1997) дар амал бисёр корхонаҳо ба роҳбарон ва кормандони қаторӣ вогузор мешуданд, ки имкониятҳои молиявӣ ва таҷҳизоти барои навсозӣ ва рушди минбаъдаи истеҳсолотро надоштанд.

Дар ҳамин замина, соҳибкорӣ ҳамчун як навъи сифатан нави фаъолияти иқтисодӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ зуҳур намуд. Маҳз сиёсати хусусигардонӣ ва озодкунии сохторҳои иқтисодӣ ба пайдоиши ин падида мусоидат кард. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ», ки 21 феврали соли 1991 қабул шуда буд, ба сифати санади ҳуқуқии асосӣ заминаи ташаккул ва рушди соҳибкорӣ ба ҳисоб мерафт. Дар асоси ин қонун фаъолиятҳои соҳибкорӣ тадриҷан тамоми бахшҳои иқтисодиёт -

аз тиҷорату саноат то кишоварзӣ, хидматрасонии маишӣ ва хӯроки умумиро фаро гирифтанд.

Ба шарофати чунин заминаи ҳуқуқӣ соҳибкорон фаъолияти худро тавассути гирифтани патент ё шаҳодатнома оғоз мекарданд. Ин тартиб имконият медод, ки шумораи умумии соҳибкорон тибқи маълумоти расмӣ ба қайд гирифта шуда, ҳамчун як нишондиҳандаи рушди бахши хусусӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ арзёбӣ гардад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки соҳибкорӣ яке аз натиҷаҳои назарраси ислоҳоти иқтисодии солҳои 90-уми асри XX дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки шумораи соҳибкорон дар кишвар дар солҳои аввалини ташаккули иқтисоди бозорӣ босуръат афзоиш ёфт. Агар дар соли 1991 ҳамагӣ 8,1 ҳазор нафар соҳибкор ба қайд гирифта шуда бошад, пас то соли 1998 ин рақам ба 116 ҳазор нафар расид. Соли 1999 шумораи соҳибкорон ба 50,7 ҳазор нафар коҳиш ёфта бошад ҳам, дар соли 2004 дубора афзоиш ёфта, ба 100,8 ҳазор нафар баробар гардид. Аммо таҳлилҳои оморӣ нишон дод, ки қайди баланди соҳибкорӣ дар даҳ соли истиқлол ин соли 1998 ба ҳисоб мерафт, ки нисбат ба соли 2004 16 маротиба камтар мебошад. Ба сифати намуна, метавон зикр кард, ки 23 декабри соли 1991 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ» қабул гардид. Илова бар ин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 августи соли 1997 Агентии рушди соҳибкории хурд дар назди Ҳукумат таъсис дода шуд. Ин ва дигар иқдомҳо ба танзими ҳуқуқӣ ва рушди соҳаи соҳибкорӣ дар кишвар замина фароҳам оварданд.

Далелҳои иловагӣ нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ то ҳол тамоми шароитҳои зарурӣ барои фаъолияти озоди соҳибкорӣ пурра муҳайё набуданд. Аз ҳамин рӯ, на ҳамаи шахсоне, ки ба ҳайси соҳибкор сабти ном шуда, шаҳодатнома ё патент гирифта буданд, воқеан ба фаъолият машғул мешуданд. Барои мисол, дар соли 1996 шумораи соҳибкорони ба қайд гирифташуда 3673 нафарро ташкил медод, ки аз онҳо танҳо 3084 нафар фаъолона кор мекарданд. Дар соли 1997 ин нишондод ба 4039

нафар расид, вале дар охири сол ҳамагӣ 2187 нафари онҳо фаъолият доштанд. То соли 2002 шумораи умумии соҳибкорони ба қайд гирифташуда ба 6379 нафар баробар буд, аммо танҳо 1215 нафар ё 19%-и онҳо воқеан фаъолият мекарданд. Дар солҳои 2003-2005 афзоиши муайяни шумораи соҳибкорони фаъол мушоҳида гардид, вале ин раванд хеле суст ва бо пешрафти ночиз тавъам буд. Агар соли 1996 соҳибкорони фаъол ҳамагӣ 32,9 ҳазор нафарро бо ҷойи кор таъмин карда бошанд, пас соли 2000 ин нишондод то 12,6 ҳазор нафар коҳиш ёфт, соли 2001 - 11,7 ҳазор нафар ва соли 2002 - 13,7 ҳазор нафарро ташкил дод. Мизони музди меҳнат низ дар ин давра сатҳи хеле паст дошт: агар соли 1996 маоши миёнаи коргарон 2,1 сомонӣ бошад, то соли 2002 он ҳамагӣ то 42,39 сомонӣ расид [236, с. 9]. Ҳамчунин, шубҳае нест, ки дар ин давра ҳаҷми ҷойҳои кори таъсисёфта ва андозаи музди меҳнат аз ҷониби соҳибкорон хеле ночиз боқӣ монд. Танҳо минбаъд вазъият нисбатан беҳтар гардида, бо мақсади дастгирии бахши хусусӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии соҳибкории хурд» қабул шуд.

Профессор Намоз Ҳотамов қайд мекунад: «Яке аз сабабҳое, ки дар солҳои 90-уми қарни XX барои инкишофи соҳибкорӣ халал мерасонид, ин тафтишҳои зиёд аз тарафи ташкилотҳои гуногуни маъмурию қудратӣ ба ҳисоб мерафт. Бо мақсади бартараф намудани чунин ҳолат, дар асоси фармони Президенти ҷумҳурӣ аз 28 марти соли 2001 Китоби қайди субъектҳои хоҷагиҳои тафтишкунанда ҷорӣ карда шуд» [131, с. 10].

Ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон, ки дар вазъияти ҷанги шаҳрвандӣ ба амал омада буд, ду марҳаларо дар бар мегирад: якум, аз 5 майи соли 1992 то моҳи декабри соли 1992 идома ёфтааст. Дар ин давра, ки давраи шиддат гирифтани ҷанги шаҳрвандӣ буд, наздик ба 50 ҳазор нафар ҳалок гардиданд. Бино ба маълумоти Комиссариати олии Созмони Милали Муттаҳид оид ба масоили гурезагон, 600 ҳазор, яъне аз даҳ як ҳиссаи аҳолии ҷумҳурӣ ҷойи истиқомати худро тағйир доданд. Аз ҷумла, 8021 нафар ба ҷониби Афғонистон фирор карда, дар марзи он паноҳ burданд [112, с. 438-488].

Маҳз дар ҳамин давра зарари иқтисодии ба ҷумҳурӣ воридшуда тақрибан 300 млрд рублро ташкил медиҳад. Тахминан, 80 фисади корхонаҳои саноатии кишвар аз кор бозмонда, ҳаҷми даромади маҳсулот дар соли 1992 нисбат ба соли 1991 тақрибан 31% кам гардид [257]. Иқтисоди кишвар дар охири соли 1992 ба ҳолати ногувор расид. Бояд тазаккур дод, ки аксари муаррихон бар он ақидаанд, ки эҳтимоли аз байн рафтани кишвар вуҷуд дошт. Хавфи аз кишвар ҷудо шудани баъзе минтақаҳо, аз ҷумла вилоятҳои Ленинобод ва Бадахшон пайдо шуд, роҳбарони ҳамонвақтаи ВМКБ масъалаи табдили вилоятро ба ҷумҳурии мухтор пешниҳод карданд. Аммо, хушбахтона, Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин хатарҳоро бартараф ва давлату миллати тоҷикро сарҷамъ намуд. Ногуфта намонад, ки маҳз ҳамин Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ буд, ки вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишварро аз нав эҳё ва рушд бахшид.

Профессор Намоз Ҳотамов дар таҳлили худ зикр мекунад: «Дар охирҳои солҳои 80-уми қарни гузашта миқдори аҳолии он хоҷагӣ нисбат ба солҳои 50-ум чор баробар зиёд гардид. Ҳаҷми замини корам бошад, аз пештара камтар ва техникаи кишоварзӣ зиёдтар шуд. Яъне, ба ғайр аз фасли ҷамъоварии пахта, аксари мардуми ноҳияҳои пахтакор бекор буданд. Чунин аҳвол барои ноҳияҳои ғайрипахтакор ҳам хос буд. Маҳз ҳамин аҳвол яке аз сабабҳои норозигии мардум ва ниҳоят, яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ гардид» [131, с. 9].

Ин далел бозгӯкунандаи як равандест, ки дар тамоми ҷумҳурӣ хосияти умумӣ дошт: афзоиши босуръати аҳолӣ дар муқоиса бо имкониятҳои маҳдуди замини корам ва сарчашмаҳои меҳнатӣ. Афзоиши техникӣ ва механизатсия, ки бояд самаранокии меҳнатро баланд мебардошт, дар асл боиси кам шудани талабот ба неруи кории инсон гардид. Ин ҳолат, махсусан дар ноҳияҳои пахтакор, заминаи густариши бекорӣ ва, ба таври умум, норозигии иҷтимоиро ба вуҷуд овард. Ҳамин тавр, мушкилоти соҳаи кишоварзӣ танҳо иқтисодӣ набуда, балки

табиати иҷтимоиву сиёсӣ низ пайдо кард ва метавонад ҳамчун яке аз омилҳои ташаннуҷи сиёсӣ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ арзёбӣ шавад.

Зарурати ислоҳоти соҳаи аграрӣ маҳз дар чунин вазъ ба вуҷуд омад. То охири солҳои 80-уми асри гузашта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ғояи хоҷагидории ягона ҳукмфармо буд. Дар доираи ин консепсия, шакли хоҷагидории давлатӣ ҳамчун усули асосӣ ва бартаридошта амал мекард, дар ҳоле ки дигар шаклҳои идоракунӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои коллективӣ ва кооперативӣ, ба таври маҳдуд фаъолият доштанд ва имкониятҳои онҳо нодида гирифта мешуданд. Чунин монополияи идоракунӣ, аз як тараф, устувории системаро таъмин мекард, вале аз ҷониби дигар, имкониятҳои рушди ташаббусҳои хусусӣ ва диверсификатсияи иқтисодиро маҳдуд месохт.

Ба андешаи муҳаққиқон, бо оғози гузариш ба иқтисоди бозорӣ, зарурати аз байн бурдани модели хоҷагидории комилан давлатӣ ва ба роҳ мондани шаклҳои нави моликияту идоракунӣ беш аз пеш эҳсос мешуд. Дар ҳамин замина, талабот ба ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии корхонаҳои аграрӣ қувват гирифт, ки ин раванд баъдтар ба яке аз самтҳои калидии ислоҳоти иқтисодӣ табдил ёфт [218, с. 55].

Соли 1990 масоҳати умумии заминҳои корам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 914 ҳазор гектарро ташкил медод. То соли 2003 ин нишондиҳанда ба 822,6 ҳазор гектар коҳиш ёфт, яъне масоҳати заминҳои корам дар муқоиса бо соли 1990 ба 91,4 ҳазор гектар кам гардид [177, с. 58].

Интизор мерафт, ки раванди хусусигардонӣ ба беҳтар шудани вазъи иқтисодии кишвар таъсири мусбат мерасонад. Аммо, бо вуҷуди ин, дар аксари деҳот вазъият номусоид боқӣ монд, ки асосан ба оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ вобаста буд. Аз ин рӯ, зарур ба назар мерасид, ки барои бартараф намудани мушкилоти мавҷуда ва беҳсозии ҳолати иқтисодӣ, ислоҳоти ҷиддӣ дар бахши аграрӣ амалӣ карда шавад.

Дар оғози ислоҳоти низоми аграрӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ниҳоят душвор қарор дошт ва раванди ҳалли мушкилот то соли

1997 идома ёфт. Ноустувории сиёсӣ, пеш аз ҳама, ба бахши аграрии вилояти Хатлон таъсири ҷиддӣ расонид. Мувофиқи омор, то 1 январи соли 1995 зиёда аз 21 ҳазор гектар замини корам бекор монда буд, ки бо истифодаи онҳо имкони таъсиси ҳазорон хоҷагии фермерӣ мавҷуд буд [112, с. 816].

Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ба кишоварзии ҷумҳурӣ зарбаи шадид ворид намуд. Ба ҷуз талафоти ҷонӣ, теъдоди зиёди техникаи кишоварзӣ ва чорвои ҷамъиятӣ талаф ё ғорат шуданд. Илова бар ин, 1393 деҳа ба харобазор табдил ёфт ва зиёда аз 21 483 гектар замини корам аз гардиши кишоварзӣ берун монд [43, с. 38-39]. Баъди анҷоми ҷанги шаҳрвандӣ зарурати барқарорсозии харобиҳо ва ҷуброни талафот, махсусан эҳё ва ҳосилхез гардондани заминҳои аз истифода баромада, ба миён омад. Бо вуҷуди ин, муҳимтарин вазифа гузаронидани ислоҳоти замин буд.

Тавре профессор Н. Ҳотамов таъкид намудааст, соли 1996 соли пастравии бесобиқаи кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт [131, с. 175]. Аз соли 1997 ба ин сӯ дар соҳа нисбат ба солҳои қаблӣ тадриҷан пешрафт мушоҳида гардид. Аммо дар соҳаи пахтакорӣ, ки то ҳол яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад, пастравӣ то соли 1999 идома ёфт. Сипас аз соли 2000 истеҳсоли пахта дар муқоиса бо солҳои қаблӣ зиёд шуд [131, с. 175].

Мақсади ислоҳоти аграрӣ, чунонки қаблан таъкид гардид, пеш аз ҳама, аз барҳам додани хоҷагиҳои ғайрисамаранок ва тақсими замини онҳо миёни хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) иборат буд. Бо вуҷуди ин, ин чорабиниҳо натавонистанд соҳаи кишоварзиро аз буҳрони амиқ берун оваранд. Ба андешаи академик Н.Қ. Қаюмов: «вазъи носолими иқтисодии ҷумҳурӣ, аз як тараф, бо таъсири буҳрон ва аз ҷониби дигар, бо натиҷаи беасос ба хоҷагиҳои деҳқонӣ тақсим намудани хоҷагиҳои калоне, ки ҳанӯз қобилияти фоидаоварӣ доштанд, шарҳ дода мешавад» [186, с. 32].

Ин ишора баёнгари он аст, ки механизми татбиқиислоҳоти заминӣ дорои камбудиҳои ҷиддӣ буд. Аз як тараф, қисме аз хоҷагиҳои калон, ки то ҳол қобилияти истеҳсол ва фоидаоварӣ доштанд, пароканда шуданд ва аз системаи истеҳсолӣ хориҷ гардиданд. Аз ҷониби дигар, хоҷагиҳои навтаъсисшудаи деҳқонӣ аксаран бо мушкилоти ҷиддии иқтисодӣ ва молиявӣ рӯбарӯ шуданд, зеро онҳо на имконияти техникӣ ва молиявӣ ва на таҷрибаи идоракунии мустақилона доштанд.

Дар натиҷаи чунин раванд бисёре аз деҳқонон бе замин монданд. Тибқи оморҳои расмӣ, «ислоҳоти марҳилаи аввалини замин дар Тоҷикистон бинобар ҷанги шаҳрвандӣ пурра амалӣ нагардид. Чунин ҳолат ба нооромиҳои иҷтимоӣ замина гузошт» [180]. Ин нишон медиҳад, ки ҷанги шаҳрвандӣ на танҳо ба таъхир афтодани барномаҳои ислоҳотӣ, балки ба номукаммалии онҳо низ таъсири ҷиддӣ расонид.

Ба қавли дигар манбаъ, «ислоҳот боиси он гардид, ки колхозу совхозҳо ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) нодуруст табдил дода шуданд ва ба бисёре аз хоҷагиҳо аз сохторҳои собиқ танҳо замин ва қарз мерос монд» [185]. Ин далел шаҳодати возеҳ аст, ки ислоҳот на ҳамеша ба рушди воқеии истеҳсолот мусоидат намуд, балки баръакс, дар бисёр мавридҳо ба афзоиши қарздорӣ, парокандашавии замин ва нобаробарии иҷтимоӣ овард.

Агар раванд ва суръати ташаккулёбӣ ва афзоиши хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар кишварро таҳлил намоем, метавон ба хулоса омад, ки дар оғоз рушди онҳо бо суръати паст сурат мегирифт. Масалан, дар соли 1992 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 31 хоҷагии деҳқонӣ ба қайд гирифта шуда буд ва ин рақам дар соли 1993 ба 35 адад расид, ки дар давоми як сол танҳо 4 хоҷагӣ зиёд шудааст. Бо вуҷуди ин, дар солҳои минбаъда, махсусан солҳои 1995, 1997, 1998, 2000, 2002, 2005, 2008, 2010 ва 2012, ин раванд босуръат рушд кард ва шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт. Аммо инро ҳам бояд гуфт, ки дар аввал ба мардум бештар заминҳои лалмӣ дода мешуданд. Баъдан заминҳои обӣ низ ҷиҳати ташкили хоҷагиҳои деҳонӣ иҷозат дода шуд. Инчунин, мардум

дар ибтидо аз ташкил ва истифодаи хоҷагиҳои деҳқонӣ чандон огоҳ набуданд. Бинобар ин, ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ дар аввал кам ва баъдан зиёд гардид. Минбаъд чунин ҳолат ислоҳ шуд.

Дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ қисми зиёди техникаи кишоварзӣ ғорат ва нобуд карда шуд, ки ба самаранокии истеҳсолоти аграрӣ таъсири ҷиддӣ расонид. Тибқи маълумот: «Аз соли 1990 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори умумии тракторҳо – 37537 ададро ташкил дода, 85% онҳо коршоям буданд. Соли 2002 миқдори умумии тракторҳо – 22792 адад буда, 45%-и онҳо коршоям буданду халос. Ин далелҳо гувоҳи онанд, ки соли 2002 нисбат ба соли 1990 миқдори камшавии умумии тракторҳо наздик ба 1,7 баробар ва миқдори тракторҳои коршоям бошад, қариб ду баробар кам шудаанд» [75, с. 70–71].

Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки ҷанги шаҳрвандӣ танҳо ба сохтори иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ таъсир нагузошта, балки ба пояи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ – воситаҳои техникии он низ зарбаи сангин ворид кард. Камшавии қариб дукаратаи шумораи тракторҳои коршоям маънои онро дошт, ки иқтидори истеҳсолӣ дар бахши аграрӣ ба таври назаррас коҳиш ёфт. Ин ҳолат, дар навбати худ, ба ҳосилнокии замин, сатҳи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва имконияти таъмини амнияти озуқаворӣ кишвар таъсири манфӣ расонид.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, пастшавии фонди техникӣ ба афзоиши хароҷоти истеҳсолот, зиёд шудани вобастагӣ аз қувваи кории дастӣ ва коҳиши рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозор оварда расонд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ бошад, ин раванд боиси афзоиши бекорӣ дар минтақаҳои деҳот ва паст шудани сатҳи даромади аҳолӣ гардид.

Бо таваҷҷуҳ ба чунин вазъ, зарурати таҷдиди инфрасохтори техникии соҳаи аграрӣ ва ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ барои эҳё ва навсозии техникаи кишоварзӣ ба миён омад. Маҳз аз ҳамин давра барномаҳои давлатӣ оид ба ҷалби техникаи воридотӣ ва ташкили

марказҳои хизматрасонии агротехникӣ ба унвони яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии кишвар ба роҳ монда шуданд.

Аввалин иқдоми муҳим дар роҳи ислоҳ ва солимгардонии бахши аграрӣ қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» ба шумор меравад. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ моҳи марти соли 1992 ба тасвиб расид ва минбаъд чанд маротиба – солҳои 1994, 1995 ва 1997 – бо тағйиру иловаҳои нав такмил дода шуд. Дар мазмуни қонун таъкид гардида буд, ки замин ҳамчун воситаи асосии тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ арзиш дорад. Аз ҳамин ҷиҳат, ворид намудани унсурҳои фаъолияти соҳибкорӣ ба низоми истеҳсолоти аграрӣ зарур шуморида шуда, табдил додани замин ба объекти муносибатҳои бозорӣ ҳамчун талаботи даврӣ арзёбӣ мегардид. Ба ҳамин асос, татбиқи ислоҳоти замин дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ яке аз самтҳои калидӣ дониста мешуд [105, с. 129].

Мутобиқи муқаррароти қонун, маҷмуи васеи тадбирҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкиливу техникиро, ки ба гузариш ба муносибатҳои сифатан нави замин равона гардида буданд, дар бар мегирифт. Ин санад ҳуқуқи ҳар як шаҳрванд ва ҳамчунин гурӯҳҳои ҷамъиятиро барои интихоби озодонаи шаклҳои гуногуни заминдорӣ, усулҳои истифодабарии замин ва фаъолияти иқтисодӣ дар он кафолат медод [79, с. 58].

Баъдтар, бо қарорҳои Маҷлиси Олӣ (21 июли соли 1994 ва 4 ноябри соли 1995) ба ин қонун тағйиру иловаҳои нав ворид карда шуданд. Дар таҳрири ибтидоии қонуни соли 1992 ҳадафҳои асосии ислоҳоти замин чунин муайян мегардиданд: фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои рушди одилонаи шаклҳои гуногуни заминдорӣ, ташаккули иқтисоди бисёрсоҳа, истифодаи самаранок ва ҳифзи замин бо мақсади баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ [217, с. 55-56].

Моҳи ноябри соли 1995 ба Қонун «Дар бораи ислоҳоти замин» тағйироту иловаҳо ворид карда шуд. Мувофиқи тағйироту иловаҳо, аз нав тақсим намудан ва додани замин аз ҳисоби фонди махсус, ки аз

ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (ҳукуматҳои ноҳияҳо) таъсис дода шудааст, гузаронида шавад. Заминҳои истифоданашаванда ва ғайриоқилона истифодашаванда муайян карда шудаанд [218, с. 55-56].

Маҳз чунин муносибат ба ислоҳоти замин дар асоси Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моҳи марти соли 1992 гузошта шуда буд. Лекин пас аз як муддати муайяни гузаронидани ислоҳоти замин дар асоси монополия ба хусусӣ гардонидани замин нишон дод, ки нақшаҳои тарҳрезишуда аз воқеият дур мебошанд. Аз ин рӯ, зарур буд, ки роҳу воситаҳои дигар дар самти ислоҳот ва тақсим намудани замин пайдо гардад.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995 «Дар бораи ҷудо намудани 50 ҳазор гектар замин барои истифодаи шахсии шаҳрвандон» марҳилаи наве дар раванди ислоҳоти замин оғоз ёфт. Мутобиқи ин санад, қитъаҳои замин барои пешбурди хоҷагиҳои хусусӣ дар ихтиёри аҳолӣ гузошта шуданд. Дар натиҷа, ин ташаббус дар байни мардум бо номи шартии «заминҳои президентӣ» маъруф гардид.

Дар доираи иҷрои фармон танҳо дар ҳудуди вилояти Хатлон зиёда аз 32 ҳазор гектар замин барои дастгирии хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба шаҳрвандон ҷудо карда шуд. Ҳамзамон, бар асоси ҳамин санад, 577 ҳазор нафар аҳолӣ соҳиби қитъаҳои замин гардиданд: барои истифода дар заминҳои обёришаванда то 0,15 гектар ва дар заминҳои лалмӣ то 0,50 гектар. Ин тақсимот дар доираи меъёрҳои муқарраршудаи истифодаи захираҳои замин амалӣ гардида, ба рушди хоҷагидории шахсӣ ва беҳтаршавии вазъи иқтисодии деҳот замина гузошт [55].

Санҷишҳо нишон медиҳанд, ки қарори дигар соли 1997 «Дар бораи ҷудо намудани 25 ҳазор гектар барои истифодаи шахсии шаҳрвандон» қабул карда шуд, ки мувофиқи он миқдори муайяни шаҳрвандон соҳиби замин гардиданд.

Дар шароити ҷумҳурӣ ҷорӣ намудани таҷрибаи тақсими «заминҳои президентӣ», аз як ҷониб, раванди ислоҳоти заминро тақвият бахшид ва

аз ҷониби дигар, ба рушди бахши хусусӣ дар деҳот замина фароҳам овард. Аз соли аввали амалӣ гардидани ин ташаббус, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба назар мерасид, ки ин омил дар рафъи пайомадҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва беҳбуд бахшидани вазъи иҷтимоии аҳолӣ нақши мусбат гузошт [165, с. 78].

Дар оғози гузариши хоҷагии қишлоқ ба иқтисоди бозорӣ танҳо он хоҷагиҳои ёрирасони шахсии аҳолӣ рушд карданд, ки аъзои онҳо, асосан, сокинони ноҳияҳои наздишаҳрӣ ва деҳот буданд. Аз ин рӯ, хоҷагиҳои ёрирасони шахсии танҳо дар хоҷагиҳои атрофи шаҳр рушд менамуданд [168, с. 107].

Ҳамин тавр, дар марҳилаи ибтидоии ислоҳоти бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои калидии меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки ҳадафи онҳо танзими муносибатҳои заминдорӣ буд. Дар байни онҳо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (1995) ва «Барномаи ислоҳоти иқтисодии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун муҳимтарин аснод арзёбӣ мешаванд [79, с. 61].

Дар давраи истиқлоли давлатии кишвар соҳаи картошкапарварӣ ҳамроҳ бо истеҳсоли зироатҳои ғалладона ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Тавре маълум аст, дар замони Иттиҳоди Шуравӣ қисми муайяни ниёзҳои аҳолии Тоҷикистон бо картошкаи воридотӣ аз Россия қонеъ гардонида мешуд. Бо вуҷуди ин, соли 1990 дар ҷумҳурӣ 207,0 ҳазор тонна картошка истеҳсол карда шуда буд. Вале, бинобар таъсири ҷанги шаҳрвандӣ, ҳаҷми истеҳсолот коҳиш ёфт ва дар соли 1996 ҳамагӣ 107,7 ҳазор тонна картошка истеҳсол гардид, ки ин пасттарин нишондиҳанда дар тамоми давраи истиқлоли кишвар маҳсуб мешавад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки рушди тамоми соҳаи кишоварзии кишвар баъд аз сулҳ рӯ ба беҳбудӣ овард. Бояд таъкид кард, ки аз соли 1997 сар карда, истеҳсоли картошка дар ҷумҳурӣ рӯ ба афзоиш ниҳод ва соли 2005 ҳаҷми он ба 555,0 ҳазор тонна расид, ки нисбат ба соли 1991 қариб се маротиба зиёдтар мебошад. Дар баробари ин, ҷанги шаҳрвандӣ таъсири манфии бузурге ба соҳаи чорводорӣ расонд. Масалан, шумораи

гӯсфандон, ки соли 1990 ба 2 миллиону 461,8 ҳазор сар мерасид, то соли 2000 ба 1 миллиону 472,2 ҳазор сар коҳиш ёфт, яъне дар давоми 10 сол зиёда аз 1 миллион сар кам гардид. Ҳамин гуна, саршумори бузҳо низ аз 830,1 ҳазор сар дар соли 1990 то 667,6 ҳазор сар дар соли 1998 коҳиш ёфт. Чорвои калони шохдор бошад, ки соли 1990 шуморааш 1 миллиону 351,5 ҳазор сарро ташкил медод, дар соли 2000 ба 1 миллиону 36,7 ҳазор сар расид, ки нишондиҳандаи коҳишёфта ба ҳисоб меравад [157].

Дар ҷараёни ислоҳоти маҷмуаҳои агросаноатӣ аксарияти корхонаҳои аграрии ҷумҳурӣ дар ҳолати носолим қарор доштанд. Воситаҳои техникии бисёр хоҷагиҳо аллакай ғорат ва корношоям шуда буданд, ҳамчунин, низоми обёрӣ низ ба ҳолати таназзул дучор гардид. Аз тарафи дигар, муносибати мақомоти маҳаллӣ нисбат ба азнавсозӣ ва хусусигардонии корхонаҳои аграрӣ яксон набуд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар набудани низоми дақиқ ва санҷидашуда, қисми зиёди колхозҳо ва совхозҳо ба ҷамъиятҳои саҳомӣ табдил дода шуданд.

Мақсади асосии ислоҳоти аграрӣ дар ҷумҳурӣ аз он иборат буд, ки самаранокии истеҳсолот таъмин гардад, ҳаҷми истеҳсолоти аграрӣ васеъ шавад, сифати маҳсулот баланд бардошта шавад ва аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ таъмин гардад. Илова бар ин, зарур шумурда шуд, ки як қатор корхонаҳои саноати сабук бо ашёи хоми дохилӣ таъмин карда шаванд. Дар натиҷа, сохтори бахши аграрӣ ба таври куллӣ дигаргун гардид.

Ҳамин тариқ, дар раванди ислоҳот, пеш аз ҳама, хоҷагиҳои давлатии шуравӣ (совхозҳо) ва хоҷагиҳои коллективӣ (колхозҳо) аз байн бардошта шуданд. Агар то солҳои 1990 истеҳсоли маҳсулоти аграрӣ асосан ба дӯши хоҷагиҳои бузург вогузор шуда, онҳо тақрибан 45%-и маҷмуи маҳсулоти миллиро таъмин мекарданд, пас то соли 2010 ҳиссаи онҳо то 2,1% коҳиш ёфт [5, с. 340].

Ислоҳоти аграрӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси як қатор ҳолатҳо дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Дар хоҷагии қишлоқ миқдори зиёди техника истифода карда мешуд, ки истифодаи онҳо на он қадар самаранок буд. Чунин вазъият бо он шарҳ дода мешуд,

ки сохтори заминҳо дар Тоҷикистон номунтазам буда, аксарияти заминҳо дар нишебии кӯҳҳо дар шакли қитъаҳои алоҳида ҷойгир шудаанд. Аз ҳисоби баландӣ ва ноҳамвории релефи кӯҳӣ танҳо 7% ҳудуди ҷумҳурӣ бо мақсадҳои аграрӣ истифода мешаванд, ҳиссаи заминҳои корам ва киштзорҳои бисёрсола танҳо 20% заминҳои таъиноти аграриро ташкил менамоянд.

Чунин вазъият сохтори ягонаи ташкиливу технологии заминҳоро халалдор намуд, ки ин мақсаднокии амалӣ намудани шаклҳои ташкиливу иқтисодии истифодаи заминро нишон медод. Дар шароити қувват гирифтани самтҳои марказгурез таъминоти ин захираҳо тариқи маблағгузории марказонидашуда ғайриимкон мегардид. Тоҷикистон дар ин марҳила ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ, ҳам аз ҷиҳати ташкилӣ ва ҳам технологӣ ба истифодаи самараноки ин захираҳо омода набуд.

Илова бар ин, истеҳсолкунандагони маҳсулоти аграриро зарур буд, ки қисми асосии даромади худро ба харидорӣ намудани таҷҳизоти зарурӣ истифода намоянд. Маҳз аз ин хотир, барои рушди истеҳсолот воситаҳои молиявӣ боқӣ намемонданд.

Таъсиси хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар асоси аз нав ташкил намудани колхозу совхозҳо ва ҳамчунин ҷудо намудани қитъаҳои иловагии замин бо фармони Президенти кишвар имконияти истифодаи васеътари заминро барои ниёзҳои шаҳрвандон фароҳам овард. Бо вуҷуди ин, раванди мазкур бо суръати суст амалӣ мешуд. Ислоҳоти замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман аз соли 1995 оғоз гардид. Дар марҳилаи аввал тақрибан 75 ҳазор гектар замин ба ихтиёри деҳқонон ба тариқи иҷора дода шуд. Ҳамзамон, хоҷагиҳои колхозию совхозӣ тадриҷан ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) табдил дода мешуданд. Бо мақсади суръат бахшидан ба ин раванд ва таъмин намудани мустақилияти хоҷагиҳои нав, дар сохтори Кумитаи давлатии заминсозӣ шуъбаи махсус таъсис ёфт, ки бештар вазифаи машваратӣ иҷро мекард.

Аммо мураккабии раванд ва маҳдудияти имкониятҳои институтсионалӣ боиси ба миён омадани монеаҳои гуногун гардид. Аз

ҷумла, хароҷоти зиёди гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқи истифодаи замин, риоя нагардидани қоидаҳои тақсими замин бинобар номукаммалии қонунгузорӣ, набудани дониши кофии ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, инчунин, гузоштани қарзҳои колхозу совхозҳои пешина ба зиммаи хоҷагиҳои нави деҳқонӣ ва дигар омилҳо татбиқи ислоҳотро душвор месохтанд [205, с. 25-26].

Дар натиҷа, тамоми хоҷагиҳои коллективӣ ва давлатии шуравӣ барҳам дода шуда, ба ҷои онҳо хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ ташкил гардиданд. Чунин чораҳо боис шуданд, ки аллакай соли 1998 саҳми хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ ба таври назаррас афзоиш ёбад: истеҳсоли гӯшт – 94,3%, шир – 94,5%, тухм – 63,7%, пашм – 82,3%. Ҳамзамон, дар ин хоҷагиҳои шахсӣ 92,5% чорвои калон, 80% гӯсфанд, 86,9% буз, 59,7% паранда ва 72,9% асп нигоҳдорӣ мешуданд [5, с. 183].

Ҷудо намудани заминҳо ба аҳолии деҳот ва ташкил гардидани хоҷагиҳои шахсии ёрирасон дар ҳалли масъалаи истиқлолияти ғалла ва дигар молу маҳсулоти озуқаворӣ нақши назаррас бозидааст. Дар алоқамандӣ бо гузаронидани ислоҳоти аграрӣ тағйироти куллӣ дар кишти заминҳо ба нафъи васеъ намудани киштзорҳои ғалла ва картошка ва мутобиқан коҳиш ёфтани кишти пахта ба миён омад.

Паст рафтани рушди маҷмуи маҳсулоти миллӣ дар муқоиса бо солҳои пешина бо коҳиши рушд дар саноат ва хоҷагии қишлоқ алоқаманд аст. Дар хоҷагии қишлоқ ин аз пастравии истеҳсоли маҳсулоти асосӣ – пахта (ба 20%) ва пастравии содироти пахта (ба 42%) алоқаманд аст.

Аз сабаби нокифоягии маблағгузорӣ неруи илмӣ дар соҳаи кишоварзӣ коҳиш ёфтааст. Парвариши тухмӣ, парвариши растаниҳо ва муҳофизати онҳо ба роҳ монда шудааст. Хадамоти иттилоотӣ ва машваратӣ, ки барои шаклҳои нави идоракунӣ заруранд, танҳо пайдо шуда истодаанд.

Яке аз маҳсулоти асосӣ, ки ба истеҳсоли он диққати махсус равона карда мешавад, ғалла ба ҳисоб меравад. Аз сатҳи рушди ғаллапарварӣ таъминоти озуқавории кишвар ва нишондиҳандаи сатҳи зиндагии аҳолӣ муайян карда мешавад. Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар истеҳсоли ғалла кишвар дар ҳолати вазнин қарор дошт. Дар ҷумҳурӣ соли 1994 ҳамагӣ 206 ҳазор тонна ғалладона истеҳсол шуд, аммо барои ниёзи мардум 1 миллион тонна зарур буд. Ҳамин тариқ, истеҳсоли ғалла назар ба истеъмоли он дар кишвар чандин маротиба бештар буд [43].

Гарчанде заминҳои кишти ғалла зиёд буданд, лекин ҳосилнокӣ дар сатҳи паст қарор дошт. Масалан, соли 1994 ҳаҷми умумии кишти ғалла ба 300 ҳазор гектар баробар буд, ки 23% тамоми заминҳои киштро ташкил менамуд. Азбаски 60% чунин заминҳо аз заминҳои камҳосил буданд, ҳосил дар сатҳи паст қарор дошт. Илова бар ин, нарасидани воситаҳо дар ин соҳа омили дигари сатҳи пасти истеҳсоли пахта ба ҳисоб мерафт. Барои мисол, ҳаҷми маблағгузорӣ ба маҷмуи агросаноатии кишвар дар соли 1993 нисбат ба сатҳи соли 1990 тақрибан 30 маротиба кам гардид ва дар ин шароит талаботи воқеӣ танҳо ба андозаи 3 фоиз қонеъ карда мешуд [43]. Дар асоси баррасӣ ва таҳлили масъалаҳои асосии ислоҳоти аграрӣ метавон чунин хулосаҳо баровард:

- аз соли 1990 камшавии ҳаҷми умумии заминҳои корам мушоҳида гардида, танҳо аз соли 2006 зиёдшавии он таъмин карда мешавад. Бояд тазаккур дод, ки дар давраи гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ дар кишвар зиёда аз 80 ҳазор гектар замин дар ҳолати ногувор қарор доштанд;

- давраи солҳои 1991-1996 давраи коҳиши истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад. Чунин вазъият дар тамоми маҳсулоти истеҳсолӣ мушоҳида карда мешуд ва танҳо аз соли 1997 беҳтар гардидани вазъият мушоҳида гардид;

- дар доираи ислоҳоти аграрӣ дар низоми муносибатҳои истеҳсолӣ тағйироти амиқ ба амал омаданд, ки ҳадафи асосии онҳо такмил додани низоми истеҳсолӣ, молиявӣ ва хоҷагидорӣ ба ҳисоб мерафт;

-ислоҳоти аграрӣ имконият фароҳам овард, ки ҳамкории мутақобилан судманди давлат бо истеҳсолкунандагони маҳсулоти аграрӣ таъмин гардад;

- тақсими «заминҳои президентӣ» ба аҳолӣ, аз як тараф, ҷараёни ислоҳоти заминро дар ҷумҳурӣ тақвият бахшид ва, аз ҷониби дигар, ба рушди бахши хусусӣ дар деҳот замина гузошт. Аз оғози татбиқи ин иқдом нишонаҳои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба назар мерасиданд, ки он ба рафъи оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва беҳтар шудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат намуд;

- дар раванди ислоҳоти маҷмуаҳои агросаноатӣ бештари корхонаҳои аграрӣ дар ҳолати корношоямӣ қарор доштанд: воситаҳои техникии онҳо ғорат ё фарсуда шуда, низомҳои обёрӣ низ қобилияти амалии худро аз даст дода буданд. Илова бар ин, муносибати мақомоти маҳаллӣ ба масъалаи азнавсозӣ ва хусусигардонии корхонаҳои аграрӣ ягона набуд;

- дар ҷумҳурӣ хоҷагиҳои коллективӣ ва давлатӣ (колхозҳо ва совхозҳо) пурра барҳам дода шуда, ба ҷои онҳо хоҷагиҳои фермерӣ ва деҳқонӣ ташкил гардиданд. Дар натиҷаи чунин чораҳои давлатӣ, аллакай соли 1998 саҳми хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт;

- сатҳи рушди ғаллапарварӣ ба таври мустақим бо таъмини амнияти озуқаворӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ вобаста мебошад. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ истеҳсоли ғалла дар кишвар ба ҳолати буҳронӣ дучор шуд, ки оқибатҳои он ба иқтисоди миллӣ ва сатҳи иҷтимоии мардум таъсири ҷиддӣ расонд;

- маҳдудияти сармоягузорӣ, ҷой надоштани имкониятҳои васеи техникӣ ва инфрасохтори куҳна ба амнияти озуқаворӣ таҳдидҳои мухталиф эҷод менамоянд. Ҷангалзорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати нигоҳдории об, таъмини хоҷагии қишлоқ, назорати эрозияи хок ва сӯзишворӣ истифода мешаванд.

## 2.2. Ҳаёти иҷтимоии мардум дар шароити буҳрони шадиди сиёсиву иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ

Бо гузариши ҷумҳурӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ тағйироти амиқ дар ҳаёти иҷтимоии мардум ба миён омад. Сохтори иҷтимоии замони шуравӣ, ки асосан аз синфи коргар, деҳқон ва зиёиён иборат буд, дигаргун гардида, ҷомеа тадриҷан ба табақаҳои нави иҷтимоӣ тақсим шуд. Бояд тазаккур дод, ки ҳатто дар давраи шуравӣ низ тафовут миёни табақаҳои иҷтимоӣ вуҷуд дошт, вале ин фарқиятҳо хеле ночиз ба назар мерасиданд, зеро шаҳрвандони ҳамаи қишрҳо зери ҳимояи давлат қарор доштанд [43].

Дар баробари соҳиб шудан ба истиқлоли давлатӣ (1991) Тоҷикистон дар масири таърихи худ ба марҳалаи сифатан нав ворид шуда, ҷиҳати таҳкими истиқлоли давлатӣ имкони воқеӣ пеш омад. Ин дастоварди бузург ба Тоҷикистон имконият фароҳам овард, ки дар пешбурди сиёсати иҷтимоиву иқтисодӣ мустақилона фаъолият намуда, самтҳо ва афзалиятҳои онро муайян созад.

Сохтори куҳнаи иқтисодӣ, ки пас аз соли 1991 ба мерос гирифта шуда буд, дар шароити нави бозорӣ қобилияти рақобат надошт. Ҷанги шаҳрвандӣ раванди ислоҳоти иқтисодиро тулонӣ ва мураккаб гардонд. Дар баробари ин, ҷанг ва буҳронҳои марҳалаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ механизмҳои расмӣ ва ғайрирасмии ҳимояи иҷтимоиро суст намуданд, ки ин боиси афзоиши шумораи аҳолии камбизоат гардид.

Гузариш аз иқтисоди гурӯҳиву маъмурӣ ба иқтисоди бозорӣ, тағйирёбии шадиди нархҳо, пошхӯрии муносибатҳои иқтисодӣ бо ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ, қатъи кумакҳои ҳамаҷонибаи буҷавӣ аз марказ ва оғози ҷанги шаҳрвандӣ ба коҳиши босуръати маҷмуи маҳсулоти миллӣ оварданд. Дар солҳои 1991 то 1996 ҳаҷми истеҳсолот ба таври назаррас паст рафт, ки ин раванд ба озодшавии васеи ҷойҳои корӣ (асосан дар шакли пӯшида) сабаб гардид.

Нокифоягии истеҳсолоти дохилӣ, афзоиши воридот, номутавозунии пардохтӣ ва беқурбшавии пули миллӣ мушкилоти иловагӣ ба миён оварданд. Дар чунин шароит қарзи хориҷӣ босуръат афзоиш ёфт ва пардохтҳои марбут ба хизматрасонии он ба устувории низоми молиявию фискалӣ таъсири манфӣ расонданд.

Ҳамин тариқ, бо шикасти низоми ягонаи иқтисодии шуравӣ, аз кор мондани корхонаҳои саноатӣ ва ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шудани Тоҷикистон, ҳолати ногувори иҷтимоӣ ба миён омада, дар ҳаёти одамон тағйироти куллӣ пайдо гардид. Тақсимоти синфии шуравӣ, ки асосан, аз коргарону деҳқонон ва зиёиён иборат буд, аз байн рафта, мутобиқан раддабандии дигари иҷтимоӣ дар ҷомеа рӯйи кор омад.

Мувофиқи омори соли 1991, ба сари ҳар як нафари аҳолӣ дар Тоҷикистон 550,1 доллари амрикоии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ рост меомад. Ин нишондиҳанда то соли 1995 се маротиба коҳиш ёфт [43, с. 25-26]. Чунин коҳишёбӣ, албатта, яке аз нишондиҳандаҳои асосии афзоиши сатҳи камбизоатӣ ва коҳиши сатҳи зиндагии мардум ба ҳисоб мерафт. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рӯйхати аниқи омори камбизоатҳо дар кишвар вуҷуд надорад. Аз рӯйи таҳлили намояндагони СММ, дар ҷумҳурӣ 86%-и аҳолиро камбағалон ташкил менамуданд [180].

Ба андешаи Н. Ҳотамов: «Камбизоатҳои кишвар, асосан, аз ҳисоби коргарон ва колхозчиёни собиқ иборат буд, ки дар солҳои 90-ум тақрибан 90% аҳолиро ташкил менамуданд». Дар ин давра шумораи бекорон афзуда, нархи маҳсулот боло рафт, ҳаҷми нафақа ва маош ночиз боқӣ монданд. Ба чунин шароит, албатта, таъсири оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ низ дида мешавад [165, с. 78].

Бешубҳа, сатҳи зиндагии аҳолӣ аз ҳаҷми музди меҳнат, даромади хоҷагиҳо ва ҳаҷми нафақа вобаста аст. Вале, дар натиҷаи оғози ҷанги шаҳрвандӣ ва таназзули шадиди иқтисоди миллӣ дар солҳои 90-уми асри XX, ин нишондиҳандаҳо ба таври назаррас коҳиш ёфтанд. Дар бисёре аз мавридҳо, муассисаву ташкилотҳо, ҳатто, аз пардохти он маблағҳои каме, ки муқаррар шуда буданд, оҷиз монда буданд.

Камбизоатӣ дар Тоҷикистон падидаи гуногунҷанба ба ҳисоб меравад. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки камбизоатӣ, ки дар асоси даромад ва истеъмолот муайян карда мешавад, дар сатҳи баланд қарор дорад. Ин гуна вазъият, пеш аз ҳама, дар натиҷаи маҳдуд будани имкониятҳо ба вуҷуд меояд, ки барои таъмини сатҳи кофии даромади аҳолӣ заруранд. Ин маҳдудиятҳо аз музди пасти меҳнат, набудани дастрасии аҳолӣ ба воситаҳои истеҳсолот, хизматрасониҳои давлатӣ, аз ҷумла соҳаҳои тандурустӣ, маориф ва таъминоти об шаҳодат медиҳанд.

Даромади воқеии аҳолӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ хеле паст боқӣ монда, асосан аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти ғизоӣ ва ашёи рӯзгори худӣ таъмин мегардид. Ҳаҷми имтиёзҳои иҷтимоии пулӣ низ дар сатҳи ниҳоят маҳдуд қарор дошт. Тибқи омор, дар гурӯҳи хонаводаҳои камбизоаттарини кишвар саҳми кумакҳои иҷтимоӣ ва имтиёзҳои пулӣ ҳамагӣ 8 фоизи даромади умумиро ташкил медод. Дар ҳамин ҳол, чунин оилаҳо то 80 фоизи даромади худро барои хароҷоти ғизо масраф менамуданд. Қисми зиёди талаботи онҳо ба маҳсулоти хӯрока аз ҳисоби истеҳсолоти худӣ ва кумакҳои башардӯстона қонеъ карда мешуд.

Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти соли 1999 оид ба сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон маълум гардид, ки беш аз се-чор ҳиссаи аҳолии кишвар дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Бештари аҳолии ниҳоят камбизоат низ маҳз ба деҳот рост меомад (23,4%). Тақсимоти минтақавии камбизоатон чунин буд: вилояти Хатлон – 26,1%, вилояти Суғд – 19,2%, ноҳияҳои тобеи марказ – 6,9% ва шаҳри Душанбе – 2,1%.

То давраи солҳои 2000-ум дар қатори сабабҳои сершумори сатҳи баланди камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ, ки аз вазъияти бахши истеҳсолотӣ бармеояд, метавон ҷанбаҳои зеринро номбар намуд:

- сатҳи пасти маҳсулнокии меҳнат дар соҳаҳои асосии хоҷагии миллии ҷумҳурӣ;

- қобилияти рақобатпазир набудани молу маҳсулоти истеҳсолшавандаи миллӣ;

- коҳиши истеҳсоли ашёи асосии истеъмолӣ;

- қафомонии сохторӣ ва рушди соҳаҳои илмӣ;

- шуғли сатҳи паст дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва арзиши баланди манзил, ки барои аксарияти аҳолӣ дастнорас мебошад.

Сатҳи камбизоатӣ аз нишондиҳандаҳои истифодашаванда вобаста аст. Доираи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз 17% то 97% вобаста ба нишондиҳандаҳои мухталиф, ки аз тарафи созмонҳои гуногуни байналхалқӣ ва ватанӣ коркард шудаанд, муайян карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ба сифати нишондиҳандаи муайяннамоии камбизоатӣ худбаҳодиҳии аҳолиро қабул намудааст, ки мувофиқи он тақрибан 60% аҳолӣ худро камбизоат меҳисобад.

Дар солҳои 2000 вазъияти иҷтимоӣ то андозае муътадил гардид. Масалан, маҷмуи маҳсулоти давлатӣ дар соли 1998 - 172,2 доллар, дар соли 2000 189 доллари амрикоӣ ва дар соли 2003 - 236,6 доллари амрикоӣ баробар буд [235, с. 218].

Моҳи июни соли 2002 аз тарафи парламенти кишвар «Ҳуҷҷати стратегияи коҳиши камбизоатӣ дар мамлакат барои солҳои 2002-2006» қабул карда шуд. Мақсади асосии Стратегияи қабулгардида зиёд намудани даромадҳои воқеии аҳолӣ, тақсимоти адолатноки натиҷаи рушди иқтисодӣ ба ҳисоб мерафт. Раванди татбиқи стратегия ба тақвияти рушди босуръати иқтисодӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ равона шуда, махсусан, ҷиҳати густариши содирот, пешниҳод намудани хизматрасониҳои асосии самараноки иҷтимоӣ, дастгирии қишрҳои камбизоати аҳолӣ, идоракунии самаранок ва баланд бардоштани сатҳи амният аҳаммияти хосса пайдо кард. Барои таъмин намудани пешрафт дар ин самтҳо сиёсати махсус ва амалҳои бахшии мушаххас амалӣ гардиданд. Аз ҷумла, тадбирҳо ба «модернизатсияи соҳаи иҷтимоӣ, тақвияти бозсозии сохтории иқтисодиёт, баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаҳои калидии иқтисодӣ, эҳёи инфрасохтор ва ҳифзи муҳити зист» равона шуда буданд [148].

Ислоҳоти соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба се давра рост меояд. Давраи якум аз соли 1991 то соли 1997-ро фаро мегирад. Дар ин марҳала, ки Тоҷикистон дар давраи аввали ба даст овардани истиқлоли давлатӣ буд, ба мушкилоти зиёд, хусусан, муқовимати шадиди сиёсӣ, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, буҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардида буд. Ҳатто, соли 1994 як қисми омӯзгорони кишвар маош гирифта натавонистанд.

Аз муноқишаҳои дохилӣ, боло гирифтани ҳисси маҳалгароӣ, гирдиҳамоиҳо дар майдонҳои Шаҳидон ва Озодӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, алалхусус, ҳаёти фарҳангӣ ва аҳли зиёи ҷумҳурӣ зарари ҷиддӣ диданд. Дар ин марҳила садҳо биноҳои мактабу муассисаҳои томактабӣ, клубу китобхонаҳо, кинотеатрҳову хонаҳои маданӣ ва дигар марказҳои илмию фарҳангӣ-маърифатӣ сӯхта нобуд гардиданд. Тибқи маълумоти Бонки умумиҷаҳонӣ ва Хазинаи асъори байналхалқӣ, дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ наздик ба 20% макотиби кишвар хароб гашт, ки зиёда аз 130 бинои мактабӣ ба таъмири ҷорӣ, таъмини лавозимоти таълимӣ, васоити моддию техникӣ ва дастуру китобҳои дарсӣ ниёз дошт. Бинобар ин, бар ивази таъмиру тармими ин гуна муассисаҳо зарурати сохтмони мактабҳои нав бо 20 ҳазор ҷойи нишаст ба миён омад.

Аз соли 1992 то ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мактабу маориф, илму адабиёт, муассисаҳои тандурустиву фарҳангӣ давраи мушкилтаринро аз сар мегузаронд. Мактабу маориф дар ҳолати хеле пасти иҷтимоиву иқтисодӣ қарор дошта, қариб аз ҳисоби буҷаи ҷумҳурӣ ба мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, миёнаи махсус ва олии кишвар маблағгузорӣ қатъ гардид, ки ин боиси тарки хонандагону донишҷӯён ва устодон аз макотиби миёнаву олии кишвар гардид. Аз ҷониби дигар, ин вазъият ба сифати таълиму тарбия бетаъсир намонд, сатҳу сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ паст шуд. Нақшаву барномаҳои таълимӣ тибқи талабот пурра иҷро намешуданд. Дараҷаи саводнокии хонандагону донишҷӯён коҳиш ёфт. Қисме аз хонандагону донишҷӯён маҷбур шуданд, ки дар бозорҳо ба

корҳои савдогариву аробакашӣ ва дигар корҳои даромаднок машғул шаванд. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ низ ба савдои молу маҳсулот дар бозорҳо машғул шуданд. Шумораи майзадагону авбошон, нашъамандону нашъаҷаллобон ва дуздону гадоҳо афзуд.

Дар муассисаҳои илмӣ низ аҳвол хуб набуда, норасоии маблағ ва васоити модӣ–техникӣ ба мушоҳида мерасид. Аз ин хотир, аксарияти муассисаҳои таҳқиқотии Академияи илмҳо фаъолиятро қатъ намуданд, ки боиси ҷумҳуриро тарк намудани олимону мутахассисони варзида гардид. Ҳамзамон, қисме аз олимони кишвар руҳафтода гаштанд. Бо вуҷуди ин, олимони асил ва меҳанпарасти кишвар дар чунин рӯзҳои вазнин баҳри халқу миллат хизмат намуда, асарҳои нодир эҷод карданд. Хусусан, ба ин ҳама мушкилот нигоҳ накарда, ҳунармандони кишвар филми «Имом-ал Бухорӣ» (Бақо Содиқов)-ро рӯйи навор оварданд. Инчунин, театри «Аҳорун» зери роҳбарии Фаррух Қосим фаъолияташро идома дода, дар ҳамин давра гурӯҳҳои мусиқии «Борбад» ва «Шашмақом» ташкил ёфтанд [135, с. 505].

Бояд қайд кард, ки бӯҳрони шадиди иҷтимоӣ наметавонист, аҳли зиё ё фарзандони фарзонаи миллатро бетафовут монад. Зарурат, пеш аз ҳама, дар он буд, ки ба рушди соҳаи маориф таваҷҷуҳи ҷиддӣ равона карда шавад. Маҳз дар ҳамин марҳала Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои мактабу маориф аҳаммияти хосса медод. Чунин таваҷҷуҳ буд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (27-уми декабри соли 1993) қабул карда шуд. Илова бар ин, «Дастуруламал оид ба мактаби маълумоти умумӣ» (12-уми октябри соли 1995) қабул гардид. Ногуфта намонад, ки қонуни мазкурро мо дар раванди ҷанг қабул намудем. Таҳқиқоти илмӣ нишон дод, ки аз соли 1993 то 2000 соҳаи маориф хеле харобу валангор шуда буд. Ҳатто, мо натавонистем муайян кунем, ки дар ин муддат ба соҳаи маориф чӣ қадар маблағ пул ҷудо шудааст. Гуфтан бамаврид аст, ки соли 2000-ум давлат ба соҳаи маориф 42 миллион сомонӣ ҷудо кард [118, с. 108].

Давраи дуюми ислоҳоти маориф аз соли 1997 то соли 2004-ро фаро мегирад. Дар ин давра маорифи кишвар аз ҳолати буҳронӣ тадриҷан раҳо ёфта, Ҳукумати кишвар бо мақсади рушди ин соҳа ва ислоҳоти марҳилаи дуюми маориф кӯшишҳои зиёд ба харҷ дод. Дар натиҷаи ислоҳот дараҷаи таҳсилот ва сатҳи тахассусии омӯзгорон боло рафт, вазъи моддии онҳо беҳтар гардид. Ин омилҳо ба тарбия ва омода намудани мутахассисони ҷавон мусоидат карда, ҳамзамон, шароити муассисаҳои таълимӣ беҳтар шуд. Илова бар ин, таҳияи стандартҳои давлатӣ, барномаҳо ва консепсияҳои рушди соҳаи маориф низ амалӣ гардид.

Солҳои 1991-1992 теъдоди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 3179 адад (50 адади дигар ғоибона)-ро ташкил менамуд, ки ин нишондод дар соли 2010 ба 3747 мактаб баробар шуд. Яъне, аз соли 1992 то соли 2019 дар ҷумҳурӣ 518 мактаб зиёд шуд [81, с. 336]. Соли 2005 ба соҳаи маориф 268 млн сомонӣ ҷудо гардид, ки қариб 7 баробар зиёд буд. Бо вуҷуди талошҳои Ҳукумат ва Сарвари кишвар азхудкунии хонандагон ва ба талаботи замон ҷавобгӯ набудани соҳаи маориф Президенти кишвар дар Паёми соли 2006 дар ин бора андеша иброз карда буданд [210, с. 16].

Хулоса, ба ҳамаи мушкилиҳо нигоҳ накарда, соҳаи маориф тадриҷан рушд намуд. Тамоми омори расмӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки дар алангаи ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон кушода гардидани типи нави мактабҳо ба вуҷуд омаданд. Агар дар соли 1991 ҳамагӣ 1 мактаби типи нав (гимназия) фаъолият мекард, дар соли 2010 шумораи ин гуна мактабҳо ба 157 адад баробар шуд [118, с. 108]. Ҳамзамон, агар дар соли 1991 шумораи донишҷӯён ҳамагӣ 40,7 ҳазор нафарро ташкил медод, пас соли 2010 он ба 37550 ҳазор нафар расид. Музди меҳнати омӯзгорони кишвар аз соли 1991 то соли 2000 ду баробар, яъне ба 7,5 сомонӣ баробар шуд [118, с. 108].

Бояд гуфт, ки хоҷагии халқи Тоҷикистон дар ибтидои истиқлол дар натиҷаи задухӯрдҳои мусаллаҳона ва вайрон шудани алоқаҳои тиҷоратӣ тамоман барҳам хӯрд. Бо сабабҳои маълум истеҳсоли хоҷагии халқ 55%

кам шуд, ки ҳамаи ин ба амнияти иҷтимоии мардум таъсири манфии худро расонид.

Бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ пурра ё қисман аз кор мондани корхонаҳо бисёр одамон бекор монданд, давлат барои ҳифзи иҷтимоии одамон ба қадри кифоя маблағ надошт ва барои нигаҳдории соҳаҳои тандурустӣ, фарҳанг, илм ва маориф кӯшишҳои зиёд мекард. Хусусан, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ солҳои 1993-1995, яъне дар шароити номусоиди ҷанг баъзе қонунҳоеро қабул мекард, ки хусусияти зиддибуҳронӣ дошта, ба масоили иқтисодию иҷтимоӣ ва низоми нархҳо, инчунин, низоми пулию қарзи кишвар нигаронида шуда буд. Ҳукумати кишвар ҳарчи зудтар кӯшиш мекард, ки ислоҳоти соҳаи бонк, хусусигардонии моликияти давлатӣ ва ҷалби сармоядорони хориҷиро ба роҳ монад.

Давраи гузариш барои ҳар давлат дардовар аст. Тавре ки Н. Ҳотамов қайд мекунад: «Дар давраи Шуравӣ аҳолии кишвар ба синфи коргар, деҳқон, колхозчӣ ва зиёиён ҷудо мешуданд, пас дар давраи нав бошад, табақаи дигаре ба монанди бойтаринҳо, бойҳо, камбағалҳо ва фақиртаринҳо ҷудо шуданд» [165, с. 269].

Дар аввали солҳои истиқлол дар натиҷаи тезутундшавии кишвар табақабандии иҷтимоии аҳолӣ ба буҳрони шадидӣ сиёсӣ рӯ ба рӯ шуд, ки боиси ба миён омадани бисёр проблемаҳои мураккаб гардид. Тибқи хулосаи намояндагони СММ, дар соли 2006 комилан як қисми хурди сарватмандон 60% тамоми сарвати кишварро дар даст нигоҳ медоштанд. Аммо аҳолии ҷумҳурӣ аз нарасидани маводи ғизоӣ азият мекашид.

Иброҳим Усмонов дар мусоҳибааш бо Радиои Озодӣ (14 апрели соли 2007) оид ба вазъи кишвар дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ чунин баён доштааст: «Вазъи иҷтимоию иқтисодии солҳои 1993–1994 кишвар хеле вазнин буд. Агар аз нигоҳи соли 1993 ва ибтидои соли 1994 ба воқеаҳо назар андозем, на танҳо ҳукумат, балки тарафи мухолифин ҳам омодаи музокирот набуданд, намехостанд, ки он баргузор шавад. Душворӣ дар ҳукумат он буд, ки мамлакат мутамарказ набуд. Дар соли 1993 ва 1994

ноҳияҳо ва вилоятҳо на ҳама ба марказ тобеъ буданд. Маблағ набуд дар Тоҷикистон. Теъдоди зиёди мардум гашта рафта буданд. Ин душвории ниҳоят сахте буд, ки давлатро маҷбур мекард, то роҳи аз он баромаданро пайдо кунад. Барои мухолифон бошад, саргардонии мардум дар хориҷи кишвар бисёр мушкил буд. Тарси он буд, ки онҳо бозгашта ба ватан меоянд ва танҳо роҳбарони сиёсӣ берун аз ватан мемонанд. Махсусан, баъди ташкил шудани барномаи «Хоки Ватан» дар Радиои Тоҷикистон ин беҳтар эҳсос мешуд. Аз ин сабаб онҳо ҳам ҳарчанд тайёр набуданд, маҳз бо нияти он ки аз ҳамин варта халос шаванд, омодагии худро ба музокирот эълон карданд. Лекин ҳар ду ҷониб ҳам вақте омодагии худро изҳор карданд, ки аллакай вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварамон бе ниҳоят хароб гашта буд» [138, с. 169-170].

Аз ин назари муаллиф бо равшании махсус вазъияти иҷтимоиву иқтисодии солҳои 1993-1994-ро нишон медиҳад, ки кишвар дар он замон ба як марҳилаи буҳронӣ ворид шуда буд. Чунонки И. Усмонов таъкид мекунад, ноустувории сиёсӣ бо заъфи марказият пайванд дошт: ноҳияҳо ва вилоятҳо на ҳама тобеи ҳокимияти марказӣ буданд, ки ин худ нишонаи парокандагии идоракунӣ ва заъфи сохтори давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Дар баробари ин, камбуди шадиди маблағ ва хуруҷи теъдоди зиёди аҳолӣ аз кишвар нишондиҳандаи буҳрони амиқи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буданд.

Муаллиф бо таҳлили вазъ таъкид мекунад, ки ҳам ҳукумат ва ҳам мухолифин дар марҳилаи аввал омодагии сиёсӣ барои музокирот надоштанд. Вале авзои иқтисодию иҷтимоӣ ба дараҷае бад гардид, ки ҳар ду ҷониб маҷбур шуданд мавқеи худро тағйир дода, омодагии шартии худро барои гуфтушунид эълон кунанд. Аз нуқтаи назари таърихӣ, ҳамин омил фишори буҳрони дохилӣ, яке аз муҳаррикҳои асосии оғози музокироти сулҳ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи муҳаққиқон, барномаи «Хоки Ватан», ки дар Радиои Тоҷикистон роҳандозӣ гардид, низ нақши муҳим бозид. Ин иқдом на танҳо ба эҳёи робитаи равонӣ ва маънавии муҳоҷирон бо ватан мусоидат

кард, балки дар миёни мухолифин эҳсоси тарсро ба вуҷуд овард, ки мардум дер ё зуд ба Тоҷикистон бармегарданд ва роҳбарони сиёсии берун аз кишвар бе такягоҳ мемонанд. Ҳамин омил низ онҳоро ба эълони омодагӣ ба гуфтушунид водор намуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иҷро нагардидани ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ дар солҳои 1992-1996, пеш аз ҳама, аз набудани сулҳу суботи сиёсӣ, камбуди мутахассисони варзида, набудани андешаи ягонаи миллӣ ва омилҳои дигар сарчашма мегирифт. Аз ҳамин сабаб, бартарафсозии мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ танҳо баъд аз оғози музокироти сулҳ ва барқароршавии суботи сиёсӣ имконпазир гардид.

Аз соли 1992 Тоҷикистон дар рӯйхати давлатҳои фақиртарин шомил гардид. Ҷанги шаҳрвандӣ сафи камбизоатҳоро рӯз то рӯз афзун мекард. Аҳволи мардум бад мегардид ва ташкилотҳои байналмилалӣ барои беҳтар намудани некуаҳволии кишвар кумакҳои башардӯстона мерасониданд. Расонидани ёрии башардӯстона дар солҳои ҷанг қатъ нашуда буд ва дар давраи барқарорсозии пас аз низоъ низ идома ёфта буд. Соли 2001 ин маблағ 82,7 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Соли 2002 Тоҷикистон аз 41 мамлакати ҷаҳон бо маблағи 107,2 миллион доллари ИМА ёрӣ гирифтааст [138, с. 169-170].

Бояд қайд кард, ки яке аз сабабҳои бухрони иҷтимоӣ солҳои 90-ум ин фирори мағзҳо ба ҳисоб мерафт. Гуфтан бамаврид аст, ки 25 ҳазор мутахассиси машҳури соҳаи мухталиф кишварро тарк намуданд, аз ҷумла 1600 нафар духтурони варзида [213, с. 108]. Агар дар соли 1991 мутахассисони дорои таҳсилоти олии тиббӣ беш аз 13,5 ҳазор нафарро ташкил медод, пас ин дар соли 2010 ба 14,5 ҳазор расид [138, с. 90]. Яъне, маълум мешавад, ки дар зарфи бист сол 1000 духтур зиёд шудааст, аммо ногуфта намонад, ки аҳолии Тоҷикистон дар ин муддат анқариб 65% афзудааст.

Боиси зикр аст, ки баъди қабули Конститутсия Ҳукумати кишвар нисбат ба аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии онҳо якчанд тадбирҳо қабул намуд. Дар Тоҷикистони Шуравӣ синни миёнаи умри одамон ба 72,2 мерасид,

пас ин нишондод ба соли 2013 баробар шуд. Маоши моҳонаи корманди соҳаи тандурустӣ агар соли 1994 3 сомонӣ бошад, пас соли 2010 он ба 332 сомонӣ баробар шуд [138, с. 90].

Алимов Ботурҷон, номзади илмҳои таърих, қайд мекунад, ки маҷмуи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон нисбат ба соли 1996 соли 1997 1,7 баробар зиёд мегардад [231, с. 22]. Ва суръати афзоиши вазъи иқтисодии Тоҷикистон аз соли 1997 баръало дида мешавад. Мавриди зикр аст, ки дар тадқиқоти Алимов Ботурҷон ягон дастоварди иҷтимоии солҳои 1992-1997 дида намешавад, аммо тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар ин муддат қабули бисёри қонунҳо ба амал омадааст, ки аксари онҳо иҷро шуданд. Яъне, мо ба фикри муаллиф розӣ ҳастем, ки беҳбудии вазъи зиндагии мардум баъд аз истиқрори сулҳ ба амал омада буд.

Мувофиқи санадҳои барӯйхатгирии аҳолӣ дар соли 2000, «тайи 11 сол шумораи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20,3% зиёд гардида, аз он ҷумла, шумораи тоҷикон ба 1725,3 ҳазор нафар расид, ё ин ки 54,4%-ро ташкил медиҳад. Дар натиҷа, шумораи умумӣ аз 62,3% дар соли 1989 ба 79,9% дар соли 2000 зиёд гардид» [127, с. 185]. Ба маълумоти ҳамон сарчашма, шумораи умумии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2000 6 миллиону 132 ҳазор нафарро ташкил медод [127, с. 183].

Ин далелҳо нишон медиҳанд, ки дар давраи пасошуравӣ, махсусан солҳои аввали истиқлол, тағйироти назарраси демографӣ ба амал омад. Аз як тараф, шумораи тоҷикон ба таври қобили мулоҳиза афзуд, ки бо раванди табиии афзоиши аҳолӣ ва ҳамзамон, бо муҳоҷирати аҳолии ғайритоҷик аз ҷумҳурӣ вобастагӣ дошт. Аз ҷониби дигар, коҳиши аҳолии миллатҳои дигар дар ин давра ба таври равшан мушоҳида мешавад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки масъалаҳои вобаста ба эҳтиёҷоти мутақобилаи миллатҳо дар тули таърихи инсоният ҳамеша аз муҳимтарин ва мураккабтарин масъалаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб мерафтаанд. Дар давраи мавриди назар, дар натиҷаи тағйироти сохтории иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар, равандҳои

муҳоҷират бештар гардиданд. Бар асоси таҳлилҳо, шумораи русҳо 5,7 маротиба, тоторҳо 3,8 маротиба, украинҳо 11,9 маротиба ва немисҳо 28,8 маротиба коҳиш ёфт, ки ин раванд, пеш аз ҳама, бо нооромии фазои сиёсӣ ва бесуботии иҷтимоӣ дар солҳои 1990–1995 алоқаманд буд.

Коҳиши шумораи ақаллиятҳои миллӣ дар Тоҷикистон оқибатҳои иҷтимоиву иқтисодӣ низ ба бор овард. Аз як ҷониб, ин раванд ба коҳиши қувваи кории баландихтисос, махсусан дар бахшҳои саноат, илм ва маориф овард, зеро қисми зиёди мутахассисони баландсатҳ маҳз аз ҳисоби русҳо, украинҳо ва немисҳо буданд. Аз ҷониби дигар, ин раванд боиси тағйироти ҷиддӣ дар таркиби этникӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ гардид, ки таъсири он то имрӯз низ эҳсос мешавад.

Ҳамзамон, дар муносибатҳои байни миллатҳо ва халқиятҳои сокини Тоҷикистон нобаробариҳои гуногун мушоҳида мешуданд. Тавре ки сарчашма таъкид мекунад: «бархе гурӯҳҳо сатҳу сифати зиндагии баландро соҳиб буданд, дар ҳоле ки дигарон аз пешрафти иҷтимоӣ хеле қафо монда буданд» [52, с. 136]. Ин ҳолат талаб мекард, ки барои рафъи чунин тафовутҳо сиёсати давлатӣ ба рушди муносибатҳои интегратсионӣ миёни ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳои ҷумҳурӣ равона карда шавад.

Ин ҳамкорӣ, тибқи андешаҳои муҳаққиқон, бояд бар пояи ба эътибор гирифтани манфиатҳои бозорӣ ва фарогирии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ – аз ташкили истеҳсолот ва тақсимоти неъматҳои моддию маънавӣ то идоракунӣ, боло бурдани сатҳи саводнокӣ, рушди илм ва фарҳанг – ба роҳ монда мешуд. Маҳз чунин муносибат метавонист на танҳо заминаи ҳамзистии сулҳомезро фароҳам оварад, балки ба таҳкими дастгирӣ ва ёрии мутақобила миёни миллатҳо дар шароити пасоҷангӣ мусоидат кунад.

Бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, ки раванди он аз соли 1994 то ба соли 1997 идома ёфт, ба инкишофи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва ташаккулу инкишофи худшиносии миллӣ таъсири амиқи мусбӣ расонид. Омӯзиши таърихи гузашта ва таҳлили воқеаҳои рӯйдода, инчунин, истифодаи сабақҳои таърихӣ, бешубҳа, ба таҳкими ҳисси

худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ мусоидат мекунад. Иброҳим Усмон ва Абдунабӣ Сатторзода дар мақолаи худ бо номи «Зарурати ташаккули андешаи миллӣ» чунин қайд мекунанд: «Дарёфти сулҳу оштӣ шароити мусоид барои таҳкими Ваҳдати миллӣ фароҳам овард. Таъсиси Ваҳдати миллӣ бошад, ба болоравии сатҳи худшиносии миллӣ мусоид шуд. Хусусан, сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлат Э.Ш. Раҳмонов дар ин самт нақши муҳим бозид» [120, с.22].

Бояд қайд кард, ки вазъи сиёсии кишвар хуб бошад, дигар самтҳои давлатдорӣ, ба монанди иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва фарҳанг рушд мекунанд. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон як марҳалаи нави рушди фарҳангӣ оғоз ёфт ва силсилаи чорабиниҳои мушаххаси фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ амалӣ гардид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баргузории чорабиниҳои мухталифи фарҳангӣ ва иҷтимоиву сиёсӣ нақш ва мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бузург аст.

Яке аз дастовардҳои муҳимми фарҳангии давраи истиқлол бунёди Китобхона ва Осорхонаи миллӣ дар шаҳри Душанбе мебошад. Ба ин қатори комёбиҳо метавон ҳамчунин ворид гардидани ёдгории таърихиву бостонии «Саразм» ба феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ва расман мақоми байналмилалӣ гирифтани ҷашни «Наврӯз» тибқи қатъномаи махсуси СММ дар соли 2010-ро низ шомил кард. Шиори «Фарҳанг ҳастии миллат аст» асоси сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба таври умумӣ шиори фарҳангиёну зиёиёни кишвар ба шумор меравад.

Ба гуфтаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон, истиқлолияти фарҳангӣ барои мардуми Тоҷикистон ҳамвазн бо истиқлолияти сиёсӣ арзиш дорад [120, с. 22]. Ҳоло дар ҷаҳон бархӯрди тамаддунҳо идома дорад, ки ҳадафи аслии он фурӯ бурдани фарҳанги халқҳо ва давлатҳои хурд аст. Муҳаммади Ҳиҷозӣ гуфтааст: «Дар ҷанг мағлуб шудан даҳшатовар нест. Даҳшатовар он аст, ки душман мафкураи худро ин ҷо роҳандозӣ кунад». Дар асри XIX як сафири Британия дар Ҳиндустон

чунин мегуфт: «Бигузор ҳинду ҳинду монад, аммо ӯ тафаккури инглисӣ дошта бошад». Дар ҷойи дигар Ҳиҷозӣ мегӯяд: «Шикасте, ки аз қудрати аслиҳа бошад, ҷуброн мешавад, аммо шикасте, ки аз бартарии донишу тамаддуни фотеҳ бирасад, ҷуброннопазир аст».

Хулоса, тибқи иттилои расмӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ба Тоҷикистон беш аз 10 миллиард доллари амрикоиро бо қурби ҳамон давра зарар овард [141, с. 48]. То пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон аз рӯйи нишондодҳои иқтисодӣ дар байни 15 давлати Шуравӣ дар зинаи 7-ум қарор дошт. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ чунон касод шуд, ки Тоҷикистон ба фақиртарин кишвари олам мубаддал ёфт. Ҷанги шаҳрвандӣ Тоҷикистонро ҳадди ақал то ба 10 сол ба ақиб партофт, 80% корхонаҳо хароб ва валангор шуда, дар мамлакат бекорӣ ва фирори мағзҳо ба амал омад. Аз ибтидои солҳои 2000 раванди муҳоҷиршавии аҳолӣ зиёд гардид.

Ногуфта намонад, ки оқибати ҷанг зиёда аз 25 ҳазор нафар занон бева ва қариб 55 ҳазор нафар кӯдакон ятим монданд [141, с. 48]. Ҷанг ва бад шудани таъмини аҳолӣ бо оби тоза боиси эпидемияи вараҷаи домана гардид, ки ба он беш аз 26 ҳазор нафар гирифтор шуда, 337 нафари онҳо фавтиданд. Дар баъзе ноҳияҳо бемории вабо ва сил зиёд ба чашм мерасид. Соли 1997 аз 100 ҳазор аҳолӣ 497, 8 нафар бемор буданд [16, с. 33-35]. Таҳқиқоти оморӣ нишон дод, ки ҳаёти мардуми Тоҷикистон шуруъ аз соли 1997 рӯ ба инкишоф ниҳода, тамоми самтҳои фаъолияти давлатдорӣ ба фаъолияти ҷадид оғоз карданд.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ташкилотҳои ҳаммонанди Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ (пештара номаш Ҷамъияти тоҷикистонии робитаҳои дӯстӣ ва маданӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ, Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаи мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ, инчунин, Анҷумани дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ низ мегуфтанд) дар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ ё нигоҳ дошта шудаву ё барҳам хӯрданд ва ё шакл дигар карданд.

Дар Тоҷикистон, бо вуҷуди нигоҳ дошта шуданаш, Ҷамъияти дӯстӣ ва равобити фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ бар асари нобасомониҳо, ҷанги шаҳрвандӣ ва норасоии маблағ наметавонист дар ҳамон сатҳ фаъолият барад. Ба қадри имконоти мавҷуда ва мувофиқи тавон корашро пеш мебурд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ба таъҷили 20-умин солгарди Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд намудаанд: «Ба таври огоҳона муттаҳид намудани мардуми кишвар дар атрофи ғояи «Тоҷикистони соҳибихтиёр – Ватани ягонаи мо» мебошад. Зеро маҳз ҳамин ғоя нуқтаи пайванд ва маркази иттиҳоди тамоми мардуми Тоҷикистон, сарфи назар аз миллат, забон, дин мазҳаб ва мавқеи сиёсӣ мебошад» [31, с. 58-69].

Дар соли 1996 Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаи мадании Тоҷикистон бо хориҷ, дар баробари ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои фарҳангӣ, миллӣ, касбӣ ва динӣ, ҳамчун яке аз аввалин муассисаҳо Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистонро имзо кард. Ин ниҳод соли 1997 ташкили ҳаракати «Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон»-ро низ ҷонибдорӣ ва дастгирӣ намуд. Фаъолияти худро барои хотима додан ба муқовимати мусаллаҳона, ба даст овардани ваҳдати миллӣ ва якпорчагии давлати соҳибистиқлол, рушди минбаъдаи Тоҷикистон равона сохт. 13 марти соли 1997 дар ҷаласаи Президиуми Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаи мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ сохтори он тасдиқ шуд. Мувофиқи он ҳайати Президиум 13 нафар ва воҳиди корӣ 18 нафарро ташкил медод.

Аз 23 то 27 июни соли 2000 бо ташаббуси Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Раёсати Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаи мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ ва Фонди миллии «Шоҳроҳи абрешим – шоҳроҳи Ваҳдат» ҳаракати «Корвони II-юми сулҳу ваҳдат дар шоҳроҳи Ваҳдат» гузарониданд, ки дар он намояндгони 57 шаҳру навоҳии кишвар ширкат варзиданд. Бояд

тазаккур дод, ки Ҷамъияти дӯстӣ ва робитаи фарҳангии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар ҳар як сафар ҳайати корвон, ки бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ анҷом доданд, аъзои Ҷамъияти дӯстӣ ва алоқаи мадании Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ дар ҳар шаҳру ноҳия, маҳаллае, ки бо сокинони ин манотиқ вохӯрӣ менамуданд, аз сулҳу ваҳдат суҳбат ороста, мардумро ба ҳамзистии осоишта ва ба дӯстию рафоқат даъват мекарданд [262].

Ҳамин тавр, вазъияти ногувори сиёсии Тоҷикистон ба иқтисод ва фарҳанги кишвар таъсири ногувор гузошт. Ин раванд тамоми аркони давлатдориро заиф сохт: аз муҳоҷирати оммавии мардуми русу украину немис, то канда шудани робитаҳои иқтисодӣ, кам гардидани ҳаҷми истеҳсолот ва паст шудани даромади аҳолӣ. Бо вуҷуди ҳамаи душвориҳо, масъалаи ислоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ баррасӣ шуд ва ҳамин амал заминаи мусоиди рушди ояндаи давлатро муҳайё сохт. Панҷ сол пас аз баста шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳу ризояти миллӣ нахустин дигаргуниҳо дар ҳаёти кишвар ба даст омад, ки дар қисмҳои ояндаи диссертатсия онро баён мекунем.

# БОБИ III. БЕҲТАР ШУДАНИ ВАЗЪИЯТИ ИҚТИСОДИИ КИШВАР ВА БОЛОРАВИИ САТҲИ ЗИНДАГӢ ДАР СОЛҲОИ 2000-2016

## 3.1. Татбиқи стратегияҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастовардҳо дар соҳаи иқтисодӣ

«Тавре ки гуфта шуд, дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ тамоми соҳаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла соҳаи иқтисодиёти кишвар хароб гардид. 8 сентябри соли 2006 Сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маърӯзаи худ бахшида ба 15-солагии истиқлоли давлатӣ таъкид намуд, ки танҳо зарари иқтисодии ин ҷанг ба 10 миллиард доллари амрикоӣ мерасад» [15].

Ин изҳорот бо далели рақамӣ ҷиддияти оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро равшан менамояд. Ҳисоб шудани зарар дар ҳаҷми 10 миллиард доллари ИМА нишон медиҳад, ки таъсири ин низоъ танҳо ба соҳаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ маҳдуд намондааст, балки иқтисоди миллиро низ ба марҳилаи амиқи буҳрон ворид кардааст. Зарари ба иқтисод расида дар баробари кам шудани иқтидорҳои истеҳсолӣ, харобшавии инфрасохтор, коҳиши қобилияти содирот ва баланд шудани сатҳи камбизоатӣ ифода ёфтааст.

Давраи аввали гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ бо замони хеле мушкил рост омад — сукути Иттиҳоди Шуравӣ ва истиқлоли собиқ ҷумҳуриҳои он. Ин ҳолат ба иқтисодиёти кишварҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, таъсири амиқ ва манфӣ гузошт. Канда шудани робитаҳои иқтисодӣ миёни ҷумҳуриҳо, ки оғози он ҳанӯз дар давраи бозсозии Горбачёв мушоҳида мешуд, дар оғози солҳои 1990 ба нуқтаи ниҳоӣ расид.

Ба гуфти собиқ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик Талбак Назаров, «ҷумҳуриҳои собиқ Иттифоқ баробари эълони истиқлолияти худ дар самти иқтисодиёт амалиёташонро тамоман

дигар карданд» [204, с. 41]. Ин суханон нишон медиҳанд, ки аз лаҳзаи аввали истиқлол ба даст овардан, сиёсатҳои иқтисодӣ ба таври комилан худҷӯш ва ба талаботи миллии ҳар ҷумҳурӣ мутобиқ карда мешуданд. Аз ин рӯ, ҷудоии иқтисодӣ на танҳо ногузир буд, балки ҳамчун як падидаи умумиминтақавӣ зуҳур намуд.

Ба андешаи академик Нуриддин Қаюмов, минбаъд «ба ҷойи интегратсия амалиётҳои дезинтегратсионӣ боло гирифт» [187, с. 111]. Ин таъкид воқеияти нави муносибатҳои иқтисодиро пас аз суқути Иттиҳод равшан месозад. Агар дар давраи Шуравӣ низоми иқтисодӣ бар пояи тақсимоти меҳнати умумииттиҳодӣ ва робитаҳои зичи байниҷумҳуриявӣ устувор буд, пас дар давраи аввали истиқлол ба ҷои ҳамгироӣ равандҳои парокандасозӣ, таназзули ҳамкориҳо ва худкифоии сунъӣ ба авҷ расиданд.

Ба ҳамаи ин душвориҳо нигоҳ накарда, Ҳукумати ҷумҳурӣ тамоми тадбирҳоро барои баромадан аз вазъияти ногувор меандешид. Дар ин самт яке аз вазифаҳои асоситарин боздоштани пастравии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба шумор мерафт. Бо ҳадафи татбиқи Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ барои солҳои 1995–2000, ки баъдан бо Барномаи иқтисодӣ оид ба коҳиши камбизоатӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ барои солҳои 1998-2004 иваз гардид, чораҳои зарурӣ роҳандозӣ шуданд [112, с. 489]. Раванди ислоҳоти иқтисодие, ки дар он марҳила бояд мавриди иҷро қарор мегирифт, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар муқаддимаи асари худ «Тоҷикон дар оинаи таърих» чунин қайд намудаанд: «Дар навбати аввал пеш гирифтани роҳи ислоҳоти иқтисодӣ, дигаргун намудани шакли моликият ва такомул додани низоми мутамаркази истеҳсоливу идоракунии давраи Шуравӣ меистод, ки кулли имкониятҳои аъзои ҷомеаро маҳдуд сохта, аз низоми яккутбии дастгоҳи давлатӣ вобаста карда буд» [221].

Иҷрои ин барномаҳо дар шароити хеле душвори мамлакат мегузашт. Зеро дар солҳои аввали барномаи якум ҳанӯз ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт. Ҳарчанд авҷи ин ҷанги бародаркушӣ паси сар шуда буд,

аммо Ҳукумати ҷумҳурӣ маҷбур буд, ки барои ба пуррагӣ баромадан аз вартаи ҷанг ва ноил шудан ба сулҳу осоиштагии комил тамоми чораҳои заруриро андешад. Баъд аз ба имзо расидани Созишномаи сулҳи тоҷикон, 27 июни соли 1997, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми захираҳо ва имкониятҳои мавҷударо ба самти эҳё ва барқарорсозии иқтисоди миллӣ равона намуд. Дар натиҷа, солҳои 1997-2000 равандҳои коҳиши иқтисодӣ дар кишвар боздошта шуда, дар як қатор бахшҳои ҳаётан муҳимми иқтисодиёт ҷараёни азнавсозӣ ва эҳё оғоз ёфт. Дар ҳамин замина, ёдовар шудан зарур аст, ки Тоҷикистон дар даҳсолаи охири замони шуравӣ ба як ҷумҳурии саноатӣ-аграрии Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёфта буд. Дар ин марҳила истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ назар ба маҳсулоти кишоварзӣ мавқеи бартарӣ дошт. Ба андозаи рушди саноатӣ Тоҷикистон миёни ҷумҳуриҳои шуравӣ мақоми даҳумро ишғол мекард. То соли 1991 теъдоди умумии корхонаҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ 2308 ададро ташкил медод, ки дар онҳо беш аз 188,2 ҳазор нафар фаъолият менамуданд. Аз ҷумла, 425 корхона ба гурӯҳи корхонаҳои бузург дохил мешуданд, ки аз онҳо 207 адад ба бахши саноати вазнин ва 119 адад ба бахши саноати сабук тааллуқ доштанд.

Ҷанги шаҳрвандӣ ба фаъолияти муназзами соҳаи саноат зарари ҷиддӣ расонида, ин соҳаи ҳаётан муҳим, ки барои таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ва таъмини ниёзҳои ҷомеа бояд фаъолият менамуд, аз кор бозмонданд. Корхонаҳое, ки дар соли 1996 фаъолият менамуданд, ба ҷойи фоидабахшӣ зарари моливу иқтисодӣ меоварданд. Сабаби зарароварӣ, пеш аз ҳама, рақобатпазир намудани моли истеҳсолшуда ва молҳои аз хориҷа воридшуда будаанд, ки молҳои аз хориҷи кишвар воридшуда бамаротиб зиёд гардид. Омилҳои зикргардида ба он оварда расонид, ки маҳсулоти истеҳсолшудаи дар давраи мураккабии вазъи сиёсиву иқтимоӣ истеҳсолшуда бехаридор монд, ки ин ба пастсифат тавлид шудани мол ва муфлисшавии корхонаҳо оварда расонид. Асосан, рушди бемайлони соҳаи саноат аз соли 2010 шуруъ мешавад [264].

Қайд кардан зурур аст, соли 2000-ум дар бахши хусусӣ даромад аз 19%-и соли 1991 то 43,5% зиёд гардид. Дар зарфи 10 сол дар кишвар бо рушд додани соҳаи саноат 1 миллион ҷойҳои нави корӣ ташкил карда шуд, ки барои таъмини аҳолии мамлакат бо ҷойи кор ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуда, барои ҷалби неруҳои меҳнатии дохилӣ барои рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбат гузошт. Саҳми корхонаҳои ғайридавлатӣ дар истеҳсолот зиёд гардида, пояҳои иқтисодии давлатро тақвият бахшиданд [173].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зина ба зина, нархи озоди маҳсулотро муқаррар намуда, дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва пешгирии болоравии нархҳо тадбирҳои зарурӣ андешид, ки ин дар бозори маводи ниёзи аввал рақобати солимро ба миён овард. Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда талаботи бозори истеъмолӣ қонеъ шуда, соҳибкорӣ рушд кард, ки дар он савдои хурд нақши арзанда гузошт.

Ҷиҳати рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат ба соҳибкорони хурду миёна имтиёзҳо дода шуда, аз ҷумла, бо мақсади дастгирии онҳо дар навоҳии дурдасти кӯҳистон қарзҳои ҳаҷман хурд ва бузург аз ҷониби бонкҳо ва дигар ташкилотҳо дода шуд. Ҳаҷми маблағи қарзи бонкии ба соҳибкорон додашуда сол то сол зиёд карда шуд. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар давраи то соли 2010 дар мамлакат хизматрасонии бонкӣ рушд намуда, то охири соли 2010 дар миқёси ҷумҳурӣ ҳамагӣ «138 ташкилоти қарзии хурд, минҷумла 2 ташкилоти маблағгузорӣ-қарзии ғайрибонкӣ, 14 бонк, 1 ташкилоти молиявии ғайрибонкӣ, 35 ташкилоти амонатии қарзи хурд, 42 ташкилоти қарзии хурд ва 44 фонди қарзии хурд фаъолият доштанд. Афзудани теъдоди ташкилотҳои қарзӣ ва бахшҳову намояндагиҳои онон дастрасии аҳолиро ба захираҳои қарзӣ бамаротиб вусъат бахшид. Бархӯрдорӣ аз ин қарзҳои имтиёзнок, махсусан, ба рушди истеҳсолоти хонагӣ дар миёни занони русто, парвариши чорво ва бунёди боғзорҳо мусоидат намуда, дар беҳбудӣ ва ободии зиндагии мардум таъсири намоён гузошт» [179, с. 6-8].

Инчунин, ҷиҳати дастгирӣ ва рушди соҳаи иқтисодӣ Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи либерализатсияи савдои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 27 июни соли 1995 ба тасвиб расида буд, ки дурнамои равобити иқтисоди хориҷии мамлакатро муайян мекард. Дар такя ба сиёсати дарҳои кушоди Ҳукумати ҷумҳурӣ дар муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии кишвар роҳҳои нав кушода шуда, «сиёсати иқтисодии беруна ба омили муҳимму манфиатбахши иқтисодиёти миллӣ табдил ёфт» [142, с. 166-169].

Муҳим он аст, ки сармояи хориҷӣ на танҳо дар рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ, аз ҷумла саноати кишоварзӣ, саҳми назаррас гузошт, балки барои ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва такон бахшидани рушди иқтисодиёт низ замина фароҳам овард. Хусусан, дар Паёми солонаи соли 2007 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ зарурат ва аҳаммияти таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъкид карда шуд. Ҳамзамон, дар ин Паём ишора шуд, ки кишварҳое, ки ба ин иқдом даст заданд, муваффақ шуданд. Дар асоси дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2008 ду минтақаи озоди иқтисодӣ дар Суғд ва Панҷ тарҳрезӣ ва ба фаъолият оғоз карданд.

Ҳиссаи сармоягузории хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо мақомоти олии қонунгузории кишвар оид ба масъалаи ҳамроҳ шудани кишвар ба созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ва эътирофи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналхалқӣ доир ба ҳимояи ҳуқуқи сармоягузорон тадбирҳои мушаххаси амалӣ андешид. Барои боз ҳам беҳтар намудан ва ривоҷу равнақ ёфтан дар мамлакат як қатор қонунҳо «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи муфлисшавӣ ва дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» қабул гардиданд. Қабули ин тағйиру иловаҳо дар мутобиқат

бо санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналмилалӣ дар пешрафти фаъолияти соҳибкорӣ роҳҳои наверо боз намуд [173].

Яке аз ҳадафҳои муҳимми стратегӣ барои Тоҷикистон расидан ба истиқлолияти энергетикӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои фаровони гидроэнергетикӣ аст ва бо назардошти ҳаҷми ин захираҳо нисбат ба шумораи аҳолӣ ва масоҳати кишвар, дар ҷойи ҳаштум дар ҷаҳон қарор дорад. Неруи бузурги обӣ самти асосии рушди бахши энергетикиро муайян намуда, зарурат ба бунёди неругоҳҳои барқи обиро ба вуҷуд овард. Ин иқдом шароити мусоид фароҳам овард, ки дар кишвар корхонаҳои дорои талаботи баланди энергетикӣ таъсис ёбанд ва фаъолият кунанд.

Об – гидроэнергетика имрӯз ба яке аз масъалаҳои умумибашарии замони муосир табдил ёфтааст. Назар ба таҳқиқоти анҷомшуда ҳаҷми захираи сӯзишвориҳои нафту газ ва ангишт дар ҷаҳон айни замон хеле коҳиш ёфта, рӯз то рӯз кам мегардад, ки боиси ташвиши ҷомеаи ҷаҳонӣ шудааст. Буҳрони сӯзишворӣ, ки дар айни замон ҷаҳонро фаро гирифтааст, мардуми дунёро водор месозад, ки бештар ба гидроэнергетика рӯ оранд.

Бесабаб нест, ки ташкилотҳои бонуфузи ҷомеаи ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, Созмони Милали Муттаҳид ба масъалаи об на танҳо ҳамчун тавлидкунандаи қувваи барқ, инчунин, бо оби аз ҷиҳати экологӣ тозаи нӯшокӣ таъмин кардани аҳолии кураи Замин диққати ҳамарӯза дода истодаанд.

Пажуҳиш ва истифодаи захираҳои бойи гидроэнергетикии Тоҷикистон, ки бо сохтмони аввалин неругоҳҳои барқии обӣ ҳанӯз аз солҳои 30-юми асри XX оғоз гардида буд, то охири ҳамин аср идома ёфта, бахусус дар солҳои 80–90-ум дар саросари ҷумҳурӣ садҳо неругоҳҳои хурд, миёна ва калон бунёд ва ба истифода супурда шуданд. Дар замони ҳокимияти Шуравӣ тамоми масоҳати Тоҷикистон бо хатҳои баландшиддату пастшиддати барқӣ фаро гирифта шуда буданд ва ин

хатҳои қувваи барқ корхонаҳои саноатӣ ва аҳолии Тоҷикистонро бо қувваи барқ таъмин мекард.

Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки истеҳсоли қувваи барқи Тоҷикистон дар замони Шуравӣ зина ба зина пеш мерафт. Масалан, соли 1960 дар Тоҷикистон 1,3 млрд кВт соат қувваи барқ истеҳсол шуда бошад, соли 1980 ин миқдор 13,6 млн кВт соат, соли 1991 17,597 млн кВт соат, соли 1995 17,768 млрд кВт соат, соли 2000-ум 14,247 млн кВт соат ва 2010-ум 16,435 млн кВт соат [155, с.253], пас соли 2012-ум 16,9 млн кВт соатро ташкил додааст. Зеро дар ин муддат Тоҷикистон аз беруни кишвар қувваи барқ мегирифт. Агар соли 1991 аз хориҷи ҷумҳурӣ 6 млрд 941 млн кВт соат, соли 2000-ум 5 млрд 242 млн кВт соат, соли 2005-ум бошад, 4 млрд 637 млн кВт соат ва соли 2010 434 млн кВт соат қувваи барқ аз кишварҳои ҳамҷавор (Узбекистон, қисман аз Туркманистон ва Қазоқистон) гирифтааст. Ин нисбат ба солҳои пешина дар миқёс даҳҳо баробар кам буд [155, с. 254].

Агар соли 1991 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеъмоли қувваи барқ 19,148 млн кВт соатро ташкил дода бошад, пас истеҳсоли он соли 2000-ум 15,580 млн кВт соат ва соли 2010 16.581 млн кВт соатро ташкил медод. Таҳлилҳои омории зикршуда нишон доданд, ки қувваи барқ аз хориҷи он ва ҳам содироти қувваи барқ ба хориҷи ҷумҳурӣ пас истеъмоли қувваи барқ низ нисбати соли 1991 дар соли 2000-уми 2,567 млн кВт соат кам шудааст [155, с. 254].

Норасоии қувваи барқ дар соҳаи саноат ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, бахусус аҳолӣ, яке аз масъалаҳои нигаронкунанда гардид. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли ин масъала аз буҳрони энергетикӣ баровардани кишварро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа қарор дод. Амалӣ гардидани ин нақша, пеш аз ҳама, аз нав оғоз бахшидану сохта ба кор истифода додани неругоҳи азими Роғуну Сангтӯда – 1 ва Сангтӯда – 2 буд [155, с. 255].

Бо вуҷуди тарҳрезии нақшаҳои бузург, Тоҷикистон барои татбиқи онҳо аз имкониятҳои молиявӣ маҳрум буд. Аз як ҷониб, ҷанги

шаҳрвандӣ вазъи иҷтимоиву иқтисодии кишварро шадидан мушкил гардонд, аз ҷониби дигар, пошхӯрии давлати Шуравӣ ва барҳам хӯрдани низоми ягонаи энергетикии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, ки Тоҷикистонро бо дигар ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳод пайваст мекард, мушкилотро боз ҳам печидатар намуд. Барои баромадан аз буҳрони энергетикӣ дар замони ба даст овардани истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор сохт, то чораҳои зарурӣ андешад.

Дар баробари аз нав оғоз намудан ва давом додани НБО-ҳои Роғуну Сангтӯда бо ҷалби инвеститсияи хориҷӣ ва ҳиссагузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миқёси мамлакат, пеш аз ҳама, бо қувваи барқ таъмин кардани аҳолии кӯҳистон - Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Рашт, Айнию дигар ноҳияҳои водии Зарафшон ва ғайра буд, ки дар ин замина, дар мадди аввал сохта ба истифода додани неругоҳҳои хурду бузург дар кишвар меистад.

Тавре маълум гашт, дар соли 2008 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 94 неругоҳи хурди барқии обӣ фаъолият мекард. Ин нишондиҳанда дар аввали соли 2011 ба 241 адад расидааст. Яъне, аз соли 2008 то соли 2011 147 неругоҳи барқӣ сохта, ба истифода дода шудааст, ки шаҳодати татбиқи барномаҳои давлатӣ дар ин самт мебошад.

Сохтмони НБО-и “Роғун” на танҳо аҳаммияти маҳаллӣ, балки аҳаммияти минтақавӣ дорад. Банақшагирӣ ва тарҳи сохтмони он аз ҷониби олимони маъруфи Осиёи Марказӣ ва Академияи илмҳои ИҶШС, инчунин, қарори қабулкардаи Шурои Вазирони ИҶШС, Вазорати энергетика ва электриконии ИҶШС муайян карда шуда буд. Дар таҳияи нақшаи ин сохтмон тамоми роҳбарону олимони ҳамонвақтаи Осиёи Миёна ширкат варзида, пурра фоиданокӣ ва бехатарии онро тасдиқ карда буданд.

Ҳукумати Тоҷикистон дар самти рушди манбаъҳои гидроэнергетикӣ чораҳои муассир андешида, барои таъмини аҳолӣ бо қувваи барқ ва содироти он ба кишварҳои хориҷа барномаҳо тарҳрезӣ намудааст. Яке аз муҳимтарин иншооти стратегӣ дар соҳаи

гидроэнергетика барои ояндаи Тоҷикистон сохтмони Неругоҳи барқи обии “Роғун” ба шумор меравад, ки бузургтарин иншооти гидроэнергетикӣ дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Корҳои сохтмонӣ ҳанӯз соли 1976 оғоз ёфта буданд. Иқтидори лоиҳавии НБО “Роғун” 3600 МВт-ро ташкил дода, аз 6 агрегати пояки қудраташон 600 МВт иборат мебошад. Тавлиди солонаи барқ бояд ба 13,1 миллиард кВт/соат расад. НБО “Роғун” ҳамчун як ҷузъи муҳимми силсилаи неругоҳҳои дарёи Вахш барномарезӣ шудааст. Мувофиқи лоиҳа, баъди анҷоми сохтмон сарбанди Роғун бо баландии 335 метр баландтарин дар ҷаҳон хоҳад шуд [171, с. 18-24].

Ғайр аз таъмини неруи барқ, обанбори 330-метраи Неругоҳи барқи обии “Роғун” ҳамчунин шароит фароҳам меорад, ки садҳо ҳазор гектар заминҳои навташкили Тоҷикистон ва Узбекистон бо об таъмин карда шаванд. Зиддиятҳои шадиди Узбекистон нисбати НБО-и “Роғун”, пеш аз ҳама, ба он равона шудааст, ки баробари пурра сохта ба истифода додани ин неругоҳҳо Тоҷикистон на танҳо аз буҳрони шадиди энергетики раҳоӣ меёбад, балки қувваи зиёдатии барқе, ки ин неругоҳҳо истеҳсол мекунанд, тавассути хатҳои баландшиддати 500-800 ва 1000 КВ барқӣ (нақшаи он байни давлату Ҳукумати Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон, Покистон, Ҳиндустон ва Хитой мувофиқа карда шудааст) фурӯхта мешавад. Тоҷикистон аз фурӯши қувваи барқи зиёдатӣ дорои маблағҳои зиёде мегардад, ки ин маблағҳо дар оянда Тоҷикистонро ба яке аз мамлакатҳои соҳибихтиёри аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ пешрафта табдил медиҳад [119, с. 146].

Таърих собит месозад, ки мардуми тоҷик, бо вуҷуди баъзе ҳолатҳо, ҳеҷ вақт сархам ва дастнигари қавмҳо ё давлатҳои дигар набуданд. Ҳукумат ва Президенти Тоҷикистон ба хулосае омад, ки илоҷи раҳоӣ аз буҳрони энергетикию иқтисодӣ ва сиёсии Тоҷикистон сохта, ба истифода додани НБО-и “Роғун” мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вохӯрии декабри соли 2009 бо коллективи бинокорону кормандони инженер-техникии НБО-и

"Роғун" изҳор карда буд, ки мо дигар ба умеди ҳеҷ кас намешавем, НБО-и "Роғун"-ро мушкил ҳам бошад, бо қувваи худ месозем.

Мавриди зикр аст, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба тамоми хурду калон ва пиру ҷавони Тоҷикистон дар бораи дастгирӣ ба ҳиссагузорӣ ба сохтмони НБО-и "Роғун" 5 январи соли 2010 муроҷиат кард. Муроҷиати Сарвари давлат дар байни тамоми аҳолии Тоҷикистон ҳамовозӣ пайдо кард. Саҳмияҳои НБО-и "Роғун" дар муддати кӯтоҳ ба маблағи 187,41 миллион доллари амрикоӣ харидорӣ карда шуданд. Инчунин, аз буҷети давлат барои ин сохтмон дар солҳои 2011-2013 ба миқдори 1,21 миллиард доллари амрикоӣ ҷудо гардид [178].

Иқтидори умумии неругоҳҳои барқи обӣ ҳоло 4070 ҳазор кВт/соатро ташкил медиҳад. Дар соли 2009 он 15,8 млрд кВт/соатро ташкил дод. Бузургтарин неругоҳи кишвар НБО-и "Норак" дар як сол 11,2 млрд КВт/соат неруи барқ истеҳсол менамояд. Дар поёни масири НБО-и "Норак" НБО-и «Бойғозӣ», ки аз 4 агрегати 150 МВт бо тавлиди солонаи қувваи барқ 2,5 миллиард кВт иборат аст, мавриди истифода қарор дорад [123, с. 167].

Дар дарёи Вахш неругоҳи Вахш бо иқтидори 285 МВт, неругоҳи Варзоб бо иқтидори умумии 25 МВт дар дарёи Варзоб, НБО «Қайроққум» бо иқтидори 126 МВт дар дарёи Сир ва НБО-ҳои Хоруғ ва Помир бо иқтидори 28 МБ сохта, ба истифода дода шудаанд ва имрӯз бомуваффақият фаъолият доранд.

Иқтидори лоиҳавии НБО-и "Роғун" 3600 МВт аст, ки ба ҳисоби миёна солонаи он 13,8 млрд кВт/соат аст. Дар бинои НБО шаш гидроагрегат бо иқтидори 600 МВт бо турбинаҳои радиалӣ-меҳварӣ насб карда мешаванд. Сарбанди НБО бояд обанбори бузурги Роғунро бо ҳаҷми 13,3 км$^3$ ва ҳаҷми муфидаш 10,3 км$^3$ ташкил диҳад. Оби обанбор ҳам барои ҳадафҳои энергетикӣ ва ҳам обёрӣ дар заминҳои хушк бо масоҳати зиёда аз 300 ҳазор гектар ба нақша гирифта шудааст [132].

Сохтмони НБО дар якчанд марҳила ба нақша гирифта шудааст: марҳилаи аввал пур кардани сарбандро ба баландии 135 м ва насби ду

агрегати гидравликӣ, ки дар сатҳи паст кор мекунанд, дар бар мегирад. Сиёсати миллии рушди гидроэнергетика дар Тоҷикистон ба баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии ҷумҳурӣ бо мақсади рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар нигаронида шудааст, на барои расонидани зарар ба кишварҳои ҳамсоя. Ҳамзамон, бояд ёдовар шуд, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ, масъалаи тақсимоти захираҳои об, ки дар давраи Шуравӣ характери дохилидавлатӣ дошта, ҷанбаи фаромарзӣ пайдо кард ва бахше аз муносибатҳои байнидавлатӣ дар минтақа ба ҳисоб меравад [122, с. 304].

Хатҳои интиқоли барқи 500 кВ, бо маҳдудияти қобилияти техникии худ, наметавонистанд дар мавсими тобистон содироти пурраи неруи барқро аз Тоҷикистон таъмин намоянд. Аз ин рӯ, зарурати ташкили низоми ягонаи энергетикии кишвар ба миён омад. Сабаб дар он буд, ки саноати инкишофёфтаи минтақаи шимолии ҷумҳурӣ бо қисмати ҷанубӣ, ки неругоҳҳои асосии барқӣ дар он ҷойгиранд, иртиботи мустақим надошт. Дар гузашта неруи барқ ба шимоли Тоҷикистон тавассути хатҳои интиқоли барқ аз қаламрави Узбекистон мегузашт.

Бо назардошти ин ҳолат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифт, барои таъмин намудани имконияти мустақилона фурӯхтани неруи барқ ба кишварҳои ҳамсоя чораҳои зарурӣ андешад ва қарорҳои дахлдор қабул намояд.

Бунёди хати интиқоли барқи 500 кВ «Ҷануб – Шимол» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардид ва яке аз масъалаҳои муҳимми таъмини ягонагии энергетикии кишварро ҳал намуд. Ин тарҳ ба интиқоли неруи барқ аз минтақаҳои ҷануби кишвар ба вилояти Суғд, ки камбуди неруи барқ мушоҳида мешавад, инчунин, ба ҷануби Қазоқистон, Қирғизистон ва дар оянда ба Россияву Чин равона шудааст. Бо амалӣ гардидани ин лоиҳа, эътимод ва устувории низоми ягонаи энергетикии кишвар ба таври назаррас афзуд.

Ин тарҳ дар асоси созишномаи ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин ба роҳ монда шуда, хусусиятҳои зеринро доро мебошад: дарозии

хати интиқол 386 километр, арзиши умумии он 282 миллион доллари ИМА, ки 276 миллиони он қарзи Чинро ташкил медиҳад. Муҳлати иҷроиш се солро дар бар гирифта, иқтидори интиқоли солонаи он 8,6 миллиард кВт/соат мебошад. Дар доираи ин лоиҳа ду зеристгоҳи нави 500 кВ дар шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанд сохта шуда, зеристгоҳи «Регар» низ таҷдид гардид. Илова бар ин, лоиҳаи дигаре, ки ба густариши инфрасохтори энергетикӣ мусоидат намуд, сохтмони хати интиқоли барқи 220 кВ «Лолазор – Хатлон» ба шумор меравад [122, с. 304]. Баробари татбиқи ин лоиҳаҳо Тоҷикистон системаи энергетикии худро мустақил намуд.

Соли 2007 дар Тоҷикистон сохтмони хати интиқоли барқи 220 кВ аз неругоҳи «Сангтӯда» то шаҳри Пули Хумрии Афғонистон оғоз гардид. Иқтидори интиқоли солонаи ин хати барқ тақрибан 4 миллиард кВт/соатро ташкил медиҳад, ки имкон медиҳад дар фасли гармо (махсусан солҳои 2008–2010) то 300 МВт неруи барқ ба Афғонистон содир карда шавад. Ин лоиҳа бомуваффақият анҷом ёфта, хати мазкур имрӯз мавриди истифода қарор дорад. Бо татбиқи ин ва дигар тарҳҳои монанд, имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иштирок дар савдои минтақавии неруи барқ ва густариши содироти он мутаносиб бо афзоиши иқтидори истеҳсолӣ васеъ гардиданд.

У.И. Муртазаев дар ин самт чунин иброз намудааст: «Тоҷикистон дар баробари Афғонистон, Покистон ва Қирғизистон дар бозори минтақавии қувваи барқ дар Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ширкат мекунад. Ёддошти байниҳукуматӣ ба имзо расид, ки тибқи он Покистон аз Тоҷикистону Қирғизистон дар як сол 1000 МВт неруи барқро харидорӣ менамояд. Бо мурури замон, ин ҳаҷм метавонад то 4000 МВт афзояд» [122, с. 304].

Барномаҳои таҳиягардида барои рушди бахшҳои комплекси сӯзишвориву энергетикии кишвар дар солҳои 2007–2015 идомаи иҷрои лоиҳаҳоро дар назар дошт, ки ҳадафи он таҷдид ва навсозии иншооти

муҳимми инфрасохтори энергетикӣ, аз ҷумла неругоҳҳо, хатҳои интиқоли барқ ва зеристгоҳҳои трансформаторӣ буд.

Лоиҳаҳои таҷдиди неругоҳҳои барқи обӣ ва афзоиши иқтидори онҳо то ҳудуди 10% амалӣ карда шуданд, ки тибқи онҳо истеҳсоли неруи барқ дар ин неругоҳҳо метавонад то 350–400 МВт зиёд гардад. Ин иқдом асосан ба неругоҳҳое татбиқ мешавад, ки дар замони Шуравӣ дар соҳили рӯди Вахш, неругоҳи Қайроққум ва неругоҳҳои Варзоб бунёд ёфта буданд. Корҳо асосан ба таъмиру навсозии қисмҳои муҳимми техникӣ, аз ҷумла турбинаҳо, агрегатҳо ва дигар таҷҳизоти асосиву эҳтиётӣ равона гардида буданд.

Бо мақсади татбиқи самараноки барномаҳои сарфаи энергия, дар марҳилаи аввал барқарорсозӣ ва навсозии унсурҳои асосии низоми энергетикӣ амалӣ гардид. Дар навбати аввал, таъмир ва модернизатсияи шабакаҳои тақсимоти барқ ва зеристгоҳҳои трансформаторӣ ба роҳ монда шуд. Ин тадбирҳо ба таъмини устувор ва босифати барқ, самаранокии интиқол ва истеъмоли оқилонаи неруи барқ мусоидат намуда, дар маҷмуъ, ба рушди инфрасохтори энергетикии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Ба ин тартиб, лоиҳаи «Барқарорсозии соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҳадафи асосии он эҳё ва такмили захираҳои техникиву инфрасохтории бахши энергетикӣ дар ҷануби кишвар буд, бомуваффақият ба анҷом расид. Ин иқдом бо дарназардошти мавҷудияти неруманди бузурги энергетикӣ дар ҷануби ҷумҳурӣ амалӣ гардида, арзиши умумии он 62,8 миллион долларро ташкил дод. Иҷрои ин лоиҳа нақши муҳим дар тақвияти рушди соҳаи энергетикаи миллӣ бозид.

Дар кишвар Барномаи «Коҳиш додани истеъмоли технологии неруи барқ дар неругоҳҳо ва шабакаҳо» амалӣ гардид. Бар пояи ин барнома, сохторҳо ва корхонаҳои марбут ба шабакаҳои энергетикӣ вазифадор шуданд, ки дар давраи солҳои 2007–2009 бо мақсади кам намудани истеъмоли неруи барқ ҳангоми интиқол дар шабакаҳои 0,4 то

500 кВ ва инчунин коҳиши хароҷоти дохилии неругоҳҳо тадбирҳои зарурӣ андешанд [151, с. 37].

Бо мақсади коҳиши талафоти барзиёди барқ то ба истифодабарандагон расидани он дар шаҳри Душанбе ҶСК «Барқи Тоҷик» лоиҳаи кам кардани талафоти барқро бо ворид намудани технологияи нави соҳаи энергетика ва таъмиру таҷдиди онҳо ба роҳ монд. Лоиҳа барои тамоми истифодабарандагони шабакаҳои барқии шаҳри Душанбе насби 160 ҳазор ҳисобкунаки барқии муосир, таҷҳизоти телекоммуникатсионӣ ва воситаҳои калибрченкунӣ пешбинӣ менамояд. Ҳамзамон, татбиқи он ба таҳия ва роҳандозии низоми автоматишудаи ҷамъоварӣ ва интиқоли маълумот аз ҳисобкунакҳои барқии навин такя мекунад. Айни замон, амалисозии ин лоиҳа бо натиҷаҳои назаррас идома дорад.

Бо ҳадафи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаи энергия» дар маркази таълимии ҶСК «Барқи Тоҷик» курси махсуси тайёр намудани мутахассисон дар чорчӯби барномаи «Сарфаи энергия» ба роҳ монда шуд. Бешубҳа, ин тадбирҳо ба беҳсозии фаъолияти маҷмуи энергетикии кишвар мусоидат мекунанд.

Дар шароити имрӯзаи кишвар бахши энергетика марҳилаи ислоҳотро паси сар мекунад, ки он ба ҷалби сармоягузорӣ, аз ҷумла аз ҷониби бахши хусусӣ, ба афзоиши истеҳсоли барқ ва рушди соҳаи энергетикаи миллӣ равона карда шудааст. Дар ин замина, сатҳ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи барқ тадриҷан рӯ ба беҳбудӣ оварда, мунтазам такмил меёбад.

Зикр кардан зарур аст, ки яке аз ҳадафҳои асосии рушди устувори кишвар таъмини истиқлолияти энергетикӣ мебошад. Бо ин мақсад, Ҳукумат сохтмони неругоҳҳои хурду бузургро роҳандозӣ намуд. Бо вуҷуди мушкилоти мавҷуда, то ҳадде ин ҳадаф амалӣ гардида, кишвар аз вобастагии энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ раҳо ёфт ва интиқоли неруи барқ аз ҷануб ба шимол ба роҳ монда шуд.

Тамоми неругоҳҳои амалкунанда таҷдид гардида, миқдори зиёди неругоҳҳои хурду миёна сохта, ба истифода дода шудаанд. Аммо Тоҷикистон ин ҳадафи стратегиро ҳанӯз то ба охир ба даст наовардааст. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки то ба мавриди истифода қарор гирифтани тамоми агрегатҳои НБО-и "Роғун" камбудӣ ва норасоии неруи барқ дар иқтисодиёт ва талаботи оммаи мардум эҳсос карда мешавад.

Ин маънои онро надорад, ки пешравиҳо дар ин самт ҷой надоранд. Пешравиҳо дар самти истеҳсол ва истифодаи неруи барқ дар кишвар мушоҳида карда мешавад. Тибқи мушоҳидаҳо, дар солҳои охир истеҳсол ва истифодаи неруи барқ дар кишвар беҳбуд ёфта, бо мақсади ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ чораҳои зарурӣ андешида ва амалӣ карда шудаанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки тамоми заминаҳои ба даст овардани ҳадафи якуми стратегии кишвар – истиқлолияти энергетикӣ омода гардидаанд.

Дар сурати ба итмом расидани сохтмони НБО-и "Роғун" ва ба иқтидори пурра фаъолият намудани он, иҷрои пурраи таҷдиди неругоҳҳои кишвар, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои наздик ба кишвари бузурги содиркунандаи неруи барқ дар минтақа табдил меёбад.

Яке аз ҳадафҳои муҳимми стратегии кишвар ин аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо намудани Тоҷикистон ба шумор мерафт. Зеро ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар кишвар алоқа ва рафту омад ба вилоятҳои Суғду Бадахшон дар фаслҳои тирамоҳу зимистон ғайриимкон буд. Аз ин лиҳоз, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишварро давлату Ҳукумати кишвар ҳадафи дуюми худ қарор додаанд.

Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ яке аз чор ҳадафи стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, ҳамчун вазифаи умумимиллӣ ва шарти муҳимми рушди устувори кишвар арзёбӣ мешавад. Ин ҳадаф татбиқи маҷмуи васеи лоиҳаҳо дар самти сохтмон ва навсозии роҳҳои автомобилгард, хатҳои роҳи оҳан, пулҳо, нақбҳо, истгоҳҳо ва дигар унсурҳои инфрасохтори нақлиётиро дар бар мегирад,

ки бояд мутобиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ амалӣ гарданд. Реализатсияи чунин барномаҳо имкон фароҳам меорад, ки ҷумҳурӣ тадриҷан аз ҳолати бунбасти коммуникатсионӣ берун шуда, мақоми кишвари транзитиро ба даст оварад ва робитаҳои устувори он бо бандарҳои баҳрӣ ва шабакаҳои транзитии минтақавӣ таъмин карда шаванд [16, с. 255].

Бо дарназардошти он ки 93%-и қаламрави Тоҷикистонро кӯҳҳо фаро гирифтаанд, нақлиёт ва коммуникатсия барои рушди ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии кишвар нақши ниҳоят муҳим мебозанд. Зеро ки Тоҷикистон дар сурати ҳаллу фасли проблемаҳои роҳу нақлиётӣ ҳамчун кишвари транзик ва ё, ба таври дигар гуем, барои дигар кишварҳо ҳамчун долони нақлиётиву иқтисодӣ баромад менамояд. Аз ин лиҳоз, ҳаллу фасли масоили роҳу нақлиёт барои Тоҷикистон аҳаммияти муҳимми стратегӣ дорад.

Нақлиёт ҳамчун унсури асосии инфрасохтори иқтисодӣ дорои аҳаммияти калидӣ мебошад. Он на танҳо воситаи пайвасткунандаи низомҳои истеҳсолӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ аст, балки шароити мубодилаи молу хизматрасониҳоро фароҳам оварда, таъминоти устувори иқтисодро бо захираҳои моддӣ таъмин месозад. Илова бар ин, нақлиёт дар низоми иқтисоди ҷаҳонӣ нақши муҳим бозида, ба такмили тақсимоти минтақавии меҳнат мусоидат менамояд.

Шабакаи роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан, ки Тоҷикистонро бо ҷумҳуриҳои ҳамсоя мепайвастанд, ҳанӯз дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ ташаккул ёфта, ҷузъи инфрасохтори ягонаи иттиҳодӣ ба шумор мерафтанд. Бо вуҷуди ин, имкониятҳои онҳо ниёзҳои воқеии кишварро пурра қонеъ намесохтанд. Пойтахти ҷумҳурӣ бо шимол ва ВМКБ пайванди мустақими нақлиётӣ надошт ва робита бо ин минтақаҳо асосан аз тариқи қаламрави ҷумҳуриҳои ҳамсоя амалӣ мешуд. Дар шароити иттиҳодии ягона ин ҳолат мушкилоти ҷиддӣ ба бор намеовард, аммо пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ вазъият дигаргун шуд: транзити

нақлиётӣ тавассути кишварҳои ҳамсоя бо монеаҳои ҷиддии гумрукӣ ва маъмурӣ рӯ ба рӯ гардид.

Натиҷаи ин раванд дар он ифода ёфт, ки минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон аз ҳамдигар ҷудо монданд, ки ин ҳолат ба таҳкими ваҳдати миллӣ ва таъмини истиқлоли воқеии давлатӣ монеа эҷод кард. Илова бар ин, қатъ гардидани робитаҳои иқтисодӣ дар доираи Иттиҳоди Шуравӣ ба иқтисоди миллии кишвар зарбаи сахт ворид намуд. Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии соҳибистиқлолӣ худро дар ҳолати бунбасти ҷуғрофию иқтисодӣ қарор дод: набудани дастрасӣ ба роҳҳои байналмилалӣ, масофаҳои тулонӣ ва арзиши баланди хизматрасониҳои нақлиётӣ имконияти ташаккули робитаҳои иқтисодиро бо кишварҳои хориҷӣ маҳдуд месохт. Дар баробари ин, камбуди робитаҳои дохилӣ ва набудани ҳаракати мунтазами аҳолӣ миёни минтақаҳо ба афзоиши маҳалгароӣ ва минтақагароӣ мусоидат намуда, дар оғози солҳои 1990 ба суботи сиёсӣ ва амнияти дохилӣ таъсири манфӣ расонданд.

Дар натиҷаи чунин омилҳо то соли 1996 нишондиҳандаҳои калидии иқтисодӣ нисбат ба соли 1991 ба таври ҷиддӣ коҳиш ёфтанд. Ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ҳамагӣ ба 32,5% сатҳи соли 1991 баробар шуд; истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ то 34,2% ва маҳсулоти кишоварзӣ то 49,2% коҳиш ёфт. Илова бар ин, ҳаҷми умумии интиқоли бор тавассути ҳамаи намудҳои нақлиёт 3,7 маротиба ва интиқоли мусофирон 4,3 маротиба кам гардид. Чунин нишондодҳо вазъи мураккаби иқтисодию нақлиётии ҷумҳуриро дар солҳои аввали истиқлол ба таври равшан нишон медиҳанд [151, с. 37].

Сарфи назар аз бухрони амиқи иқтисодӣ, вазъи мураккаби иҷтимоӣ ва бесуботии сиёсӣ, роҳбарияти навтаъини Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон кӯшишҳои пай дар пайеро барои берун овардани кишвар аз бухрон ба роҳ монд. Ҳамзамон, бо ҳалли масъалаҳои дохилии ҳаётан муҳим, қадамҳои аввалин дар самти раҳоӣ аз бунбасти нақлиётӣ низ гузошта шуданд. Дар ин замина,

тадбирҳо оид ба сохтмон ва бозсозии роҳҳои автомобилгард ва хатҳои роҳи оҳан мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ амалӣ гардиданд.

Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофӣ, иқлимӣ ва геополитикии Тоҷикистон, ки аз дастрасӣ ба бандарҳои баҳрӣ ва дарёӣ маҳрум аст, нақши асосиро дар рушди инфрасохтор шабакаи роҳҳои автомобилгард мебозад. Зеро роҳҳои оҳан ва нақлиёти ҳавоӣ дар кишвар рушду густариши маҳдуд дошта, нақлиёти автомобилӣ аҳаммияти ҳаётан муҳим пайдо кардааст. Дар ин замина, роҳҳо на танҳо ҳамчун воситаи робитаҳои дохилӣ, балки ҳамчун унсури калидии рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ баррасӣ мешаванд.

Дар оғози солҳои 1990 дарозии умумии роҳҳои истифодашавандаи кишвар 13,4 ҳазор километрро ташкил медод. Нақлиёти автомобилӣ ҳам дар давраи шуравӣ ва ҳам баъд аз истиқлол шакли асосии мусофиркашонӣ ва боркашонӣ боқӣ монд. Соли 2002 тақрибан 90%-и ҳаҷми умумии мусофиркашонӣ аз ҳисоби нақлиёти автомобилӣ сурат гирифт, ки зиёда аз 130,3 миллион мусофирро дар бар мегирифт. Илова бар ин, бо ҳамин восита 146,2 ҳазор тонна бор ва маҳсулот ҳам интиқол дода шуд [151, с. 37].

Аммо дар солҳои аввали истиқлол рушду густариши шабакаи роҳҳо нобаробар буд. Дар минтақаҳои нисбатан сернуфус ва рушдёфта – мисли вилояти Суғд (ғайр аз водии Зарафшон), водии Ҳисор ва қисми зиёди вилояти Хатлон – роҳҳо сангфарш ва дар ҳолати нисбатан қаноатбахш қарор доштанд. Баръакс, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва навоҳии тобеи ҷумҳурӣ бо сабаби шароити кӯҳӣ роҳҳо дар вазъи бисёр душвор буданд. Ғайр аз ин, дар ибтидои солҳои 90-ум сохтмони роҳҳои нав ва навсозии роҳҳои мавҷуда амалан қатъ гардид, зеро техникаи роҳсозӣ фарсуда ва аз кор баромада буд.

Бо вуҷуди ин мушкилот, кишвар тадриҷан ба барқарорсозӣ ва рушди инфрасохтори иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи нақлиёт, рӯ овард. Ба ин раванд зарурати навсозии инфрасохтори коммуналӣ ва махсусан роҳҳои автомобилгард ва оҳан низ такон бахшид. Танҳо баъди барқарории

сулҳу субот, аз соли 1997, Ҳукумат тавонист маблағгузории барномаҳои сохтмони роҳро дар саросари кишвар таъмин намояд. Дар ҳамон сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид карда буд: «Мо бояд суръати сохтмони иншооти барои кишвар муҳимро, аз қабили роҳи оҳани Қӯрғонтеппа–Кӯлоб, Кӯлоб–Қалъай-Хумб, туннели Анзобро афзун намоем. Ҳадаф он аст, ки то ибтидои асри XXI шабакаи роҳҳои автомобилгард ҳамаи минтақаҳои ҷумҳуриро ба ҳам пайванд намояд. Зеро роҳ ҳамчун воситаи муоширати мардум дар кишвари кӯҳсори мо на танҳо аҳаммияти иқтисодӣ, балки сиёсӣ низ дорад» [214].

Пеш аз оғози хусусигардонӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ, дар Тоҷикистон беш аз 3 ҳазор парки нақлиётии (АТП) бузург, миёна ва хурд фаъолият мекард. Соли 1991-1992 барномаи хусусигардонӣ ва берун овардани моликият аз зери назорати давлатӣ таҳия ва амалӣ гардид. Дар ҳамин давра қисме аз воситаҳои нақлиётӣ, ки муҳлати истифодаашон ба охир расида буд, аз ҳисоби корхонаҳои нақлиётӣ ба ронандагон ҳамчун моликияти шахсӣ фурӯхта шуданд.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бахши нақлиёти Тоҷикистон ба талафоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид: қисми зиёди воситаҳои нақлиётӣ ғорат шуда, сӯзонда ё ба яғмо бурда шуданд. Бо вуҷуди ин, то оғози асри XXI раванди хусусигардонӣ дар соҳаи нақлиёти автомобилӣ қариб ки ба анҷом расид.

Боиси зикри хос аст, ки ҳолати иқтисодии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба сифат ва ҳолати роҳҳои мошингард алоқамандии зиёд дорад, чунки алоқаи иқтисодӣ миёни вилоятҳо ва шаҳру навоҳии мамлакат маҳз ба воситаи ҳамин роҳҳо амалӣ мегардиданд. Қайд кардан зарур аст, ки аксари коршиносон дар аввали асри XX бар он ақида буданд, ки Тоҷикистон умуман аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада наметавонад. Тибқи маълумоти соли 2006, дар ихтиёри Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон он замон 13 747 километр роҳҳои автомобилгард қарор дошт. Аз ин шумора, 4 782 км ба роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявӣ ва 8 965 км ба роҳҳои аҳаммияти маҳаллӣ

тааллуқ доштанд. Баҳои умумии вазъи ин роҳҳо чунин дода шудааст: 20% дар ҳолати миёна, 48% дар вазъи бад ва 32% дар ҳолати ғайриқаноатбахш қарор доштанд. Аз ҷумлаи роҳҳои дар ҳолати вазнинбуда 323 км доимо зери хатари лағзиши санг, 168,2 км зери таҳдиди тармафарой, 106,6 км дар фасли зимистон яхбанд мешаванд ва 66,9 км ба хатари селу борон дучор ҳастанд. Илова бар ин, дар кишвар 2 167 купрук мавҷуд аст, ки дарозии умумии онҳо 36 979 метрро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 15% дар ҳолати ғайриқаноатбахш ва 35% дигар ба таъмир ниёз доранд.

Қобили зикр аст, ки сохтмон ва таъмири роҳҳои автомобилгард, пулҳо ва дигар иншооти нақлиётӣ хароҷоти зиёдро талаб мекунанд. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ва даҳаи аввали солҳои 2000-ум имкониятҳои молиявии Ҷумҳурӣ барои иҷрои чунин корҳои бузург маҳдуд буданд. Аз ин рӯ, зарур буд, ки барои пешбурди соҳаи роҳу нақлиёт сармояи хориҷӣ ҷалб карда шавад. Дар натиҷа, ҳаҷми умумии маблағҳое, ки барои сохтмон ва таъмири роҳҳо, пулҳо ва дигар иншоотҳо дар кишвар масраф гардидаанд, аз 336,03 ҳазор сомонӣ дар соли 1994 то ба 2 547 398 ҳазор сомонӣ дар соли 2004 афзоиш ёфтааст.

Дар ибтидои соли 2010, бо истифода аз маблағҳои буҷетӣ ва сармоягузории хориҷӣ, дар ҳудуди Ҷумҳурӣ ба таври умумӣ 1200 километр роҳҳои автомобилгард, 14 километр нақб, 93 пули мошингузар ва 5 километр иншооти зиддитармавӣ сохта ё азнавсозӣ гардиданд. Ин пешрафтҳо дар бахши инфрасохтори нақлиётӣ дар раҳоӣ ёфтани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ нақши калидӣ бозиданд. Дар ин самт, сохтмони шоҳроҳи байналмилалии Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ – Кулма – Қароқурум аҳаммияти ҷуғрофии бузурги минтақавӣ ва байналмилалӣ дорад. Гарчанде дар ибтидо бештари коршиносон ба имкони иҷрои чунин тарҳи бузург дар Тоҷикитсон бовар надоштанд, бо вуҷуди мушкилоти зиёди молиявӣ ва техникӣ, кишвар тавонист ба ин ҳадафи муҳимми стратегии худ ноил гардад. Аз ҷумла, ба истифода додани нақбҳои «Истиқлол» (Анзоб), «Шар-шар», «Чормағзак», «Шаҳристон»,

инчунин сохтмони роҳҳо то сарҳади Афғонистон, Қирғизистон ва Узбекистон далели равшани ин комёбиҳо мебошанд. Амалишавии ин лоиҳаҳо танҳо бо маблағгузории дохилӣ имконнопазир буд, аммо ба шарофати талошҳои пайваста ва ҳамкориҳои байналмилалӣ, кишвар ба яке аз муҳимтарин ҳадафҳои худ расид. Дар кишвар бо фароҳам омадани сулҳу ризоияти миллӣ роҳҳои автомобилгард ба самти вилоятҳои Суғд, Бадахшон ва ноҳияҳои тобеи марказ дар тамоми фаслҳои сол фаъол гардиданд, ки ба таъмин шудани иртибототи дохилии ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Дар ҳамин давра, сатҳи камбизоатӣ, ки дар солҳои 1990 то 86 фоизро ташкил медод, то соли 2016 то 30 фоиз коҳиш ёфт. Пас аз истиқрори сулҳ, равандҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ суръат гирифта, нуфуз ва эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан афзоиш ёфт. Пойтахти кишвар – шаҳри Душанбе, ба яке аз марказҳои баргузории ҳамоишҳои сатҳи ҷаҳонӣ, конфронсҳои байналмилалӣ ва муносибатҳои дипломатӣ табдил ёфт.

Маҳз дар ҳамин замина, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати амн ва дорои имкониятҳои рушди устувор дар арсаи ҷаҳонӣ шинохта шуд. Саҳми роҳбарияти олӣ, хусусан нақши Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, дар боло бурдани обрӯ ва нуфузи ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ назаррас арзёбӣ мегардад. Бо мурури замон эътимоди кишварҳои хориҷӣ ба Тоҷикистон тақвият ёфта, ин раванд ба рушди муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дипломатӣ мусоидат намуд. Дар шароити кунунӣ таваҷҷуҳи сармоягузорон, созмонҳои байналмилалӣ ва бахусус бахши сайёҳӣ ба кишвар рӯ ба афзоиш дорад [263].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти нақлиёту коммуникатсия бо як қатор кишварҳои манфиатдор ҳамкориҳои созандаро роҳандозӣ кардааст. Бо Қарори Маҷлиси Олӣ аз 11 марти соли 1996, Тоҷикистон ба Конвенсияи байналмилалии гумрукӣ оид ба ҳамлу нақли мол тибқи карнетҳои ТИР (Конвенсияи TIR, аз 14 ноябри соли 1975) ҳамроҳ гардид. Илова бар ин, бо мақсади рушди роҳсозӣ «Барномаи давлатии рушди шабакаи роҳҳои автомобилгарди

кишвар то соли 2000» таҳия шуд. Дар асоси Қарори Ҳукумат «Дар бораи чораҳои боз ҳам тезонидани рушд ва такмили истифодаи роҳҳо» лоиҳаҳо ва нақшаҳои сохтмонӣ ва таҷдиди инфрасохтори нақлиёт омода ва ба иҷро даровардa шуданд [260].

Аз ҷумла, сохтмони шоҳроҳи байналмилалии Кӯлоб – Қалъаи Хумб – Хоруғ – Кулма – Қароқурум барои бартараф кардани мушкилоти нақлиётии ҷумҳурӣ аҳаммияти калидӣ дошт. Ҳанӯз дар давраи шуравӣ лоиҳаи шоҳроҳи Кӯлоб – Қалъаи Хумб таҳия шуда буд, вале амалӣ гардидани он танҳо то 18 километр маҳдуд монд. Сабабҳои асосии таъхир – шароити душвори кӯҳистон, иқлими номусоид, набудани технологияҳои муосири роҳсозӣ ва хароҷоти бузурги молиявӣ буданд, ки монеаҳои ҷиддии техникӣ ва иқтисодӣ эҷод мекарданд [260]. Дар натиҷа, Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ ба хулоса омад, ки бо назардошти маҳдудияти захираҳои молиявӣ ва душвориҳои техникӣ анҷоми пурраи сохтмон дар он давра имконнопазир аст.

Бо вуҷуди ин, раванди мусолиҳаи миллӣ дар миёнаи солҳои 1990 шароите фароҳам овард, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ ба татбиқи «Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ барои солҳои 1995–2000» таваҷҷуҳ намояд. Зарурати сохтмони роҳҳои нав, бахусус онҳое, ки Тоҷикистонро бо кишварҳои ҳамсоя ва роҳҳои байналмилалии автомобилгард мепайванданд, бештар эҳсос гардид. Аз ҷумла, роҳи ағбаи Мурғоб – Қулма, ки Тоҷикистонро ба шоҳроҳи Қароқурум мепайвандад, аҳаммияти вижа пайдо кард [214]. Ин роҳ берун аз доираи миллӣ низ аҳаммияти стратегӣ дошта, на танҳо рушди иқтисоди Тоҷикистон, балки густариши ҳамкориҳои минтақавӣ ва таҳкими муносибатҳои мутақобилан судмандро таъмин намуд.

Лоиҳаи роҳи мошингарди Мурғоб – Қулма соли 1998 оғоз гардид. Моҳи апрели ҳамон сол Вазорати нақлиёт ва роҳҳои автомобилгард барои таҳияи асосҳои техникӣ-иқтисодӣ ва тарҳи муфассали қитъаи Мурғоб – Қулма аввалин тендерро баргузор намуд. Дар натиҷа, бо дастгирии Бонки Исломии Рушд консорсиум таъсис ёфт, ки ба он ширкати «Скотт Вилсон Киркпатрик Ко. ЛТД» (Бритониё), ширкати

консалтингии «СЕЯШ» (Туркия) ва Донишкадаи давлатии «Тоҷикгипротрансстрой» шомил буданд [260]. Ҳамон сол ширкати туркии SEYASH бо гранти Бонки Исломии Рушд корҳои лоиҳакашӣ ва тадқиқотиро оғоз кард.

Корҳои муҳандисӣ ва роҳсозӣ ҳамзамон анҷом ёфта, арзиши шартнома 12,3 млн доллари ИМА-ро ташкил дод. То 9 сентябри соли 1998, дар 7-умин солгарди истиқлол, гузаргоҳи расмии автомобилӣ дар сарҳади Тоҷикистону Чин мавриди истифода қарор гирифт. Ин рӯйдод оғози марҳилаи нави сохтмон ва таҷдиди қитъаи тоҷикистонии Роҳи Бузурги Абрешим гардид. Сохтмони роҳи Мурғоб – Қулма то охири соли 2002 ба анҷом расида, тобистони соли 2004 расман ифтитоҳ шуд.

Дар ҳамин давра сохтмони роҳи 37-километраи Шкев – Зиғар низ оғоз ёфт, ки аҳаммияти калидӣ барои пайвастани вилояти Хатлон бо ВМКБ дошт. Ҳаракати озмоишӣ дар он 30 январи соли 1999 ба роҳ монда шуд. Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки Тоҷикистон барои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ қадамҳои устувор бардоштааст [260]. Бо вуҷуди ин, роҳи мазкур ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ набуда, ҳаракат дар он хатарнок арзёбӣ мешуд. Аз ин рӯ, соли 2002 барои таҷдиди он тендер эълон шуд. Дар декабри ҳамон сол миёни Вазорати нақлиёт ва ширкати туркии «Ояк Иншаат» шартнома ба имзо расид ва корҳои сохтмонӣ аз моҳи январи соли 2003 оғоз шуданд.

Арзиши ибтидоии лоиҳа 27,3 млн доллар буд, аммо хароҷоти воқеӣ ба 31,7 млн доллар расид. Маблағгузорӣ аз ҷониби Хазинаи Кувайт оид ба рушди иқтисодии араб (16,25 млн), Хазинаи Саудии рушд (6 млн) ва Ҳукумати Тоҷикистон (5,5 млн) анҷом ёфт. Дар сохтмон 768 коргар ширкат доштанд, ки аз онҳо 76% (584 нафар) сокинони маҳаллӣ буданд. Роҳи таҷдидшуда 2 ноябри соли 2005 расман ифтитоҳ гардид.

Бо мақсади рафъи халалдоршавии мавсимӣ ва таъмини робитаи доимӣ миёни минтақаҳои шимолӣ ва ҷанубӣ, дар охири солҳои 1990 сохтмони нақби 5-километрии Анзоб дар зери қаторкӯҳҳои Ҳисор оғоз

шуд. Лоиҳаи нақб ҳанӯз дар солҳои 1980 аз ҷониби мутахассисони «Гидроспецпроект» (Маскав) ва «Тоҷикгипротрансстрой» таҳия шуда, ширкати «Метро-Стал» низ дар қисмати насби системаи вентилятсия ва дудкашӣ саҳм дошт.

Сохтмон соли 1988 оғоз ёфта, то замони пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ танҳо 600 метр нақб сохта шуд. Баъд аз соли 1993 сохтмон муваққатан боздошта шуд. Бо сабаби қатъ гардидани робита миёни пойтахт ва водии Зарафшон зарурати стратегӣ ба анҷом расонидани нақб бештар эҳсос гардид. Сиёсати нави Узбекистон дар мавриди маҳдудияти ҳаракат ва ҷорӣ намудани низоми раводид (аз соли 2001) вазъро боз ҳам мураккабтар намуд.

Дар чунин шароит соли 1999 бо кумаки мутахассисони собиқи «Нурекгидроспецстрой» корҳои сохтмон аз нав оғоз ёфтанд. Аз соли 2003 як ширкати эронӣ ва мутахассисони «Собир Интернешнл» низ ба корҳои сохтмонӣ ҷалб шуданд. Ҳамон сол байни Тоҷикистон ва Эрон Созишнома оид ба маблағгузории сохтмони нақб ба имзо расид. Арзиши умумии лоиҳа 39 млн доллари ИМА-ро ташкил дод: аз ҷумла, 10 млн доллар аз ҳисоби Ҳукумати Эрон, 7,8 млн доллар аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ва 21,2 млн доллар ҳамчун қарзи давлатии Эрон таъмин гардид [112, с. 534].

Ҳамин тавр, сарфи назар аз мушкилоти ҷиддии техникӣ ва молиявӣ, соли 2006 нақби Анзоб, ки баъдан номи «Истиқлол» гирифт, ба истифода дода шуд. Ин иншооти муҳандисӣ иртиботи мустақим миёни минтақаҳои шимолӣ ва ҷанубии кишварро таъмин намуда, ба яке аз қадамҳои муҳим дар самти бартарафсозии бунбасти коммуникатсионӣ табдил ёфт.

Дар асоси баррасии маводи зикршуда метавон ба хулосаҳои зерин расид:

- раҳоӣ аз бунбасти нақлиёту коммуникатсионӣ ва таъмин гардидани иртиботи доимии минтақаҳои кишвар дар таърихи халқи

тоҷик нақши сарнавиштсоз дошта, ба коҳиши маҳалгароӣ ва таҳкими раванди ташаккули миллати тоҷик мусоидат намуд;

- баровардани Ҷумҳурӣ аз бунбасти нақлиётӣ яке аз ҳадафҳои стратегии сиёсати давлатӣ дар даврai соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад;

- танҳо дар солҳои истиқлол зиёда аз 45 лоиҳа дар соҳаи сохтмон ва таҷдиди роҳҳо ва инфрасохтори нақлиётӣ бо маблағи умумии беш аз 12 миллиард сомонӣ амалӣ гардиданд. Дар ин замина, зиёда аз 2 ҳазор километр роҳҳои автомобилгард, 190 километр роҳи оҳан ва 30 километр ағба навсозӣ ё аз нав бунёд карда шуданд;

- дар айни ҳол Тоҷикистон 14 ҳазор километр шабакаҳои роҳ дошта, 8670 километраш ё 62%-ро роҳҳои аҳаммияти маҳаллидошта, 2120 километр ё 15%-ро роҳҳои аҳаммияти ҷумҳуриявидошта ва 3178 км-ро роҳҳои байналмилалӣ ташкил медиҳад. Тибқи гузориши Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ, Тоҷикистон дар феҳристи умумӣ аз рӯйи сифати роҳҳо дар Осиёи Марказӣ аз Қазоқистон ва Қирғизистон пеш гузашта, ҷойи аввалро касб кардааст;

- сохтмони роҳҳои нав ва барқарор намудани роҳҳои мавҷуда ба зиёд шудани кашондани бор ва мусофирон мусоидат кард. Дар соли 2016 15 миллиону 78 ҳазор тонна бор кашонда шуда, гардиши мусофиркашонӣ 228 миллиону 700 ҳазор ташкил дод;

- роҳҳои нав масофа ва вақти сафарро кӯтоҳ намуда, арзиши аслии сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданиро арзон карданд, муҳлати хизмати ҳаракаткунандаро зиёд ва бехатарии ҳаракатро таъмин намуданд;

- давлат барои сохтан ва барқарор намудани роҳҳои автомобилгард ва роҳҳои оҳан маблағҳои калон сарф кард. Аз хориҷа инвентитсияҳои калон ҷалб карда шуданд. Дар баробари дарозии роҳҳо, баромади роҳҳо, зичии роҳҳо Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро ишғол кард.

- аз рӯйи захираҳои обӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалро мегирад, ки ин бойигарӣ «стратегияи рушди энергетикаи ҷумҳуриро муайян кардааст»;

- дар зарфи 28 соли давраи соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Сарвари давлат тавонист ба натиҷаҳои назаррас дар соҳаи энергетика ноил гардад. Дар ин давра як қатор неругоҳҳои калони барқӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Аз ҷумла, НБО-и Сангтӯда–1 бо иқтидори 670 МВт, Сангтӯда–2 бо иқтидори 220 МВт, Маркази гармию барқии Душанбе–2 бо иқтидори 400 МВт, агрегати якум (16 ноябри соли 2018) ва агрегати дуюми (9 сентябри соли 2019) НБО-и "Роғун", инчунин НБО-и Помир–1 бо иқтидори 28 МВт ва зиёда аз 250 неругоҳи хурди барқӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Илова бар ин, як қатор дастгоҳҳои барқи офтобӣ низ мавриди истифода қарор гирифта, дар маҷмуъ, беш аз 1500 МВт иқтидори иловагӣ ба низоми энергетикӣ ворид гардид. Ба истифода додани Маркази гармию барқии Душанбе–2 на танҳо таъмини устувори барқро барои пойтахт таъмин намуд, балки шабакаи гармирасонии шаҳри Душанбе низ эҳё гардид. Ин иқдом, дар навбати худ, ба беҳбуди дастрасӣ ба энергияи барқ ва гармӣ дар марказ ва деҳот мусоидат намуда, пояи рушди минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии кишварро тақвият бахшид;

- муҳимтарин дастоварди кишвар дар роҳсозӣ ба Тоҷикистони воҳид табдил додани ҷумҳурӣ гардид, ки хатарҳои эҳтимолии таҷзия, порашавӣ ва густариши андешаҳои зараровар барои вуҷуди Тоҷикистони мустақилро ба нестӣ бурд. Ин раванд имкон дод, ки ҷумҳурӣ ба ҳалли мушкилоти дигар камар баста, бомуваффақият аҳдофи миллиро пиёда кунад.

## 3.2. Сиёсати иҷтимоии Ҳукумати мамлакат дар таъмини некуаҳволӣ ва бехатарии озуқаворӣ дар кишвар

Масъалаи таъмини некуаҳволӣ ва амнияти озуқаворӣ дар низоми сиёсати иҷтимоии ҳар як давлат мақоми марказӣ дорад, зеро он бо ҳифзи сатҳи зиндагӣ, устувории иҷтимоӣ ва рушди иқтисодӣ зич алоқаманд мебошад. Дар таҷрибаи давлатдорӣ собит шудааст, ки рушди иҷтимоӣ наметавонад берун аз ҳадафи таъмини амнияти ғизоӣ ва дастрасии умумӣ ба шароити арзандаи зиндагӣ сурат гирад. Аз ин ҷост, ки таъмини озуқаворӣ ҳамчун яке аз унсурҳои калидии амнияти миллӣ баррасӣ мегардад ва ба сифати самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ пазируфта мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин масъала дорои аҳаммияти махсус аст, зеро кишвар аз лиҳози ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ хусусиятҳои хоси худро дорад: саҳми баланд доштани кишоварзӣ дар иқтисод, вобастагӣ аз иқлим ва захираҳои обию заминӣ, ҳамчунин, ҳассосияти аҳолӣ ба тағйироти бозор. Маҳз ҳамин омилҳо зарурати таҳияи сиёсати муназзам ва мақсаднокро ба миён меоранд, ки бо он давлат на танҳо ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, балки инчунин устувории системаи иқтисодӣ ва ғизоиро таъмин созад.

Мувофиқи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, давлат дорои хусусияти иҷтимоӣ буда, вазифадор аст барои ҳар як шаҳрванди худ шароити зиндагии арзанда, имконияти кору даромад, дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таъмини ғизои кофӣ фароҳам оварад [54, с. 64]. Ҳамин принсип ба ташаккули муносибати нав миёни давлат ва шаҳрванд асос гузошта, дар он баланд бардоштани сифати зиндагӣ ва таҳкими заминаҳои амнияти озуқаворӣ мақоми аввалиндараҷа пайдо мекунад. Ба ҳамин хотир, ҳалли тадриҷии масъалаҳои иҷтимоӣ ва ғизоӣ ҳамчун яке аз самтҳои асосии сиёсати дохилии ҷумҳурӣ пазируфта шудааст [37, с. 109].

Аз аввали солҳои соҳибистиқлолӣ то имрӯз вазъи иҷтимоии кишвар зери таваҷҷуҳи давлат ва Ҳукумати кишвар қарор дошта, аз

муҳимтарин ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ҳаҷми маблағгузорӣ буҷетӣ ин масъаларо рӯшан менамояд.

Яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи иҷтимоиёт ин кам кардани камбизоатӣ мебошад. Камбизоатӣ барои Тоҷикистон масъалаи нав нест. То замони истиқлол даромад ба ҳар як сокини ҷумҳурии мо дар байни дигар ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ аз ҳама паст ва фоизи аҳолии камбизоат аз ҳама баланд буд.

Натиҷаҳои тадқиқоти сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон, ки соли 1999 гузаронида шуд, нишон медиҳанд, ки аҳолии аз ҳама камбизоат, асосан, дар деҳот зиндагӣ мекунад.

Камбизоатӣ дар Тоҷикистон мафҳумест, ки дорои ҷанбаҳои гуногун мебошад. Вале, пеш аз ҳама, имкониятҳои маҳдуди корёбӣ ва сатҳи пасти музди меҳнат, хусусан, дар соҳаи кишоварзӣ сабабҳои асосии камбизоатӣ шуморида мешавад.

Илова бар ин, ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ, офатҳои табиат, изтиробу таконҳои иқтисодӣ ва иҷитимоие, ки дар раванди гузариши мамлакат аз низоми идоракунӣ ва фармонравоӣ ба иқтисоди бозорӣ вобастаанд, шароитҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро сахт маҳдуд намуданд. Соли 1995, аз рӯйи таҳлили намояндагони СММ, дар ҷумҳурӣ 86%-и аҳолиро камбизоатон ташкил менамуданд [180]. Бояд иброз намуд, ки соли 2002 то 2006 Стратегияи паст кардани камбизоатӣ қабул гардид. Агар фоизи сатҳи камбизоатии мутлақ аз рӯйи таҳқиқоти сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистон дар соли 2003 - 72,4 фоизро ташкил дода бошад, ин нишондод дар соли 2009 ба 46,7 фоиз расидааст. Ҳамчунин, сатҳи камбизоатӣ дар деҳот аз 74 фоиз ба 51 фоиз паст рафтааст ва дар мавзеъҳои шаҳрнишин бошад, пастравии камбизоатӣ аз 69 фоиз ба 37 фоизро ташкил додааст [180].

Соҳаҳои иҷтимоӣ ҳамеша дар мадди аввали сиёсати давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дорад. Аз ин рӯ, «дар даврони истиқлолият аз ҳисоби буҷет ба соҳаҳои иҷтимоӣ 45 миллиард сомонӣ равона карда шуд, ки қариб нисфи буҷети давлатиро ташкил медиҳад» [1]. Ҳамзамон,

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 қайд намудаанд: «Дар чанд соли охир нисфи буҷети давлатӣ мунтазам барои рушди соҳаҳои ҳаётан муҳимми иҷтимоӣ, махсусан маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии шаҳрвандон бо роҳи зиёд намудани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа, стипендия ва дастгирии оилаҳои камбизоат бо дарназардошти муқаррар намудани ҷубронпулӣ ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ равона карда мешавад» [180]. Чи гунае ки Абуфатоҳ Шарифзода дар таҳқиқоти худ нишон додааст: «Агар дар соли 2001-ум барои соҳаҳои иҷтимоӣ зиёда аз 148 миллион сомонӣ ё 39 фоизи буҷет сарф гардида бошад, пас дар соли 2006-ум ин маблағ ба 750 миллион сомонӣ расонида шуд, ки зиёда аз 50 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил медиҳад» [37, с. 109].

Агар дарозумрии аҳолии Тоҷикистонро таҳлил кунем, соли 1971 дарозумрии аҳолӣ 72,7 бошад, пас соли 1998 ба 68,1 мерасад, аммо ин нишондод 2013 ба 73,4 баробар мешавад [56, с. 28]. Яъне, дарозумрии аҳолӣ аз вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат вобастагии калон дорад. Бинобар ин, ҷанги шаҳрвандӣ дарозумрии аҳолии кишварро ба 61,2 расонид, ки Тоҷикистон дар рӯйхати даҳ кишвари камумри ҷаҳон ворид гашт.

Бо ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои муҳим ва афзалиятноки стратегии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Дар ин замина, барои ноил шудан ба ҳадафҳое, ки бо беҳбудии зиндагии мардум алоқаманд буданд, тадбирҳои зиёде андешида шуданд. Пешрафти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар пазируфта шуд.

Бо ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ оғоз гардиданд. Яке аз самтҳои муҳимтарини онҳо соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт. Бар асоси Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти замин» (1992) марҳилаи аввали тақсимоти қисман заминҳо дар минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ ба роҳ монда шуд. Дар идомаи ин раванд, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995 (№342) ва 1 декабри соли 1997 (№874) ба аҳолии деҳот барои истифодаи мустақилона 75 ҳазор гектар замин ҷудо карда шуд. Ин иқдом то андозае ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои кор мусоидат намуд. Ҳамчунин, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об, инчунин, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1996 (№ 522) «Дар бораи таҷдиди корхонаҳо ва ташкилотҳои кишоварзӣ» қабул гардид. Дар асоси он супориши давлатӣ бекор карда шуда, нархи маҳсулоти кишоварзӣ озод гардид, ки ин ба афзоиши мустақилияти истеҳсолкунандагон ва баланд шудани ҳаҷми истеҳсолот мусоидат кард [76, с. 80].

Дар давраи соҳибистиқлолӣ ислоҳоти куллӣ дар соҳаи кишоварзӣ татбиқ гардида, ба ташаккули шаклҳои нави хоҷагидорӣ замина гузошта шуд. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) имконият пайдо карданд, ки кишт, истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти худро мустақилона ба роҳ монанд. Дар бисёр минтақаҳо татбиқи кишти такрорӣ дар заминҳои обёришаванда ва ҳалли масъалаи қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор иқтидори истеҳсолиро ба таври назаррас афзун намуд. Гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ ва хусусигардонии амволи хоҷагиҳои кишоварзӣ ба тағйироти амиқ овард: то соли 2010 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба 54,3 ҳазор расид, ки аз онҳо 890 адад ассотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ, 819 адад хоҷагиҳои коллективӣ ва 357 ададро хоҷагиҳои кооперативӣ ташкил медоданд. Бо ин роҳ саҳми бахши хусусӣ дар рушди соҳаи аграрӣ ба таври устувор таҳким ёфт.

Соҳаи кишоварзӣ, ки ҳамчун бахши асосии иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мешавад, дар солҳои охир бо вуҷуди таъсири омилҳои буҳронӣ ва офатҳои табиӣ сатҳи устувории худро ҳифз намуд ва ҳиссаи миёнаи он

дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 18–21 фоизро ташкил дод. Бо вуҷуди ин, як қатор масъалаҳои калидии сиёсати аграрӣ то ҳол пурра ҳал нашудаанд. Аз ҷумла, модели рушди минбаъдаи соҳа, ки дар ҷанбаҳои иқтисодӣ ҳамчун афзалиятнок арзёбӣ мешавад, то имрӯз бо мушкилоти муайян рӯ ба рӯ мебошад.

Яке аз мушкилоти асосӣ масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб мерафт. Пас аз ҷанги шаҳрвандӣ кишвар бо камбуди ҷиддии ғалла дучор шуд. Талаботи умумии ҷумҳурӣ ба ғалла тақрибан 1,5 млн тонна буд, ки аз он 1 млн тонна барои истеъмоли хӯрокворӣ ва 500 ҳазор тонна барои чорводорӣ пешбинӣ мегардид. Аммо соли 1994 ҳаҷми истеҳсоли ғалла ҳамагӣ 220 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки пасттарин нишондиҳандаи давраи нав ба шумор мерафт. Ҳосилнокӣ низ ба 9 сентнер аз ҳар гектар коҳиш ёфт. Барои муқоиса, дар соли 1990 ҳаҷми истеҳсоли ғалла 318 ҳазор тонна ва соли 1991 – 304,3 ҳазор тонна буд [43, с. 38].

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки аз соли 1996 ба ин тараф нишондиҳандаҳои истеҳсоли ғалла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоишро касб намуданд. Агар дар соли 1996 ҳаҷми умумии истеҳсоли ғалла 548,2 ҳазор тоннаро ташкил дода бошад, то соли 2002 он ба 700,7 ҳазор тонна ва соли 2005 ба 934,9 ҳазор тонна расид. Қадами муҳим дар сиёсати аграрии кишвар соли 2009 амалӣ гардид, вақте ки майдони кишти пахта тақрибан 20 фоиз коҳиш ёфт ва дар иваз майдони кишти ғалладона афзоиш ёфт. Дар натиҷа, масоҳати кишти ғалла ба 360 ҳазор гектар расид, ки барои баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсолот заминаи мусоид фароҳам овард. Маҳз дар ҳамин сол ҳаҷми истеҳсоли ғалла дар ҷумҳурӣ барои аввалин бор ба 1 миллиону 294,5 ҳазор тонна баробар гардид [128, с. 484]. Ин тағйирот имкон дод, ки тақрибан 80 фоизи талаботи аҳолии кишвар ба ғалла аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ таъмин карда шавад.

Муҳаққиқ М.Ҳ. Исайнова дар мақолаи худ таҳти унвони «Таъмини амнияти озуқавории минтақа самти муҳимми рушди иқтисодиёти

ҷумҳурӣ» бо такя ба таҳлили қиёсии нишондиҳандаҳои оморӣ таъкид мекунад, ки соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли ғалла ба 1561,4 ҳазор тонна расонида шудааст. Ҳамзамон, тибқи дурнамоҳои расмӣ интизор меравад, ки то соли 2025 истеҳсоли ғалла ба 1,7 млн тонна, аз ҷумла истеҳсоли гандум то қариб 1 млн тонна расад. Ин пешбиниҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки имкони таъмин намудани то 80 фоизи талаботи дохилӣ ба ғалла, бахусус гандум, аз ҳисоби истеҳсолоти миллӣ воқеият хоҳад ёфт [184, с. 105-111].

Зикр кардан зарур аст, ки соҳаи ғаллакорӣ дар оғози асри XXI нисбат ба солҳои 1990-1991 ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Танҳо соли 2014 дар ҷумҳурӣ ҳаҷми истеҳсоли ғалладонагӣ ва лӯбиёгиҳо беш аз чор маротиба нисбат ба аввали солҳои истиқлол афзоиш ёфт. Ҳосилнокӣ низ дар ин давра зиёда аз 50% зиёд шуд. Бояд таъкид намуд, ки то соли 1991 барои истеҳсоли ғалладона асосан заминҳои лалмӣ ва заминҳои камҳосили обӣ ҷудо карда мешуданд. Дар солҳои минбаъда ин раванд тадриҷан тағйир ёфта, ҳиссаи заминҳои ҳосилхез дар соҳаи ғаллакорӣ афзоиш ёфт. Бо вуҷуди ин, масъалаи таъмини амнияти озуқавории кишвар тақозо мекунад, ки ба ин соҳа минбаъд низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шавад. Зеро танҳо бо роҳи баланд бардоштани ҳосилнокӣ имконпазир аст, ки мардуми ҷумҳурӣ пурра бо ғалладонаи ватанӣ таъмин гардад [131, с. 9].

Дар даврони истиқлоли давлатӣ соҳаи картошкапарварӣ дар баробари истеҳсоли ғалладонагӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ қисми зиёди талаботи мардум ба картошкаро аз ҳисоби картошкаи Россия таъмин мекарданд. Бо вуҷуди ин, соли 1990 дар ҷумҳурӣ 207 ҳазор тонна картошка истеҳсол гардид. Ҳосилнокӣ дар он солҳо аз ҳар гектар 143,4 ва 141,1 сентнерро ташкил медод [131, с. 9].

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ соҳаи картошкапарварӣ бо вуҷуди эҳтиёҷоти аҳолӣ ба таври назаррас коҳиш ёфт. Масалан, соли 1996 истеҳсоли картошка ба 107,7 ҳазор тонна расид, ки ин коҳиши

бештарини истеҳсолот дар даврони истиқлол буд. Ҳосилнокии картошка дар ҳамон сол ба 102,0 сентнер аз гектар баробар гардид. Аз соли 1997 ба инҷониб ҳаҷми истеҳсоли картошка дар ҷумҳурӣ пайваста афзоиш ёфта, соли 2005 ба 555 ҳазор тонна расид, ки қариб се маротиба бештар аз соли 1991 мебошад. Дар ҳамин ҳол, ҳосилнокӣ аз ҳар гектар ба 196,2 сентнер баробар шуд, ки тақрибан 50 фоиз баландтар аз нишондиҳандаи соли 1991 аст [131, с. 10-11]. Солҳои минбаъда истеҳсоли картошка дар ҷумҳурӣ зиёд шуд. Аз ҷумла, соли 2009 – 690,9 ҳазор тонна; соли 2010 – 760,1 ҳазор тонна; соли 2011 – 863,1 ҳазор тонна; соли 2012 – 991,0 ҳазор тонна; соли 2013 – 1.115,7 ҳазор тонна ва соли 2014 кам шуда, то 853,7 ҳазор тонна фаромад. Ҳосилнокии картошка соли 2013 ба 247,3 сентнер расид [157, с. 99]. Яъне, чуноне аз далелҳои оварда маълум мешавад, соли 2013 нисбат ба соли 1990 қариб 5 баробар зиёд картошка истеҳсол карда шудааст.

Дар шароити кунунӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои сатҳи кофии даромаднокӣ ва самаранокӣ нест. Ин омил наметавонад ҷойҳои кори доимӣ фароҳам оварад ва ба муҳоҷирати оммавии аҳолии қобили меҳнат мусоидат мекунад. Тибқи маълумоти мавҷуда, танҳо дар Федератсияи Россия тақрибан 1,2 миллион нафар шаҳрвандони Тоҷикистон, асосан мардон, ба фаъолият машғул мебошанд. Дар дохили кишвар шумораи кормандони бахши кишоварзӣ тақрибан 550 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки онҳо ҳудуди 20 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилиро истеҳсол мекунанд. Ҳамзамон, беш аз 70 фоизи аҳолӣ ба таври мустақим ё ғайримустақим бо хоҷагиҳои қишлоқӣ алоқаманд мебошанд.

Муҳоҷирати меҳнатии васеъ сабаб шудааст, ки қисми зиёди кормандони соҳаи кишоварзиро занон ташкил диҳанд. Дар чунин шароит, масъулияти асосии корҳои хоҷагии қишлоқӣ бар дӯши онҳо қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, занон дар муқоиса бо мардон аксаран аз ҳуқуқҳои баробар, аз ҷумла дастрасӣ ба саҳми замини хоҷагии деҳқонӣ, музди меҳнат, қарзҳо ва захираҳои молиявӣ маҳруманд. Ин

нобаробарӣ истифодаи дуруст ва самараноки заминро маҳдуд сохта, ба риояи меъёрҳои агротехнологӣ ва татбиқи кишти такрорӣ монеа эҷод мекунад. Дар натиҷа, иқтисодиёти аграрӣ ва иҷроиши нақшаҳои дурнамо оид ба таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ мегардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба масъалаи дастрасии занон ба захираҳои замин, маблағҳои молиявӣ ва имкониятҳои омӯзишӣ дар соҳаи агротехнология таваҷҷуҳи махсус дода шавад. Зеро самаранокии ислоҳоти аграрӣ, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки то чӣ андоза захираҳои занон ба таври комил истифода шуда, ҳуқуқҳои онҳо таъмин гарданд ва донишҳои навини агротехникӣ дар амал татбиқ шаванд.

Яке аз самтҳои муҳим дар сиёсатҳои давлатӣ дар давраи соҳибистиқлолӣ масъалаи амнияти озуқаворӣ мебошад. Барои таъмини устувории ин самт, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои муҳимми стратегиро қабул намуд, аз ҷумла «Барномаи амнияти озуқаворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015», «Стратегияи миллии рушд (СМР) то соли 2015», «Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барномаҳои марбут ба татбиқи «Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола» ва зиёда аз понздаҳ барномаи давлатӣ. Илова бар ин, соли 2014 чор лоиҳаи инвеститсионӣ дар соҳаи кишоварзӣ амалӣ гардиданд.

Дар доираи татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010–2014» (аз 27 сентябри соли 2009, №683), танҳо дар давоми панҷ сол 46 901 гектар боғу токзори нав бунёд карда шуд, ки 98,8 фоизи иҷрои нақшаро таъмин намуд [267, с. 10]. Ин иқдом яке аз мисолҳои равшани сиёсати мақсадноки давлатӣ дар самти таҳкими амнияти озуқаворӣ ба шумор меравад.

Таҳлилҳои М.Ҳ. Исайнова қайд мекунад: «Агар амнияти озуқаворӣ дар ҳолате, ки 30%-ро ташкил диҳад, он гоҳ бояд давлат на кам аз 70% талаботро аз ҳисоби захираҳои дохилӣ (ватанӣ) таъмин карда тавонад.

Ҳоло, мутаассифона, дар баъзе мавридҳо ин меъёри ҳудудии ҳадди ақал ба даст наомадааст. Дар ҳолати шароити номусоид дар бозори озуқаворӣ вазъият дар мамлакат метавонад боз ҳам муташаннич ва мураккабтар гардад. Ҳанӯз дар шохиси «Амнияти чаҳонии озуқаворӣ» (The Global Food Security Index), ки ҳамасола маҷаллаи Бритониёйи «The Economist» таҳия мекунад, аз рӯйи худтаъминкунии озуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 мақоми 93-юмро дар миёни 113 кишвар ишғол намудааст» [238, с. 37].

Дар кишвари соҳибистиқлолӣ мо соли 2015 «Соли оила» эълон гардид. Соли саломатӣ дар Тоҷикистон таҷлил карда шуд. Ҳифзи миллат дар маркази ҳадафи давлат қарор мегирад. Солимӣ омили муҳимми афзун кардани бойигарии миллӣ буда, кулли дастовард ва рушду нумуи ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодиро таҷассум менамояд.

Таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки хизматҳои тиббӣ, агар соли 1996 3 сомониро ташкил дода бошад, пас соли 2001 131,3 сомонӣ шуда, нисбат ба соли 2006 24,6 маротиба афзудааст. Ташаккули миллати солиму ғанӣ яке аз ҳадафҳои муҳимми ҷомеа буда, зери ҳимоя ва дастгирии давлат карор гирифтааст. Таъмини рушди соҳаи тандурустӣ қисми таркибии сиёсати иҷтимоӣ буда, хароҷоти давлатӣ ба ин самт назаррас аст. Тибқи нишондодҳои оморӣ, соли 1991 дар ҷумҳурӣ шумораи табибон 14,1 ҳазор нафар ва соли 1997 12,1 ҳазор нафарро ташкил мекарданд, яъне дар муддати 6 сол 2 ҳазор нафар табиб касби худро тарк кардааст, ки шумораи камтарин дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Солҳои баъдӣ шумораи табибон афзуданд, дар соли 2005 – 13,3 ҳазор ва соли 2009 14,5 ҳазор нафар зиёд шудааст. Аз ин нишондодҳо бармеояд, ки танҳо соли 2009 шумораи табибон аз шумораи соли 1991 дида зиёд шудааст [128, с. 523].

Чӣ тавре ки собиқ мушовири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мансур Сайфиддинов дар мусоҳибаашон қайд мекунад: «Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои соҳаҳои илм ва фарҳанг даврони ниҳоят мушкил маҳсуб меёфт. Дар ин давра таҳдиди нестшавӣ ва пароканда гардидани

миллати тоҷик ба вуҷуд омад. Ҳаракатҳо барои нест намудани фарҳанг ва арзишҳои фарҳангӣ дар кишвар ба мушоҳида мерасид. Аз тарафи дигар, идеологияи коммунистӣ, ки то ин вақт яккаҳукмрон буд, шикаст хӯрд. Дар натиҷа, дар андешаи равшанфикрон ё аҳли зиёи кишвар ҳифзи истиқлолият, тамомияти арзӣ, фарҳангу ҳувиятӣ миллӣ ва бунёди давлатдории навин дар асоси арзишҳои миллии бунёдӣ ба вуҷуд омад. Аммо қисми аз фарҳангу ҳувияти миллӣ дур ба бегонапарастӣ ва ҳаракатҳои иртиҷоии фарҳангӣ ҳамроҳ гардиданд. Ин даврони гузариш аз тафаккури марксистӣ ба демократӣ низ буд, ки дар тафаккур ва маънавиёт як навъ холигиро низ ба вуҷуд овард. Ин масъалаҳои фарҳангиву маънавӣ то ба давраи расидан ба ваҳдати миллӣ идома намуд.

Дар оғози ҷанги шаҳрвандӣ гурӯҳҳое пайдо шуданд, ки дастовардҳои даврони Шуравии мардуми тоҷикро бегона ва нолозим меҳисобиданд ва бар ин асос омӯхтани онҳоро муҳим намешумориданд. Дар баъзе муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар таълими таърихи халқи тоҷик танҳо ба давраҳои қадим ва асрҳои миёна маҳдуд гардида буд. Бархе афроди алоҳида, ки ба ақидаҳои иртиҷоӣ пойбанд буданд, ба ҷойи таҳсил дар мактабҳо ва донишкадаҳо, таълими куҳнашудаи анъанавӣ ва мадрасаҳоро авлотар медонистанд. Ҳатто, ниҳодҳои илмӣ, институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ Академияи илмҳоро барои ҷумҳурӣ ниҳодҳои нолозиму беарзиш унвон мекардаанд. Дастовардҳои илмию адабии замони шуравиро тамоман ба эътибор намегирифтанд.

Дар миёни чунин гурӯҳҳо афроде низ буданд, ки дар замони Шуравӣ мансабҳои баланд, ҳатто роҳбарии Ҳизби коммунистро бар дӯш доштанд, аммо дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихӣ ба ҷои талош барои ваҳдату субот, ба барангехтани руҳияи маҳалгароӣ ва маҳалбозӣ рӯ оварданд. Онҳо, бо такя ба минтақаи зисти худ, мавқеи ошкорои зиддишуравӣ, зиддикоммунистӣ ва ҳатто зиддимиллиро ихтиёр намуда, бо рафтори худ шиддати ихтилоф ва ҷудоиро миёни мардум бештар мегардониданд.

Хусусан, дар он замон гурӯҳи муайяни афроде ба миён омаданд, ки ҷомеаи зиёии тоҷикро, аз ҷумла олимон, нависандагон, шоирон ва аҳли ҳунарро ба ду табақа – «пок» ва «дурага» тақсим менамуданд. Онҳо ашхосеро, ки аслан аз манотиқи Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва дигар шаҳрҳои таърихии тоҷикнишин буданд, ба унвони «дурага» ёд карда, онҳоро ба ҳайси намояндагони аслии миллати тоҷик эътироф намекарданд. Ин гурӯҳ, ҳатто, нависандагони маъруфу машҳур ва хизматкардаи халқи тоҷик чун Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Раҳим Ҷалил, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Аминҷон Шукӯҳиро низ дар зумраи «дурагаҳо» қарор дода буданд. Дар баъзе ҳолатҳо, зери таъсири ин гуна афрод ва дар натиҷаи ғояҳои тундгароёна, осори арзишманди адабии тоҷик, мисли романҳои С. Айнӣ («Ғуломон», «Дохунда», «Одина») ва эҷодиёти Мирзо Турсунзода аз барномаҳои таълимӣ ҳазф карда мешуданд. Бо дастгирии ҷараёнҳои ифротӣ ин гурӯҳҳо мавқеи ошкоро зидди фарҳанги миллӣ ва дунявиятро пеша карда, ҳар масъалаи иҷтимоӣ ва сиёсиро танҳо аз дидгоҳи шариат ва меъёрҳои мазҳабӣ арзёбӣ менамуданд, ки ин амр вазъи кишварро боз ҳам ноором ва муташанниҷ месохт.

Дар баробари ҳамаи ин падидаҳои фоҷиабори маънавӣ, вазъи ногувори иқтисодии кишвар низ ба аҳли илму фарҳанг таъсири амиқ расонд. Азбаски буҷети давлат ба шиддат коҳиш ёфта буд, ҳукумат натавонист соҳаи илму фарҳангро дар сатҳи лозимӣ дастгирӣ ва маблағгузорӣ намояд. Дар натиҷа, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ, инчунин муассисаҳои таҳсилоти олӣ, аз қабили донишгоҳу донишкадаҳо, бо мушкилоти молиявӣ рӯ ба рӯ шуданд ва натавонистанд маоши ночизи кормандонашонро сари вақт пардохт кунанд. Ғайр аз ин, бо сабаби беқурбшавии шадиди пул маблағҳои пардохтношуда ва пасандозҳои бонкӣ арзиш ва қудрати харидории худро батадриҷ аз даст медоданд.

Тамоми рӯйдодҳои вазнин, ки дар ҷумҳурӣ, бахусус дар пойтахт, шаҳри Душанбе ба вуқуъ пайвастанд, ба ҷомеаи зиёиёни кишвар таъсири амиқ гузоштанд. Зиёиён, ки қаблан низ пароканда буданд, боз ҳам

парешонтар гардиданд. Дар натиҷа, шумораи зиёди онҳо, бахусус мутахассисон, ҳамроҳ бо русзабонҳо кишварро тарк намуда, ба Россия ва дигар давлатҳо кӯч бастанд, равандеро ба вуҷуд овარданд, ки онро метавон «муҳоҷирати мағзҳо» номид. Гурӯҳи дигари зиёиён, ки ҳамзамон бо гурезаҳои тоҷик ба Афғонистон рафта буданд, дертар боз пароканда шуда, дар кишварҳои гуногун иқомат ихтиёр карданд. Гурӯҳи сеюм муваққатан дар ҷумҳуриҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Узбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Қазоқистон паноҳ бурданд. Чаҳорумин гурӯҳ, бо вуҷуди ҳама душвориҳо, дар дохили кишвар монданд ва фаъолияти эҷодии худро идома доданд. Он зиёиёне, ки дар шаҳри Душанбе ва минтақаҳои ҷангзада зиндагӣ мекарданд, қисман ба ҷойҳои оромтар, аз ҷумла вилояти Суғд кӯч бастанд. Аммо як бахши дигари онҳо, ки теъдодашон низ кам набуд, бо вуҷуди хатарҳо ва шароити сангин хонаву маконро тарк накарда, дар ҷои худ монда, бо ҷасорат кори таълимӣ ва эҷодиро идома доданд ва бо ҳамин муассисаҳои илмӣ ва фарҳангиро аз пошхӯрӣ ва нобудӣ ҳифз намуданд.

Ҳамзамон, набояд фаромӯш кард, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандии харобиовар ва бародаркуши солҳои 1992–1997 як гурӯҳи зиёиёни кишвар, аз ҷумла омӯзгорон, олимон, рӯзноманигорон ва ҳунармандон қурбони ин ҷанги беасос гардиданд. Аз ҷумла, шахсиятҳои маъруфе мисли академик Муҳаммад Осимӣ - Президенти собиқи Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, Юнусбек Исҳоқӣ - ректори Донишгоҳи давлатии тиббӣ ба номи Абуалӣ ибни Сино, табиби машҳури сатҳи байналмилалӣ М. Ғуломов, олим ва шахсияти шинохта Муҳаммадназар Назаршоев, ки вазифаҳои масъули давлатӣ ва илмиро ба уҳда доштанд, беасос ба ҳалокат расиданд. Ҳамчунин, овозхони ҷавону умедбахши тоҷик Кароматуллои Қурбон низ дар ҳамин айём ҷони худро аз даст дод. Дар миёни рӯзноманигорон наздик ба 60 нафар ба ҳалокат расиданд, ки аз ҷумлаи онҳо журналисти барҷаста ва суханвари ҳақиқӣ Муҳиддин Олимпур низ мебошад. Ин талафот ва рӯйдодҳои фоҷиабор дар замоне рух доданд, ки ҷаҳон дар самти пешрафти илм, фарҳанг ва

технологияҳои муосир бо суръати баланд ҳаракат мекард, аммо мо, баръакс, дар гирдоби бесаводӣ, маҳалгароӣ ва тафриқаҳои дохилӣ фурӯ рафта, қадамҳои ақибгузорро интихоб кардем.

Дар ниҳояти кор, тамоми ин фоҷиаҳои маънавӣ, бетартибиҳо ва ноумедиҳоро сулҳи тоҷикон, ки 27 июни соли 1997 ба имзо расид, ба поён расонид. Ин сулҳи деринтизор ва ваҳдати миллӣ барои кормандони соҳаҳои илму фарҳанги кишвар нафаси тозае бахшид ва неруи наву илҳоми эҷодиро дар вуҷуди онҳо бедор кард. Хусусан, соли 1999, ки ҳамзамон ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён рост омад, дар таърихи навини Тоҷикистон аҳаммияти хос пайдо кард. Дар ин давра, бо ҳадафи таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҷуброни холигии идеологие, ки баъд аз суқути низоми коммунистӣ ба вуҷуд омада буд, Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи эҳё ва пойдор сохтани арзишҳои миллӣ, анъанаҳои таърихӣ ва фарҳанги тоҷиконро пеш гирифт. Бо мақсади татбиқи ин ҳадафҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила санадҳои муҳимми меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатӣ ва қонунҳоро таҳия намуд, ки минбаъд аз ҷониби Маҷлиси Олӣ тасдиқ ва мавриди амал қарор гирифтанд [261].

«Дар давраи истиқлолият дар кишвар шумораи беморхонаҳо сол ба сол зиёд шуд. Агар шумораи онҳо дар соли 1991 374 ададро ташкил медод, соли 2005 теъдоди онҳо ба 454 адад расид. Вале ин шумора дар соли ??? ба 429 адад баробар шуда, теъдоди катҳои он дар тамоми солҳо нисбат ба соли 1991 кам шудааст» [128, с. 523]. Масалан, «агар соли 1991 шумораи катҳои беморхонаҳо 59,6 ҳазор ададро ташкил карда бошанд, пас соли 2000 – 41,2 ҳазор кат, соли 2005 – 40,6 ҳазор кат ва соли 2009 ҳамагӣ 38,6 ҳазор катро ташкил додаанд. Сабаб, на ин ки кам шудани шумораи умумии беморон, балки дар амал сол то сол боло рафтани гаронии табобат ва доруворӣ мебошад. Бинобар ин, қисме аз беморон ба беморхонаҳо муроҷиат намекунанд. Ба ғайр аз ин, дар солҳои охир дар ҷумҳурӣ тибби оилавӣ махсусан инкишоф ёфта истодааст. Ҳоло шумораи чунин табибон зиёда аз 400 нафар мебошанд» [128, с. 523].

Соли 2011 351 адад муассисаҳои тиббӣ иҷозатнома гирифта, ба

фаъолияти хусусии тиббӣ шуруъ намуданд. Инчунин, то соли 2012 теъдоди эҳтиёҷмандон ҷиҳати табобату ташхис дар хориҷи кишвар то 70% коҳиш ёфт.

Тавре ки дар боло қайд карда будем, ислоҳоти соҳаи тиб дар чаҳор марҳила тақсим шудааст. Марҳилаи чоруми он аз соли 2006 оғоз шуда, то кунун идома дорад, ки он аз мукаммалгардонии сохти идорӣ, рушди тибби оилавӣ, маблағгузорӣ, пурқувват намудани заминаи моддӣ-техникии муассисаҳои тиббӣ ва ғайра иборат мебошад. Дар ин давра духтурони кишвар тавонистанд, ки бемориҳои ба монанди домана, гулузиндонак, сулфакабудак, сурхча ва гепатитҳои вирусиро мутаносибан коҳиш диҳанд.

Таҳлиҳои оморӣ нишон доданд, ки баръакс, баъзе бемориҳо зиёд шуданд, ки мо инро ба таври ҷадвал нишон медиҳем.

Ҷадвали 3.2.

Фавтидаҳо аз рӯйи синфҳои асосии сабабҳои фавт [172, с. 16].

| Сабабҳои фавт | 1991 | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сироятӣ ва паразитарӣ | 4654 | 3732 | 1930 | 1339 | 1152 | 1022 |
| Бемории саратон | 2648 | 1629 | 1910 | 2210 | 2518 | 2180 |
| Бемориҳои системаи гардиши хун | 10099 | 12373 | 11683 | 14742 | 15750 | 15446 |
| Бемориҳои узвҳои нафаскашӣ | 6814 | 7255 | 3600 | 2746 | 2319 | 2192 |
| Бемориҳои узвҳои ҳозима | 989 | 1279 | 1191 | 1419 | 1481 | 1545 |
| Ҳодисаҳои ногаҳонӣ, осебу захролудшавӣ | 2364 | 2491 | 1700 | 1729 | 1623 | 1523 |
| Ҳамагӣ фавтидагон | 27568 | 28759 | 22014 | 24185 | 24843 | |

Қайд кардан бамаврид аст, ки хароҷоти умумии ба бахши тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун 7,1 ҳиссаи ММД бо дигар кишварҳои дорои паст ва миёнаи минтақаи аврупоии СУТ баробар аст, аммо хароҷоти давлатӣ ба бахши тандурустӣ ҳамагӣ 2%-и ММД-ро ташкил медиҳад. Ба ҷойи ин, вобастагии кишвар ба пардохт аз ҷайби хонаводаҳо барои бахши тандурустӣ хеле баланд буда, он тақрибан аз се ду ҳиссаи хароҷоти соҳаи тандурустиро ташкил медиҳад. Ин ҳиссаи зиёди пардохт аз ҷайби хонаводаҳо барои ҳифзи иҷтимоӣ ва баробарӣ дар системаи тандурустӣ пайомадҳоро дорад [113, с. 25].

Хулоса кардан мумкин аст, ки соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи соҳибистиқлолӣ тадриҷан рушд ёфтааст. Барномаи ислоҳоти соҳа ҳадафи асосии худро дар фарогирии умумии аҳолӣ бо хизматрасониҳои тиббӣ, таъмини дастрасии ҳамаи қишрҳои ҷомеа ба кумаки босифати тиббӣ ва истифодаи самараноки захираҳои давлатӣ муайян намудааст. Дар ин замина, Стратегияи миллии тандурустӣ – «Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030», ки ба наздикӣ қабул шуд, бо такя ба таҷрибаи ҷаҳонӣ ва тавсияҳои байналмилалӣ, таҳкими системаи кумаки аввалияи тиббию санитариро самти калидии сиёсати давлатӣ дар ин соҳа қарор додааст. Барои дар амал татбиқ намудани стратегия зарур аст, ки ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи тандурустӣ карда шавад. Гуфтан бамаврид аст, ки захираҳои буҷетӣ барои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ кофӣ нестанд ва дар саросари кишвар нобаробар тақсим мешаванд, ки дар натиҷа, камбудиҳои ноодилона дар дастрасии хизматрасонии тиббӣ ба вуҷуд меоянд.

Дигар масъалаи иҷтимоиёт ин соҳаи маориф мебошад, ки: «Дар тули бист сол беш аз шаст санади меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф таҳия шуданд ва ислоҳоти низоми таълиму тарбия дар ҳамоҳангӣ бо барномаҳои ниходҳои гуногуни давлативу ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамвора такмилу таҷдид ёфт. Ҳанӯз соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба ҳукми аввалин ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф дар вазъияти мураккабу душвори иқтисодиву сиёсӣ таҳия ва қабул гардид» [15, с. 46-56].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар маҷлиси идона бахшида ба 60-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар соли 2008 чунин ёдовар шуданд: «Дастурҳои асосии сиёсати давлат дар самти маориф муқаррар гардида, барои рушди ҳамаҷонибаи он заминаҳои мусоиди ҳуқуқӣ ва сиёсӣ фароҳам оварда шуд”. Моҳи августи соли 1995 мулоқоти Сарвари давлат бо аҳли маориф баргузор шуд ва дар асоси дастурҳое, ки дар ин ҷаласа қабул

гардид, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе чораҳои пурзӯр намудани ҳифзи иҷтимоии кормандони маориф» ва «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани шароити манзилӣ ва коммуналию маишии кормандони маориф» қабул гардиданд. Тавассути тадбирҳои мазкур манзилҳое, ки дар ихтиёри кормандони соҳа қарор доштанд, ба таври ройгон ба кормандони муассисаҳои таълимӣ, илмӣ, низомӣ, такмили ихтисос ва нашрияҳои омӯзгорӣ дода шуданд» [15, с. 46-56].

«Дар солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ нақшаи таълими мактабҳои таҳсилоти умумӣ чор маротиба (соли 1994, соли 2000, соли 2004 ва соли 2005) таҷдиди назар гардида, он ба талаботи давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, ягона ва дунявӣ мувофиқ кунонида шуд» [131, с. 327].

Бо мақсади дастгирии кормандони соҳаи маориф як қатор имтиёзҳо ва кумакҳои иҷтимоӣ пешбинӣ гардиданд. Аз ҷумла, барои омӯзгорон кумаки яквақтаина барои табобат дар ҳаҷми маоши моҳона, ҷубронпулӣ барои харидории нашрияҳои даврӣ ва рухсатии пулакӣ бо ҳадафи табобат муқаррар карда шуд. Ғайр аз ин, омӯзгороне, ки дар деҳот фаъолият менамуданд, аз пардохти андоз барои заминҳои наздиҳавлигӣ озод гардиданд.

Бо дарназардошти тағйироти сиёсиву иқтисодӣ ва эҳтиёҷоти нави ҷомеа, бо супориши Президенти кишвар ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» тағйиру иловаҳои муҳим ворид карда шуданд. Натиҷаи ин раванд қабули қонуни мазкур дар таҳрири нав аз ҷониби мақомоти олии қонунгузорӣ соли 2004 гардид. Ин санад, дар қатори дигар иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, такони ҷиддӣ ба раванди ислоҳоти соҳаи маориф бахшида, заминаи мусоид барои пайвастани анъанаҳои таърихии маорифпарварии тоҷикон бо таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ фароҳам овард.

Дар идомаи ҳамин раванд, як қатор санадҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ таҳия ва татбиқ гардиданд. Аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006–2015, Консепсияи миллии таҳсилот, Консепсияи миллии тарбия ва

Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимӣ қабул шуда, ба амалиёт роҳ ёфтанд [15, с. 286-294].

Қабули як қатор санадҳои муҳимми меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар даврai соҳибистиқлолӣ, аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олӣ ва таҳсилоти баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ», «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», инчунин қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба фаъолияти Вазорати маориф, низоми қабули довталабон тибқи квотаи президентӣ ва муқаррар намудани стандартҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ ва олии касбӣ, заминаи ҳуқуқии низоми таълимиро таҳким бахшида, онро ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ наздик гардонданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ моҳи апрели соли 2010, ки ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ бахшида шуда буд, аҳаммияти хоссаи соҳаи маорифро таъкид намуда, чунин изҳор доштанд:

«Мақсади асосии мо дар ин самт аз он иборат аст, ки ҳифзи иҷтимоии мардум ҳарчи беҳтар таъмин гардад, соҳаҳои маорифу тандурустӣ рушди бештар пайдо намоянд, шабакаи технологияҳои иттилоотӣ тавсеа ёбад, барои тарбияи кӯдакону наврасони солим, таҳсили ҷавонон ва ба воя расонидани мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯ шароити мусоид муҳайё карда шавад. Дар татбиқи ин ҳадафҳо соҳаи маориф нақши ҳалкунанда дорад. Дар натиҷаи ғамхориҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат солҳои охир маблағгузории соҳа ба таври назаррас афзоиш ёфт. Агар соли 2000-ум аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф ҳамагӣ 42 миллион сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2009 бо дарназардошти ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ва буҷети тасдиқшуда ҳаҷми он 1 миллиарду 70 миллион сомониро ташкил кард. Яъне, буҷети соҳаи маориф дар муддати нуҳ сол қариб 26 баробар афзудааст. Соли 2009 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмону азнавсозии 218 мактаб анҷом ёфта, 40 ҳазор ҷойи нишаст ба истифода дода шуд. Ба хотири мусоидат ба рушди минбаъдаи соҳаи

маориф ва баланд бардоштани сатҳи тафаккури техникиву технологӣ дар ҷомеа мо соли 2010-ро Соли маориф ва фарҳанги техникӣ эълон кардем. Ин иқдом моҳиятан ҳадафи фароҳам овардани заминаи рушду такомули тафаккури техникиву технологиро, ки таҳкурсии он дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногун гузошта мешавад, дар бар мегирад» [2].

Гуфтан бамаврид аст: «Дар соли 2016 дар ҷумҳурӣ 76 гимназия ва 55 литсей фаъолият доранд ва дар онҳо зиёда аз 55 ҳазор нафар хонандагон таҳсил менамоянд. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумии ғайридавлатӣ ба 47 адад ва шумораи хонандагони онҳо ба 14 ҳазор нафар расидааст» [2].

Заминаи моддию техникии литсей-интернатҳои муштараки тоҷикӣ-туркӣ нисбатан мустаҳкам буда, раванди таълиму тарбия ва сатҳи дониши хонандагони онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ аст. Аз шумораи умумии 1418 нафар хатмкунандагон, 97 фоиз ба муассисаҳои таҳсилоти олии бонуфузи дохили кишвар ва хориҷи наздик ва дур шомил шудаанд. Дар давоми даҳ соли охир 42 нафар хонандагони ин литсейҳо дар озмунҳои байналмилалӣ ширкат варзида, ба дастовардҳои намоён ноил гардидаанд [131, с. 328]. То соли 2016 дар ҷумҳурӣ шаш литсейи муштараки тоҷикӣ-туркӣ ва як мактаби байналмилалӣ фаъолият мекарданд, ки дар онҳо 1874 хонанда ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда буданд. Солҳои охир дар сохтори идоракунӣ ва раванди таълимии ин муассисаҳо тағйироти куллӣ ворид гардид.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ бо сабаби нарасоии маблағ теъдоди зиёди ташкилоту корхонаҳо ва колхозу совхозҳо аз уҳдаи таъмини муассисаҳои томактабӣ баромада натавониста, аз сарпарастии онҳо даст кашиданд. Дар солҳои аввали истиқлол, бо сабаби норасоии маблағ, як қисми биноҳои муассисаҳои томактабӣ ба дигар ташкилотҳо ва шахсони алоҳида фурӯхта шуданд. Дар натиҷа, шумораи ин муассисаҳо нисбат ба соли 1991 ба 452 адад ва шумораи кӯдакон ба 79 603 нафар кам гардид. Соли 2016 дар саросари ҷумҳурӣ ҳамагӣ 492

кӯдакистон фаъолият мекард, ки дар онҳо 67 192 кӯдак ба тарбия фаро гирифта шуда буданд, яъне ҳамагӣ 5,3 фоизи кӯдакони синни томактабиро ташкил медоданд. Дар бархе ноҳияҳо, аз ҷумла Варзоб, Ховалинг ва Муъминобод муассисаҳои томактабӣ тамоман мавҷуд набуданд. Норасоии чунин муассисаҳо, баста шудани синфҳои тайёрӣ ва зиёд гардидани миқдори кӯдакон ба коҳиши сифати таҳсил ва муваффақияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири манфӣ расонд. Ба ибораи дигар, мушкили таълиму тарбияи томактабӣ пурра ҳал нагардида буд.

Аз соли 1997 бо ташаббус ва роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастрасии духтарони деҳоти дурдаст ба таҳсил тадбирҳои мушаххас андешида шуданд. Соли 2003 Вазорати маориф «Қоидаҳои қабули духтарони деҳоти дурдасти Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ»-ро тасдиқ кард, ки мувофиқи он духтарон метавонистанд бе имтиҳон ва танҳо бо тариқи мусоҳиба ба таҳсилоти олӣ қабул шаванд. Илова бар ин, татбиқи квотаи президентӣ (аз соли 2001 то соли 2005) нақши муҳим бозид.

Дар натиҷаи ин иқдомҳо аз соли 1997 то соли 2016 шумораи 3898 духтар аз деҳаҳои дурдасти кӯҳӣ ба донишгоҳҳои кишвар қабул гардиданд, ки аз онҳо 383 нафар таҳсилро бомуваффақият анҷом доданд. Танҳо дар соли 2016 тибқи квотаи президентӣ 2741 зан ва 178 мард ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иловатан дохил шуданд.

Соли 2003 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳадафи ба роҳ мондани раванди компютерикунонии муассисаҳои таълимӣ иқдомоти зарурӣ андешид. Эмомалӣ Раҳмон аллакай соли 2001 дар мақолаи худ таҳти унвони «Тоҷикистон дар остонаи қарни XXI» ба зарурати истифодаи васеи технологияи муосир ишора карда, таъкид намуда буд, ки «Тоҷикистон набояд ба партовгоҳи технологияҳои куҳнашуда табдил ёбад». Дар пайи талошҳои пайвастаи роҳбари давлат, ба кишвар таҷҳизоти замонавии технологӣ ворид гардида, бо истифода аз барномаҳои компютерӣ паркҳои технологии таълимӣ ва лабораторияҳои

муҷаҳҳаз ба фаъолият пардохтанд. Эълон гардидани соли 2010 ҳамчун Соли маориф ва фарҳанги техникӣ ба ин раванд неруи тоза бахшида, шароити рушди дастовардҳои навро фароҳам сохт.

Тавре ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Рушди тафаккури техникии кӯдакону наврасон бояд вазифаи муҳимми роҳбарони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳои дахлдор бошад» [2]. Дар асоси ин ибтикорот ба хонандагон ва донишҷӯёни макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии кишвар муяссар шуд, ки бештар ба таҳсил рӯ оварда, дар озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ сазовори ҷойҳои намоён гардида, соҳаи маорифи кишварро дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ намоянд. Зери сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат аз соли 1998 ба донишҷӯён ва толибилмони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ, аспирантон идрорҳои номӣ муқаррар карда шуд. Ба тариқи намуна, соли 1998 маблағи идрорпулии аспирантон афзоиш ёфт ва бо мақсади ҳавасмандсозии пажӯҳишгарони ҷавон, Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ таъсис дода шуд. Ин ҷоиза ҳар сол ба шаш нафар аз байни олимон ва муҳаққиқони ҷавон барои таҳқиқоти арзишманд ва натиҷаҳои назарраси илмӣ супурда мешавад [15, с. 28].

Пуштибонӣ ва дастгирии дониш, лаёқат ва истеъдоди толибилмон ҷойгоҳи муҳим дар сиёсати давлатии соҳаи маориф ва илм дорад. Ба иловаи таҳсили ҷавонон дар хориҷи кишвар дар асоси шартномаҳои байнидавлатӣ ва квотаҳои махсус барои омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир, стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Дурахшандагон» таъсис ёфтааст. Имрӯз шумораи зиёди ҷавонон тавассути ин барнома бомуваффақият аз озмун гузашта, дар донишгоҳҳо ва муассисаҳои магистратураи маъруфи ҷаҳон таҳсил доранд.

Ҳамзамон, афзоиши теъдоди донишҷӯёни хориҷӣ дар макотиби олии кишвар яке аз нишондиҳандаҳои нуфузи рӯзафзуни байналмилалии

муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ба маълумоти соли 2016, дар донишгоҳҳои Тоҷикистон наздик ба 3500 донишҷӯи хориҷӣ аз 28 кишвари ҷаҳон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд [15, с. 28]. Эътибор ва эътирофи дипломи муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон афзоиш ёфта, ин ҳолат ба равандҳои ҳамгироӣ бо низоми таҳсилоти олии байналмилалӣ шиддати нав бахшидааст.

Дар солҳои охир шумораи довталабон ба зинаи аспирантураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии тобеи Вазорати маориф ва илм афзоиш ёфт. Соли 2003 теъдоди 89 нафар аспирант таҳсилашонро дар ин муассисаҳо ба анҷом расониданд. Аз ҷумла, 13 нафари онҳо, аз ҷумла хатмкунандагони солҳои пешин, диссертатсияҳои номзадӣ ва 8 нафари дигар рисолаҳои докториро бомуваффақият дифоъ карданд. То соли 2016 дар аспирантураи мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмии тобеи Вазорати маориф ва илм 291 нафар (аз онҳо 155 нафар рӯзона ва 136 нафар ғоибона) таҳсил мекарданд; шумораи докторантон бошад, 5 нафарро ташкил медод [131, с. 328].

Дар маҷмуъ, сиёсати маорифпарваронаи Сарвари давлат ба тарбият ва ташаккули насли нав равона шудааст, ки дорои дониш ва саводи баланд, ахлоқи намунавӣ, ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллӣ бошад ва бо эҳсоси баланди ватандорӣ тавонад барои пойдории давлати муосири тоҷикон саҳмгузор гардад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», ки дар қонунгузории байналмилалӣ ҳамчун як таҷрибаи нодир арзёбӣ мешавад, бар пояи ғояҳои асосии сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия ва қабул гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханронии худ зимни ҷамъбасти муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун ба аҳаммияти робитаи ҷудонопазири се ниҳоди асосӣ – оила, муассисаҳои таълимӣ ва муҳити иҷтимоӣ таъкид намуд. Ӯ масъалаи таълиму тарбияро на танҳо аз дидгоҳи рисолати

ахлоқию маънавии инсон ва ҷомеа, балки ҳамзамон бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ таҳлил ва баррасӣ кард. Президенти кишвар таълиму тарбияро вазифаи муқаддаси умумиҷумҳуриявӣ арзёбӣ намуд.

Дарвоқеъ, иқдомҳои маънавию сиёсие, ки таҳти роҳбарии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мешаванд, пеш аз ҳама, ба ташаккули шахсияти озодандеш, соҳибдониш ва қавиирода равона гардидаанд. Ин насли созанда, ки бар пояи ақлу хирад, фарҳанг ва ҷаҳонбинии солим тарбия меёбад, қодир астояндаи миллатро таъмин намуда, мавқеи шоистаи таърихӣ ва байналмилалии Тоҷикистонро таҳким бахшад.

Дар ҳамин замина, «Барномаи ислоҳот ва рушди муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои солҳои 2012–2020», ки таҳия ва татбиқи он бо дастури Президенти мамлакат дар Паёми соли 2016 зарур шумурда шуд, бар асоси дастовардҳои мавҷудаи низоми маориф тарҳрезӣ гардида, нақши калидӣ дар амалӣ сохтани ҳадафҳои муҳимми миллӣ хоҳад дошт [64, с. 60-61].

Ҳамзамон, бо татбиқи барномаҳои густурдаи тарғиб ва таҳкими мавқеи забони модарӣ ва забони давлатӣ дар низоми маориф, «Барномаи давлатии омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ» низ таҳия ва ба иҷро даровара шуд. Ин барнома ҳадаф дорад мутахассисонеро тарбия намояд, ки на танҳо дониши амиқи забонҳо, балки ҷаҳонбинии васеъ дошта, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ бошанд. Аз ҷониби дигар, амалисозии барномаи компютерикунонии муассисаҳои таълимӣ ба рушди фикрониву зеҳни фаннию техникӣ ва истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълиму тарбия такони нав бахшид. Татбиқи ҳамоҳангшудаи ин ду барномаи муҳимми миллӣ аз қадамҳои муассир дар самти мутобиқсозии низоми таълим ба равандҳои ҷаҳонишавии маориф маҳсуб ёфта, барои боло бурдани сатҳи зеҳнӣ, афкорӣ ва донишии насли наврас шароити мусоид фароҳам овард. Ин иқдомҳо бо мақсади рушди илм ва мутобиқсозии тадқиқотҳои илмӣ ба

талаботи нави технологияҳои муосир роҳандозӣ гардидаанд.

Президент роҷеъ ба такмили усулҳои таълиму тарбият сухан ронда, ҳанӯз соли 1996 таъкид карда буд: «Эҳтиром гузоштан ба муқаддасоти миллӣ аз донистани онҳо шуруъ мешавад. Ба ин хотир, мо бояд тамоми низоми таълиму тарбияро дар мактаб бо дарназардошти ниёзҳои истиқлолияти давлат, самтҳои пешрафти ҷомеа, арзишҳои маънавию ахлоқии халқамон дар пайвастагӣ бо арзишҳои умумибашарӣ таҷдиди назар кунем» [216, с. 146-148].

Ба андешаи мо, сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таълим ва тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи озодагиву худшиносӣ ва ватандӯстии насли наврасу ҷавон омили асосии инкишофи давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон гардид. Ин ҳама боиси ташаккули илму маориф ва таваҷҷуҳ ба таҳсилот ва ворид шудан ба донишгоҳҳо гардидаанд, ки Сарвари давлат аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омаданашон, дар вохӯриҳо ва чорабиниҳо дастурҳои мушаххас ба масъалаи мазкур медоданд.

Ҳамин тавр, аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гардид, натиҷаҳои муҳим ба бор оварда, сатҳи даромади кишвар, дастрасӣ ба хизматрасониҳо ва дар маҷмуъ, нишондиҳандаҳои некуаҳволии аҳолиро беҳтар намуд. Тавре аз нишондоду омори ироашуда бармеояд, мардум ислоҳот ва таъсири онро дар рӯзгори худ ҳис карда, ба ҷонибдории сиёсати давлат раъй доданд ва ин, дар навбати худ, ба суботи сиёсӣ ва амният дар кишвар мусоидат кард. Пойдории низоми демократӣ ва ҳифзи арзишҳои соҳибистиқлолӣ бар пояи некуаҳволии аҳолӣ гузошта шудааст, ки он рӯз то рӯз беҳтар мегардад.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиш масоили рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 1985-2016 мубрам мебошад. Хулоса ва натиҷаҳои зимни таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада дар нуқоти зерин баён мегарданд:

1. Дар давраи нисбатан кӯтоҳи таърихӣ то оғози Ҷанги дуюми ҷаҳон дар ҷумҳурӣ шабакаи муайяни корхонаҳои саноатӣ ташаккул ёфт, ки ба таври умумӣ тақрибан аз 270 корхонаи саноатӣ иборат буд. Албатта, таъсиси корхонаҳо ва аз худ кардани захираҳои мавҷудаи табиӣ, пеш аз ҳама, маҳсулоти бахши аграрӣ, то андозае ба беҳтар гардидани вазъияти иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Лекин суръати рушди хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои зикргардидаи саноат ба таври объективӣ, барои инкишофи босуръати иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ нокифоя буд. Маҳз чунин ҳолат боиси хусусияти дотатсионӣ касб намудани Тоҷикистон гардид, ки то давраи пошхӯрии Иттифоқи Шуравӣ амал мекард [1,3-М].

2. Нишондиҳандаҳои баландтарини иқтисодиёти Тоҷикистон ба солҳои 70-90-ум рост меоянд, ки бо ташаббусҳои зикргардида нисбати қувват бахшидани иқтидорҳои энергетикӣ алоқамананданд ва дар навбати худ, ба рушди соҳаҳои энергетикии металлургияи ранга таъсир расонидаанд. Дар ин давра дар Тоҷикистон неругоҳҳои бузургтарини минтақа - неругоҳҳои Норак, Бойғозӣ, Хоруғ, инчунин, маркази гармидиҳии Ёвон бунёд карда шуданд. Дар натиҷа, дар асоси рушди инфрасохтори энергетикӣ, Заводи алюминии тоҷик бунёд гардид, ки пойгоҳи саноати вазнини Тоҷикистони муосир ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, рушди соҳаи мошинсозӣ мушоҳида гардида, заводҳои нави механикии таъмир дар Душанбе ва Хуҷанд ба истифода дода шуданд [2-М].

3. Болоравии иқтисодии Тоҷикистон аз амал намудани асосҳои системаи шуравӣ – иқтисодиёти нақшавӣ вобаста буд. Ислоҳоти

системаи иқтисодӣ, ки соли 1985 дар давлати Шуравӣ оғоз гардид, ба иқтисодиёти Тоҷикистон таъсири манфӣ расонид. Ҳукумати марказии Шуравӣ аз вазифа ва масъулиятҳои худ даст кашида, ба худмаблағгузории ҷумҳуриҳо такя менамуд. Дар амалия корхонаҳои маҳаллӣ ва хоҷагиҳои кооперативӣ ба системаи худмаблағгузорӣ ва худтаъминкунӣ гузашта, танҳо вазифадор шуда буданд, ки ба буҷаи ҷумҳурӣ миқдори муайяни андоз пардохт намоянд. Корфармоён, ки дар доираи ислоҳот имтиёзҳои зиёдро ба даст оварда буданд, метавонистанд кормандонро аз кор озод намоянд, тарзи идоракуниро дигаргун созанд. Ин омил таъсири номатлуб ба вазъи сиёсии кишвар расонд [1,3-М].

4. Рушди иқтисодиёт дар давраи шуравӣ асоси низоми иқтисодиёти муосири Тоҷикистон гардид. Дар ин давра соҳаҳои тахассусии ҷумҳурӣ ташаккул ёфтанд, лоиҳаҳои бузурги энергетикӣ татбиқ шуданд, мактабҳои илмиву академикӣ таъсис ёфтанд, шаҳрнишинӣ дар минтақаҳои алоҳида амалӣ гардид, барномаи тулонии рушди босуръати Тоҷикистон дар соҳаҳои мухталиф амалӣ гардид. Лекин, воқеияти солҳои 90-ум сабаби гузариши давлати тозаистиқлол аз тарҳи нақшавии иқтисодиёт ба иқтисодиёти бозорӣ гардид. Дар назди Тоҷикистон вазифаи бозсозии пурраи маҷмуи хоҷагидорӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бо собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ гузошта шуд [1,4-М].

5. Омили аслии ба вуҷуд омадани буҳронҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол, ба таври марҳилавӣ, реша ва сабабҳои амиқ дошт. Ин мушкилот асосан аз ноуҳдабароии роҳбарияти сиёсӣ ва элитаи ҳукмрони давр сарчашма мегирифт, ки сиёсати марказро бештар аз манфиатҳои худ ва бетаваҷҷуҳ ба ниёзҳои воқеии ҷумҳурӣ роҳандозӣ мекарданд. Тақсими ғайриоқилонаи захираҳо ва ҷойгирсозии корхонаҳои саноатӣ тибқи манфиатҳои умумии давлати Шуравӣ, бе назардошти рушди мутавозини минтақаҳо низ ба ин буҳронҳо замина гузошт [5-М].

6. Роҳбарияти Иттиҳоди Шуравӣ бо мақсади тақвияти сиёсати бозсозӣ шиору ғояҳои навро ба таври густурда таблиғ менамуд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба чунин андешаҳо ишора кард: «арзишҳои умумиинсонӣ меҳвари асосии тафаккури нав мебошанд» ва «таҳкими демократия ва ошкорбаёнӣ ба мустаҳкам гардидани пояҳои сотсиализм мусоидат мекунад». Хусусан, ибораи «озодии интихоб – ҳуқуқи ҳар як миллат аст», боиси пайдо гардидани ҳаракатҳои ҷудоихоҳӣ ва миллатгароӣ шуд. Аз ин рӯ, зарур аст таъкид шавад, ки замони он фаро расидааст, ки ба мероси даврони шуравӣ аз дидгоҳи манфиатҳои миллӣ ва бо назари нави илмӣ баҳо дода шавад. Ин раванд бояд ҳам дастовардҳои сиёсиву иқтисодиро фаро гирад ва ҳам камбудиву мушкилоти иҷтимоиву фарҳангии он давраро ба таври таҳлилӣ арзёбӣ намояд. Дар асоси чунин баррасӣ бояд осори арзишманд таҳия гардад, ки барои тарбияи насли ҷавон хизмат кунад [5,6-М].

7. Идеологияи сотсиалистӣ дар ибтидо аз он ҷиҳат қобили қабул буд, ки арзишҳои пешниҳодкардаи он бо ниёзҳо ва низоми арзишҳои мавҷудаи замони ташаккули давлати Шуравӣ ҳамоҳангӣ доштанд. Болшевикон, ба ҷои он ки ҷомеаро пурра ғарбӣ намоянд ё элитаи ҳукмрони ғарбиаслро барқарор созанд, роҳи наверо пешниҳод карданд, ки дорои хусусиятҳои худӣ ва мутобиқ ба воқеияти замон буд. Арзишҳои тозае, ки онҳо матраҳ намуданд, бо арзишҳои мавҷуда созгор буданд ва ҳамин омил сабаб шуд, ки дар солҳои 1920-1930 ин гузариши фарҳангию иҷтимоӣ нисбатан табиӣ ва пазируфта гардад [1,2,-М].

8. Сиёсати бозсозӣ худ ба худ наметавонист ҳамчун сабаби аслии буҳрони иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии Иттиҳоди Шуравӣ арзёбӣ гардад. Баръакс, он бештар нақши омили ошкоркунандаро иҷро намуда, маҷмуи норасоиҳо ва камбудиҳои сиёсати иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии давлати шуравиро ба сатҳи ошкоршуда баровард. Ҳадафи асосии ин сиёсат бартараф намудани мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ, амалӣ намудани ислоҳот дар соҳаҳои мухталиф ва таҷдиди сохтори

давлатӣ ба ҳисоб мерафт. Бо вуҷуди ин, ҷомеаи шуравӣ барои чунин раванд аз ҷиҳати сохторӣ ва равонӣ омодагӣ надошт.

Дар амал ислоҳоте, ки дар доираи сиёсати бозсозӣ роҳандозӣ гардиданд, ба ҷои таҳкими пояҳои сохтори давлатӣ, тадриҷан заминаҳои асосии онро заиф гардониданд. Ҳамин тавр, равандҳои бозсозӣ, новобаста аз ниятҳои эъломшудаи ислоҳотӣ, ба ташаккули вазъияте мусоидат намуданд, ки пошхӯрии давлати Шуравӣ ногузир гардид [2, 5-М].

9. Тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мувофиқ кардани он бо талаботи рушди равандҳои демократӣ ва таъмин намудани устувории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ шудаанд. Ҳадафи марказии ин ислоҳотро метавон дар такмил ва мукаммалсозии низоми сиёсию давлатӣ ҷустуҷӯ намуд. Ин раванд ба таҳкими пояҳои демократия дар ҷомеа, такмил ва самаранок гардонидани механизмҳои ҳифз ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, ба ташаккули заминаҳои конститутсионӣ барои рушди устувори иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ равона шудааст. Дар натиҷа, тағйирот на танҳо ба ислоҳоти ҳуқуқию маъмурӣ, балки ба ташаккули модели навини муносибатҳои давлат ва ҷомеа равона гардида, заминаи қонунӣ ва сиёсиро барои такомули минбаъдаи давлатдории миллӣ фароҳам овард. Дар давоми ин солҳо кишвар се марҳилаи асосии ислоҳоти низоми сиёсиро паси сар карда, ки ҳар кадом давраи пурраи ташаккул ва рушди давлатдории навини Тоҷикистонро муаррифӣ мекунад. Ин равандҳои сиёсӣ талаботи замон буда, аҳаммияти онҳо дар таҳкими давлатдории тоҷикистонӣ ва рушди фардо хеле бузург аст [5,6-М].

10. Ташаккули низоми «ҳукумати электронӣ» яке аз самтҳои калидии раванди ислоҳоти сиёсӣ ба шумор меравад. Ин раванд ба ташкили шакли нави фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ асос гузошта, истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар меҳвари худ қарор медиҳад. Татбиқи он имконият фароҳам меорад, ки сатҳи шаффофият ва дастрасии

хизматрасониҳо боло рафта, иттилооти марбут ба натиҷаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ ба ҷомеа фавран дастрас гардад ва заминаи нави ҳамкории шаҳрвандон бо давлат ташаккул ёбад. Ворид намудани унсурҳои идоракунии электронӣ ҳамчун як механизми муассири таҳкими волоияти қонун, такмили сохторҳо ва низомҳои давлатдорӣ арзёбӣ мегардад. Бо вуҷуди ин, зарфияти техникӣ, молиявӣ ва кадрии кишвар то имрӯз имкони комилан татбиқ намудани чунин моделро маҳдуд сохтааст. Дар натиҷа, ташаккули пойгоҳи устувори идоракунии электронӣ, ки барои мусоидат ба сиёсати давлатӣ ва татбиқи самтҳои он зарур мебошад, ҳанӯз дар марҳилаи ибтидоӣ қарор дорад ва ба рушди минбаъда ниёзманд аст [5,6-М].

11. Иқтисоди бозорӣ ба рушди босуръати иқтисодиёт ва амалинамоии таҷдиди техникии истеҳсолот ва сатҳи зиндагии мардум бояд мусоидат намояд. Дар амал ин кор имконнопазир буд, чунки замина барои усулҳои нав омода набуд ва усулҳои куҳна пурра рад шуданд [5,6-М].

12. Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат самти пешгирифтаи Ҳукуматро роҷеъ ба ислоҳоти ҷиддии иқтисодӣ таҷассум намуда, пеш аз ҳама, ба ташаккули иқтисоди бозории самаранок, устувории макроиқтисодии он, таъмини рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани некуаҳволии мардум равона гардида буд. Таҳлилҳо собит намуданд, ки муқаррароти асосии барномаи зикршуда аз вазъи иқтисодиёт ва самтҳои асосии рушди он, дарки зарурати дигаргуниҳои ҷиддӣ дар тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт бармеояд. Зеро дар ин давра роҳи ягонаи имконпазир дар самти таъмини устуворӣ ва раҳоӣ аз бухрони тағйирпазирии ҷомеа маҳз ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб мерафт [3,4-М].

13. Дар раванди ислоҳоти аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафи асосӣ ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти дохилӣ, афзоиши ҳаҷми маҳсулот, такмили сифати маҳсулоти аграрӣ, таъмини аҳолӣ бо озуқаворӣ ва муҷаҳҳаз сохтани як қатор корхонаҳои саноати

сабук бо ашёи хом равона гардид. Ин раванд ба тағйироти куллӣ дар сохтори бахши аграрӣ овард ва моҳияти онро пурра дигаргун сохт. Бо вуҷуди ин, дар давраи ислоҳот соҳаҳои савдо ва харид таназзулро таҷриба карданд. Ин ҳолат ба маҳдуд гардидани имкониятҳои фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда аз ҷониби хоҷагиҳои кишоварзӣ оварда расонд. Норасоии инфрасохтори зарурӣ, номувофиқатии сиёсати иқтисодӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, сатҳи пасти дастрасӣ ба иттилоот ва камбуди иртиботи устувор монеаи ҷиддӣ барои воридшавии истеҳсолкунандагони маҳаллӣ ба бозорҳои байниминтақавӣ ва ҷаҳонӣ гардид. Дар дохили кишвар низ раванди таъминоти бозорҳо ба мушкилот дучор омад. Арзиши баланди интиқоли бор, ки аксар вақт ба омилҳои ғайриистеъмолӣ вобаста буд, имкониятҳои паҳншавии маҳсулоти кишоварзиро маҳдуд сохт. Дар баробари ин, талаботи нисбатан пасти аҳолӣ ба маҳсулоти бахши хусусӣ, махсусан дар ноҳияҳо, бозори дохилиро то ҳадди муайян танг намуд ва имконияти рушди он ба таври ҷиддӣ махдуд гардид [3,6-М].

14. Пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ҷорӣ намудани шаклҳои нави идоракунии фаъолияти корхонаҳо ба миён омад. Дар он замон чунин ақида мавқеи асосӣ дошт, ки раванди хусусигардонӣ қодир аст ба ташаккули шаклҳои нави хоҷагидорӣ ва ҷорӣ шудани механизмҳои муосири идоракунӣ мусоидат кунад. Аз хусусигардонӣ интизор мерафт, ки заминаи ҷалби сармояи хориҷӣ фароҳам омада, имкониятҳои рушди минбаъдаи соҳаи саноат тақвият ёбанд. Бо вуҷуди ин, таҷрибаи воқеии солҳои аввали истиқлол нишон дод, ки аксарияти корхонаҳои хусусигардонидашуда, ки асосан ба кормандони худи ҳамон корхонаҳо вогузор мегардиданд, аз имкониятҳои молиявии зарурӣ барои фаъолияти минбаъда маҳрум буданд. Норасоии сармоя, набудани захираҳои техникӣ ва ноустувории муҳити иқтисодӣ боис гардид, ки қисми зиёди ин корхонаҳо фаъолияти худро боздоранд. Дар марҳилаҳои баъдӣ ин раванд ба пурра аз байн рафтани шумораи зиёди корхонаҳои саноатӣ анҷом ёфт [1,4,6-М].

## Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия

**Дар асоси таҳқиқоти мавзуи мазкур чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешавад:**

